ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ТАҲҚИҚИ СИСТЕМАВИИ РУШДИ КИШОВАРЗӢ

ТДУ: 339+339.1(575.3)
ТКБ: 65.9(2)8+65.9(2тоҷик)
З-35

Бо ҳуқуқи дастнавис



Зарипов Файзалӣ Абдухолиқович

АСОСҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ СИЁСАТИ ПРОТЕКСИОНИСТИИ ДАВЛАТ ДАР ВОРИДИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

диссертатсия барои дарёфти
дараҷаи илмии доктори (PhD) аз рӯйи ихтисоси
6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ)

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ,
дотсент Одиназода Ш.Т.

ДУШАНБЕ- 2026

МУНДАРИҶА

Номгӯйи ихтисораҳо		**3**
Муқаддима		**4**
БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ СИЁСАТИ ПРОТЕКСИОНИСТИИ ДАВЛАТ		**15**
1.1.	Назарияи институтсионалии сиёсати протексионистӣ	15
1.2.	Нақши протексионизми аграрӣ дар шароити муосир	32
1.3.	Таҷрибаи хориҷии протексионизми давлатии кишоварзӣ	55
БОБИ 2. ТАҲЛИЛ ВА БАҲОДИҲИИ ҲОЛАТИ РУШДИ ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН		**80**
2.1.	Таҳлили рушди кишоварзии ҷумҳурӣ ҳамчун асоси таъминоти озуқавории аҳолии кишвар	80
2.2.	Тамоюлҳои татбиқи модели воридотивазкунӣ дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ	98
2.3.	Нақши кишоварзӣ дар содирот ва вазъи кунунии самти содиротии соҳа дар ҷумҳурӣ	119
БОБИ 3. МУКАММАЛГАРДОНИИ СИЁСАТИ ПРОТЕКСИОНИСТИИ ДАВЛАТ ДАР ВОРИДИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН		**137**
3.1.	Муаммоҳои фаъолгардонии сиёсати институтсионалии протексионизм ва роҳҳои ҳалли он дар вориди маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон	135
3.2.	Механизми мукаммалгардонии сиёсати протексионистӣ дар вориди маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон	153
3.3.	Консепсияи идоракунӣ ва самаранокии сиёсати протексионистӣ дар воридоти маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи солҳои 2030	171
ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО		**188**
РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА		**194**

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

АИКТ – Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

КАС- комплекси агросаноатӣ

КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

ИА – Иттиҳоди Аврупо

СУС – Созмони умумиҷаҳонии савдо

млрд – миллиард

млн – миллион

долл. – доллари ИМА

МУҚАДДИМА

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Дар марҳилаи кунунии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ тамоюли тақвияти сиёсати протексионистӣ дар бисёр кишварҳо ба таври назаррас афзоиш ёфта истодааст. Махсусан, ин раванд дар соҳаи кишоварзӣ зоҳир гардида, бо ҳадафҳои таъмини устувории бозори дохилӣ ва амнияти озуқаворӣ алоқамандии мустақим дорад. Бинобар ин, тағйироти пайвастаи муҳити беруна зарурати таҳлили таъсири омилҳои гуногунро ба ташаккул ва татбиқи сиёсати иқтисодӣ ва интихоби воситаҳои мувофиқи протексионистӣ ба миён меорад. Таҷрибаи кишварҳои рӯ ба тараққӣ собит месозад, ки татбиқи протексинизм метавонад барои тақвияти истеҳсолоти ватанӣ бо роҳи маҳдуд сохтани рақобати хориҷӣ заминаи мусоид таъмин намояд.

Бевосита дар шароити тағйирёбии босуръати муҳити иқтисодии ҷаҳонӣ ва зиёд гардидани омилҳои беруна, таъмини рушди устувори истеҳсолоти ватанӣ ва таҳкими иқтидори дохилии иқтисодӣ аҳаммияти махсус пайдо менамояд. Дар ин асос, воридивазкунӣ ва кам кардани вобастагӣ аз бозорҳои хориҷӣ ҳамчун самтҳои зарурии сиёсати иқтисодӣ баромад мекунанд. Ин ҳолат зарурати таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва механизмҳои амалии қисми протексионистии сиёсати иқтисодиро муайян мекунанд, ки бештар аз ҳама дар низоми агросаноатӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Ҳеҷ як кишвари пешрафтаи ҷаҳон наметавонад аз ин мушкилот канорагирӣ кунад. Инҳо, пеш аз ҳама, ҳимоятгарии давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ, дастгирии мустақими буҷети давлатӣ ва шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои маъмурии танзими иқтисодӣ, инчунин, фаро гирифтани ташаккули муҳити рақобатпазир дар бозорҳо, беҳтарсозии фаъолияти соҳибкорию истеҳсолоти ватанӣ ва таъмини баландшавии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот равона гардидаанд.

Бояд қайд кард, ки тақвияти дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ дар солҳои охир яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иқтисодии кишвар ба шумор

рафта, дар ин замина ҳам низоми дастгирии давлатӣ густариш ёфта ва ҳам маблағгузории буҷетӣ зиёд гардидааст.

Ин чораҳо, дар баробари беҳтар шудани шароити макроиқтисодӣ, устуворӣ ва афзоиши истеҳсоли кишоварзиро низ таъмин карданд. Бо вуҷуди тараққиёти муайян шароити мусоид барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва иҷтимоии деҳот мавҷуд нест. Бинобар ин, зарурати ҷорӣ намудани равандҳои нави сиёсати аграрӣ ба миён меоянд, ки ҳадафи онҳо баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии истеҳсолот, инчунин, беҳсозии сатҳи даромаду рушди деҳот мебошад.

Танзими давлатӣ, бахусус дар самти тақвияти протексионизм дар якҷоягӣ бо рушди соҳибкории аграрӣ дар марҳилаи кунунӣ бояд барои рушди пешрафтаи истеҳсолоти кишоварзӣ шароит фароҳам оварад.

Дар ин робита, мушкилоти такмили низоми чораҳои протексионистии кишоварзӣ ва муайян кардани дастурҳои зарурӣ барои таҳияи усулҳо, воситаҳо ва шаклҳои муассири таъсир ба субъектҳои кишоварзӣ дар ҳама сатҳҳо ин мавзуи диссертатсияро хеле муҳим мегардонад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Таҳқиқ ва асосноккунии муқаррароти назариявӣ оид ба танзими иқтисодии давлатии кишоварзӣ ва протексионизм бар асоси асарҳои классикони иқтисоди сиёсӣ: Д. Стиглитс [45], Ф. Фонд [46], Б. Фредерик [47], Л. Фридрих [48] анҷом дода шуданд. Дар таҳияи ҷанбаҳои методологӣ ва амалии беҳтар кардани омилҳои иқтисодии дастгирии давлатии кишоварзӣ аз ҷониби олимони зерини рус саҳми назаррасе гузошта шудааст, ба мисли В. Березенко [20], Т. Бондарчук [22], Е. Воробев [23], И. Иванов [24], В. Ничаев [33], П. Парамонов [40] ва дигар муаллифон.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои мазкур дар асарҳои Ҷ. Пиризода [91], Ш. Қодирзода [27], Ш. Одиназода [37], [38], Ш. Раҳимзода [43], А.Б. Мирсаидов [31], Л. Саидмуродзода [46] ва дигарон мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд. Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ дар бораи протексионизми аграрӣ таҳқиқоти гуногун мавҷуданд. Масалан, муаммоҳои назариявие, ки бо нақши дастгирии давлат дар раванди фаъолияти истеҳсоливу иқтисодӣ ва ташаккули

шароиту механизмҳои зарурии таъмини рақобатпазирӣ алоқамандand, дар корҳои олимони тоҷик дар доираи пажӯҳиши танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Масъалаҳои муҳиммияти сиёсати неопротексионистии аграрӣ барои таъмини рушди дарозмуддати КАС ва як қатор сабабҳои монеаъэҷодкунанда, ки дар роҳи он қарор дораду зарурати такмили механизмҳои неру бахшидани раванди воридотивазкунӣ тақозо менамояд, дар асарҳои илмии Ҷ. Пиризода мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар асарҳои А.Б. Мирсаидов бошад, таъсири муҳити институтсионалӣ дар тарҳу шаклгирии сиёсати неопротексионистии аграрӣ, фазои фарогирии муҳити институтсионалӣ ва инъикоси он дар низоми дастгирии давлатии соҳа ва идоракунии раванди воридотивазкунӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодиву иҷтимоӣ дар иқтисоди аграрӣ мусоидат менамояд, таъкид шудааст.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 5 марти соли 2007, № 241, бо тағйиру иловаҳо аз 18 марти соли 2022, № 1866), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» (15 марти соли 2016, № 1299), “Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (аз 31 декабри соли 2008, №658), «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2022», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2020», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», «Барномаи рушди низоми кишоварзӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030» (аз 01 марта 2023 года, №54), «Барномаи давлатии рушди содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» алоқамандӣ дорад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Тадқиқоти илмӣ ба омӯзиши заминаҳои назариявии, ташкилӣ ва иқтисодии ташаккул ва татбиқи сиёсати протексионистии давлат дар соҳаи воридоти маҳсулоти кишоварзӣ равона гардидааст.

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт, афзоиши рақобати байналмилалӣ ва вобастагии бозори дохилӣ аз маҳсулоти воридотӣ масъалаи ҳифзи истеҳсолкунандагони маҳаллӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Барои Тоҷикистон, ки соҳаи кишоварзӣ яке аз бахшҳои муҳими иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад, сиёсати оқилонаи танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ метавонад барои рушди истеҳсолоти дохилӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ замина фароҳам оварад.

Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ такмили асосҳои методологӣ ва амалии ташаккул ва татбиқи сиёсати дастгирии давлатии бахши кишоварзӣ бо истифода аз воситаҳои неопротексионистӣ аст, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирӣ, таъмини рушди босуръат ва устувории соҳа равона шудаанд.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба ҳадафи гузошташуда дар доираи таҳқиқот вазифаҳои илмии дахлдор муайян ва мавриди таҳлил қарор дода шуда, роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод гардидаанд:

- муайян намудани заминаҳои назариявӣ ва институтсионалии ташаккули сиёсати протексионистӣ, таҳияи таснифи омилҳои таъсиррасон ба ташаккул ва татбиқи он дар сатҳи давлатӣ;

- омӯзиши равишҳо ва механизмҳои нави танзими давлатӣ ба воридоти маҳсулоти кишоварзӣ дар асоси принсипҳо ва воситаҳои сиёсати протексионистӣ;

- арзёбии хусусиятҳо ва мушкилоти рушди истеҳсолоти кишоварзӣ дар шароити афзоиши воридоти маҳсулот;

- таҳия ва пешниҳод намудани модели муосири сиёсати протексионистӣ ва пешгӯии рушди он то соли 2030.

Объекти таҳқиқот муносибатҳои иқтисодию институтсионалӣ мебошанд, ки дар раванди ташаккул ва татбиқи сиёсати протексионистии

давлат нисбат ба воридоти маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд.

Фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки дар шароити рушди механизмҳои бозории фаъолияти соҳаҳои кишоварзӣ ва татбиқи сиёсати воридотивазкунанда дар соҳаи аграрӣ татбиқи сиёсати илман асосноки непротексионизми аграрӣ на танҳо ба ғанигардии бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, балки ба рақобатпазирии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ва болоравии самаранокии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ мусоидат мекунад.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот ин муқаррароти асосии назарияи иқтисодии институтсионалӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ мебошанд, ки дар асарҳои бунёдии олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба танзими муносибатҳои иқтисоди беруна дар иқтисодиёти аграрӣ, инчунин, санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрҳои мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудааст.

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ маҷмуи усулҳои илмӣ, аз ҷумла таҳлили системавӣ ва муқоисавии равандҳо, абстраксияи илмӣ, моделсозии консептуалӣ ва тадқиқоти сотсиологӣ барои омӯзиши равандҳо ва фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ анҷом дода шудаанд.

Сарчашмаи таҳқиқот. Дар баррасӣ ва арзёбии мавзуи таҳқиқшаванда ба таври комил ва сатҳӣ аз маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи солонаи соҳаи кишоварзӣ новобаста аз шакли моликияташон (хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагиҳои аҳолӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ, кооператсияҳои истеҳсолию тиҷоратӣ), мушоҳидаҳои муаллиф, адабиёти махсуси илмӣ истифода бурда шудаанд. Инчунин, маводи нашрияҳои даврӣ ва захираҳои иттилоотии шабакаи Интернет истифода шудаанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Диссертатсия дар шуъбаи омӯзиш ва мониторинги озуқаворӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ солҳои 2019-2026 анҷом дода шудааст.

Навоварии таҳқиқот дар такмили асосҳои назариявӣ ва амалии сиёсати давлатии дастгирии кишоварзӣ, инчунин, асоснок намудани истифодаи механизмҳо ва воситаҳои нави неопротексионизми аграрӣ барои татбиқи самараноки стратегияи воридотивазкунӣ дар комплекси агросаноатӣ (КАС) ифода меёбад.

Аз таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаҳои зерини назариявӣ ва амалӣ ба даст омадааст, ки навгонии илмиро муайян менамояд:

- асосҳои институтсионалии протексионизми кишоварзӣ такмил дода шуда, он ҳамчун зерсистемаи танзими давлатии рушди соҳа баррасӣ гардидааст, ки тавассути маҷмуи механизмҳо ва чораҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ, рушди рақобатпазирии истеҳсолоти кишоварзӣ ва татбиқи стратегияи воридотивазкунанда равона мегардад;

- механизми танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ дар асоси таҳлили меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ такмил дода шуд; таъмини амнияти озуқаворӣ ва афзалият додан ба истеҳсолоти дохилӣ дар ҳолатҳои имконпазир ё воридот боиси бад шудани вазъи соҳаҳои он ва коҳиши фоиданокии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ мегардад; пешниҳод карда мешавад, ки чораҳои муҳофизатӣ дар шакли маҳдудиятҳои миқдорӣ ё ҷорӣ кардани боҷҳои гумрукӣ ба андоза ва барои муҳлате, ки барои бартараф кардани зарари назаррас ё пешгирии таҳдиди чунин зарар заруранд, андешида шаванд;

- дар асоси таҳлили динамикаи воридоти маҳсулоти кишоварзӣ омилҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ ва бозории таъсиррасон муайян ва арзёбӣ гардида, таъсири афзоиши истеҳсоли дохилӣ ба коҳиши ҳиссаи маҳсулоти воридотӣ дар сохтори фурӯши чаканаи маҳсулоти хӯрокворӣ асоснок карда шуд; маҷмуи чораҳои институтсионалӣ ва иқтисодии сиёсати неопротексионизми аграрӣ, ки

ба ҳифзи бозори дохилӣ, дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва таҳкими рақобатпазирии онҳо равона шудаанд, асоснок карда шуда, афзалияти асосии онҳо дар рушди инфрасохтор, илм ва инноватсия, ҷалби сармоягузорӣ ва баланд бардоштани тахассуси кадрҳо муайян гардиданд. Самтҳои стратегии рушди соҳа бо дарназардошти таъмини устувории бозори озуқаворӣ, коҳиш додани вобастагии воридотӣ, баланд бардоштани сатҳи худтаъминкунӣ ва васеъ намудани иқтидори содиротии маҳсулоти кишоварзӣ асоснок карда шуданд;

- консепсияи муосири неопротексионизми кишоварзӣ таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст, ки татбиқи танзими ҳамаҷонибаи давлатии бахши кишоварзиро бо истифодаи маҷмуи чораҳои ғайритарифии маҳдудкунанда пешбинӣ менамояд. Дар доираи консепсияи пешниҳодшуда самтҳои асосии коҳиш додани вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти кишоварзӣ, ҳифзи бозори дохилӣ, дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва механизмҳои амалисозии онҳо муайян ва асоснок гардидаанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- муайян ва асоснок карда шудааст, ки маҷмуи омилҳои хоси истеҳсолоти кишоварзӣ, аз ҷумла вобастагӣ аз шароити табиӣ-иқлимӣ, хавфҳои истеҳсолӣ, сармояталабӣ, маҳдудияти захираҳои заминӣ ва ноустувории талаботу пешниҳод, маҳдудиятҳои объективии рақобатпазирии соҳаи кишоварзиро дар шароити бозори озод ба вуҷуд меоранд. Дар асоси ин хулоса зарурати татбиқи механизмҳои нави дастгирии давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ, ки ба принсипҳои сиёсати неопротексионизми аграрӣ такя менамоянд, аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст;

- дар асоси омӯзиш ва таҳлил асоснок карда шудааст, ки таҷрибаи татбиқи чораҳои маъмурӣ ва иқтисодии дастгирии давлатии кишоварзӣ дар кишварҳои ИДМ нишон медиҳад, ки мутобиқсозии унсурҳои самараноки сиёсати аграрии Ҷумҳурии Узбекистон ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ҳамчун самти такмили механизмҳои дастгирии давлатии кишоварзӣ пешниҳод карда шавад;

- дар натиҷаи арзёбии гузаронидашуда муайян гардид, ки низоми дастгирии давлатии кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои як қатор маҳдудиятҳои институтсионалӣ ва иқтисодӣ буда, мутобиқати он ба самтҳои стратегии рушди соҳа нокифоя мебошад. Ин ҳолат истифодаи пурраи имкониятҳои дастгирии давлатиро барои тавсеаи истеҳсолоти ватанӣ, коҳиши вобастагии воридотӣ ва рушди инноватсионии соҳа маҳдуд менамояд. Аз ин рӯ, зарурати бозсамтгирии сиёсати давлатӣ ба ҳавасмандгардонии инноватсия ва рушди истеҳсолоти рақобатпазир асоснок шудааст; тамоюлҳо ва омилҳои асосии тағйирёбии маблағгузории буҷетӣ, инчунин, шаклҳои мустақим ва ғайримустақими дастгирии давлатии кишоварзӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетҳои ҳама сатҳҳо муайян карда шудааст. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот шаклҳои такмилёфтаи дастгирии давлатӣ асоснок ва пешниҳод гардидаанд, ки бо дарназардошти принсипҳои муносибатҳои бозорӣ ба истифодаи мақсадноки маблағҳои давлатӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ, афзоиши даромади аҳолӣ, таҳкими таъминоти озуқаворӣ ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии ҳамаи иштирокчиёни бозор мусоидат менамоянд;

- консепсияи муосири сиёсати неопротексионизми аграрӣ таҳия ва асоснок гардидааст, ки ҳамчун механизми ҳифзи истеҳсолкунандагони ватании маҳсулоти кишоварзӣ аз фишори рақобати воридотӣ баромад намуда, барои баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти миллӣ, рушди устувори деҳот ва таҳкими амнияти озуқаворӣ замина фароҳам меорад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз маҷмуи муқаррароти метологиву методие иборат аст, ки заминаи мукаммалгардонии масъалаҳои дастгирии давлатии фаъолияти истеҳсоливу иқтисодии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ бо мақсади расидан ба ҳадафҳои сиёсати воридотивазкунанда дар соҳаи таҳқиқшаванда мебошад. Инчунин, равиши институтсионалии татбиқи сиёсати неопротексионизми аграрӣ дар соҳаи кишоварзӣ таҳия ва муайян карда мешавад, ки имкон медиҳад доираи васеи падидаҳо ва омилҳои ба ин равандҳо таъсиррасон муайян ва таҳлил карда шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки қоидаҳои назариявии дар диссертатсия ҷойдошта, тавсияҳои таҳияшуда, хулосаҳои баёнгардида ва пешниҳодоти дар асоси онҳо омодашуда аз тарафи корхонаҳои кишоварзӣ дар низоми идоракунии фаъолияти муносибатҳои иқтисодии беруна, ҷараёнҳои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти истеҳсоли маҳсулоти содиршаванда ва воридотивазкунанда, зимни таҳияи барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуддати рушди иқтисодиёти аграрӣ, тасҳеҳи сиёсату стратегияи рушди бахши содиротӣ метавонанд корбурд гарданд. Муносибатҳои илмии пешниҳодшуда ба такмили ташаккули босуръати татбиқи сиёсати воридотивазкунанда ҳам дар сатҳи минтақа ва ҳам бевосита дар худи ташкилотҳои кишоварзӣ мусоидат менамоянд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, баррасии миқдори зарурии маводи дар ҷараёни таҳқиқот истифодашаванда, эътимоднокии манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашуда ва коркардашуда оид ба мавзуи таҳқиқот, тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф ва як қатор натиҷаҳои дигари қаблан бадастовардашуда дараҷаи эътимоднокии рисоларо инъикос менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва эмпирикӣ пешниҳод карда шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) мувофиқат мекунад: 2. Назарияҳои рушди хоҷагии ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ. Таҳлил ва арзёбии консепсияҳои муосир; 3. Тақсимоти байналмилалии меҳнат ҳамчун неруи ҳаракатдиҳандаи инкишофи робитаҳои умумиҷаҳонии истеҳсолӣ, инвеститсионӣ, молиявию қарзӣ, илмию техникӣ, тиҷоратӣ ва ғайра; 5. Равандҳои ҳамгироӣ дар минтақаҳои рушдёфта ва рушдёбандаи ҷаҳон, қонуниятҳои инкишофи ин равандҳо, арзёбии дурнамои ҳамгироиҳои блокҳо ва

иттиҳодияҳои гуногуни тиҷоратиию иқтисодӣ; 7. Баҳамвобастагии байналмилалии иқтисодӣ. Таъмини инкишофи устувори иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ. Стратегияҳои миллии инкишофи иқтисодӣ; 18. Стратегияҳои муосири бозорӣ ва нақши онҳо дар инкишофи мубодилаи байналмилалӣ. Ҷанбаҳои методии рақобатпазирии байналмилалӣ. Шакл ва усулҳои рақобат дар бахшҳои алоҳидаи бозори ҷаҳонӣ; 25. Иқтисоди миллии кишварҳои алоҳида дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ: проблемаҳои муносибгардонии ҳамкорӣ ва таъмини манфиатҳои миллии иқтисодӣ. Мухолифатҳои байналмилалии иқтисодӣ, сабабҳо ва методҳои ҳалли онҳо; 26. Манфиатҳои иқтисодии хориҷии Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ ва дар муносибат бо кишварҳои алоҳида ва гурӯҳи кишварҳо. Проблемаҳои геоиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, афзалиятҳои стратегии он ва дурнамои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Муаллиф дар тавсеаи асосҳои назариявию методологии сиёсати протексионистии давлат, такмили асосҳои институтсионалии танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ ва муайян намудани механизмҳои самараноки татбиқи онҳо дар шароити иқтисоди муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас гузоштааст. Ҳамзамон, дар натиҷаи омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва амалии сиёсати протексионистӣ омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди низоми институтсионалии танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ муайян гардида, ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатӣ дар ин самт пешниҳодҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок таҳия шудаанд. Илова бар ин, муаллиф натиҷаҳои таҳқиқоти илмии худро дар як қатор конференсияҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввари илмӣ мавриди баррасӣ қарор дода, натиҷаҳои асосии таҳқиқотро ба ҷомеаи илмӣ пешниҳод намудааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои асосӣ ва муқаррароти кори илмии пешниҳодгардида дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои илмию амалӣ миёни олимони ҷавон ва унвонҷӯёни ҶТ (солҳои 2020 - 2026), Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (солҳои 2020 - 2021), Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон (соли 2022-2025), АИКТ (соли 2020-2026), Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ (солҳои 2020-2026), Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (солҳои 2025) маъруза гардида, аз тарафи ширкаткунандагони онҳо мақбул дониста шудаанд.

Муқаррароти асосии назариявӣ, хулоса ва тавсияҳоеро, ки дар таҳқиқот асоснок карда шудаанд, дар фаъолияти амалии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (санади татбиқ №2/8-1289 аз 27.12.2025с.) ва дар раванди таълим дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (санади татбиқ №80-1 Ф/А аз 21.12.2025с.) мавриди истифода қарор дорад.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Муқаррарот ва натиҷаи асосии таҳқиқоти мазкур дар 15 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 6-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ чоп шудааст. Ҳаҷми умумии мақолаҳои нашршуда оид ба мавзуи таҳқиқоти илмӣ 6,3 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаву пешниҳодот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки фарогири 126 номгӯй аст, иборат аст. Матни асосии диссертатсия дар 212 саҳифаи компютерӣ баён гардидааст, ки фарогири 10 ҷадвал ва 9 расм мебошад.

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ СИЁСАТИ ПРОТЕКСИОНИСТИИ ДАВЛАТ

1.1. Назарияи институтсионалии сиёсати протексионистӣ

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва тараққиёти иқтисодиёти бозорӣ ҳар як давлат барои таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ сиёсати иқтисодии ҳамаҷониба ва мутобиқшавандаро татбиқ менамояд. Дар шароити мураккаби муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ барои давлат муҳим аст, ки байни кушодагии иқтисодӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ тавозуни муносибро таъмин намояд. Ҳамин тариқ, истифодаи самараноки имкониятҳои бозори ҷаҳонӣ бояд бо рушди иқтидорҳои истеҳсолии дохилӣ, тақвияти дастгирии соҳибкорӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ҳамоҳанг карда шавад. Танҳо дар чунин ҳолат имкони ташаккули иқтисоди устувор ва камосеб дар баробари тағйироти муҳити беруна фароҳам мегардад.

Равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодӣ имкониятҳои нави рушди иқтисодӣ ва ҳамгироии кишварҳоро ба иқтисоди ҷаҳонӣ васеъ намуда, дар баробари ин, таъсири омилҳои берунаро ба равандҳои иқтисодии дохилӣ, устувории бозорҳо ва рақобатпазирии истеҳсолоти миллӣ бештар мегардонад. Пайвастани иқтисоди миллӣ ба занҷираҳои байналмилалии истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ метавонад ба рушди содирот, воридшавии сармоя ва таҷдиди технологӣ мусоидат намояд.

Дар чунин вазъият давлатҳо бояд механизмҳо ва воситаҳои муассиреро истифода баранд, ки тавонанд устувории бозори дохилиро таъмин намоянд. Дар шароити таҳкими равандҳои ҷаҳонишавӣ осебпазирии иқтисоди миллӣ нисбат ба таъсири омилҳои беруна меафзояд. Ин ҳолат, пеш аз ҳама, дар тавсеаи рақобати ширкатҳои трансмиллӣ, афзоиши воридоти молу хизматрасониҳои хориҷӣ, ноустувории конъюнктураи нархӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва афзоиши вобастагӣ аз сармоя, захираҳои истеҳсолӣ ва технологияҳои хориҷӣ инъикос меёбад. Дар натиҷа, масъалаи ҳифзи манфиатҳои миллӣ, нигоҳ

доштани тавозуни иқтисодӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ ба яке аз самтҳои стратегӣ ва аввалиндараҷаи сиёсати давлатӣ табдил меёбад.

Таҷрибаи таърихии рушди иқтисоди ҷаҳон нишон медиҳад, ки давлатҳо ҳамеша дар ҷустуҷӯи воситаҳои самараноки ҳимояи иқтисоди худ дар шароити рақобати байналмилалӣ будаанд. Механизми интихоби сиёсати иқтисодии давлат барои ҳамаи кишварҳо яксон буда наметавонад, зеро он, пеш аз ҳама, ба хусусиятҳои муҳити иқтисодиву иҷтимоӣ ва самтҳои рушди миллии онҳо вобаста аст.

Дар адабиёти иқтисодӣ вобаста ба муносибати давлат ба бозори дохилӣ ва рақобати байналмилалӣ ду модели асосӣ ҷудо карда мешавад. Модели ҳимоягароӣ истифодаи тадбирҳои гуногунро барои дастгирии истеҳсолоти миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии дохилӣ пешбинӣ менамояд. Ҳадафи он фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти истеҳсолкунандагони ватанӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба фишори рақобати беруна мебошад. Баръакси он, модели савдои озод ба кам намудани монеаҳои тиҷоратӣ, осон намудани дастрасӣ ба бозорҳо ва рушди васеи муносибатҳои мубодилавии байналмилалӣ такя мекунад.

Дар амал, аксари давлатҳо на ба як модели холис, балки ба омезиши оқилонаи ин ду равиш такя мекунанд, то тавонанд ҳам манфиатҳои дохилӣ ва ҳам имкониятҳои ҷаҳониро ба таври мувозинатнок истифода баранд.

Дар раванди таҳаввули таърихии афкори иқтисодӣ, назарияҳои классикӣ ва мактабҳои гуногун дар ташаккули сиёсати тиҷоратии давлатҳо нақши муҳим мебозанд. Бо ташаббуси иқтисоддони маъруф Адам Смит, сиёсати иқтисодии даврaҳои асрҳои XVI–XVIII, ки бештар ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва танзими шадиди савдо нигаронида шуда буд, дар илми иқтисод ҳамчун меркантилизм маъруф гардид. Гарчанде ки дар илми муосир мафҳумҳои «меркантилизм» ва «протексионизм» пурра яксон нестанд ва ҳар кадом хусусиятҳои назариявии худро доранд, дар адабиёти таърихӣ онҳо аксаран ҳамчун падидаҳои ба ҳам наздик баррасӣ мешаванд, зеро ҳар ду ба тақвияти нақши давлат дар иқтисод ва афзалияти манфиатҳои миллӣ равона шудаанд. Меркантилизм асосан ба

ҷамъоварии сарватҳои пулии тилло ва нуқра тавассути таъмини тавозуни мусбати савдо диққат медод, дар ҳоле ки протексионизм дар шакли муосири худ доираи васеи воситаҳои сиёсати иқтисодӣ, аз ҷумла абзорҳои тарифӣ ва ғайритарифиро дар бар мегирад ва бештар ба рушди саноати миллӣ ва рақобатпазирии он нигаронида шудааст. Ба гуфтаи таърихшиноси иқтисодӣ П. Байрох, аз солҳои 1840-ум сар карда, истилоҳи «меркантилизм» тадриҷан дар адабиёти илмӣ ва сиёсати иқтисодӣ бо мафҳуми «протексионизм» иваз гардид, ки ин раванд ифодаи тағйироти амиқ дар сохтор ва механизми сиёсати тиҷоратии давлатҳо дар шароити ташаккули иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад.

«... Меркантилизми ибтидоӣ (монетарӣ) дар давраи ибтидоии таназзули хоҷагии натуралӣ ва афзоишёбии гардиши пул, инчунин, дар даврони низоъҳои доимии ҷангӣ барои бадастории бозорҳои нави фурӯш рушд меёфт» [109, с. 156].

«Дар даврони парастории меркантилизм сиёсати маҳдудиятҳои савдоӣ, ки маҳдудсозии воридот ва пешгирии содироти металлҳои қиматбаҳоро пешбинӣ менамуд, асосан ба воситаи чораҳои маъмурӣ амалӣ карда мешуд. Баъд аз ин рушди истеҳсолоти молӣ ба азнавбаҳодиҳии ғояҳои меркантилизми ибтидоӣ мусоидат намуд, ки ин ба тағйирёбии афзалиятҳо ва механизмҳои сиёсати протексионизм оварда» [22, с. 32].

Механизми татбиқи сиёсати протексионизм аз ҷониби намояндаи мактаби меркантилизми баъдӣ моҳиятан мукаммал гардонида шуд. Дар ин раванд саҳми Т. Бандарчук махсусан муҳим буда, андешаҳои ӯ дар ташаккули принсипҳои асосии меркантилизми баъдӣ мавқеи хос доранд. Ба ақидаи ӯ, “... ноил шудан ба ин ҳадаф тавассути ҳавасманд намудани содирот ва маҳдуд кардани воридоти молҳо имконпазир буд” [22, с. 32].

Протексионизм дар ин давра асосан тавассути чораҳои мустақими танзими савдои хориҷӣ амалӣ мегардид. Дар доираи сиёсати протексионистӣ давлатҳо ҷиҳати ҳифзи истеҳсолоти миллӣ ва таҳкими мавқеи истеҳсолкунандагони ватанӣ тарифҳои гумрукиро баланд намуда, нисбат ба воридоти баъзе намудҳои мол маҳдудиятҳои тарифӣ ва маъмурӣ ҷорӣ

мекарданд. Барои рушди содирот низ дастгирии молиявӣ ва имтиёзҳои махсус пешниҳод мешуд. Дар баробари ин, истифодаи стратегияи демпингӣ барои ба даст овардани мавқеи устувор дар бозорҳои хориҷӣ ва маҳдуд намудани гардиши молҳои хориҷӣ дар дохили кишвар аз ҷумлаи воситаҳои татбиқи чунин сиёсат ба ҳисоб мерафтанд. Ғайр аз ин, аз "ҷониби тарафдорони ғояи меркантилизми баъдӣ татбиқи як қатор шаклҳои ғайримустақими ҳифзи бозори дохилӣ пешкаш гардидаанд, ки ба ташкили истеҳсолоти дохилии молҳо, ки пештар аз хориҷи кишвар ворид карда мешуданд, баландбардории самараноки истифодабарии захираҳои табиӣ ва ҳавасмандгардонии экспансияи колониалӣ равона карда шудаанд" [32, с. 28]. Яке аз марҳилаҳои аввалини ташаккули ғояҳои ҳимоягароии иқтисодӣ ба давраи ҳукмронии меркантилизм мансуб аст. Дар ин давра савдои байналмилалӣ на танҳо ҳамчун воситаи мубодилаи мол, балки ҳамчун механизми таҳкими қудрати иқтисодии давлат баррасӣ гардид. Аз ин рӯ, андешаҳо оид ба дастгирии содирот, маҳдудсозии воридот ва иштироки фаъоли давлат дар муносибатҳои тиҷоратӣ тадриҷан заминаи назариявии протексионизмро ба вуҷуд оварданд.

«Аз як тараф, рушди ғояҳои савдои озод, аз тарафи дигар, рушди капитализм, инқилоби саноатӣ-техникӣ ба либерализатсияи низоми тиҷоратӣ мусоидат менамуданд, дар вақте ки мамлакатҳои қатори дуюм тарафдори принсипҳои меркантилизми баъдӣ буда, характери муҳофизатии сиёсати иқтисодии худро нигоҳ доштаанд» [22, с. 33].

Моҳияти сарчашмаҳои рушди иқтисодӣ дар даврaҳои гуногуни таърихӣ яксон набудааст. Барои меркантилистҳо маҳз тавсеаи савдои хориҷӣ ва афзоиши воридшавии сарват ба мамлакат омили асосии қудрати иқтисодии давлат маҳсуб мешуд. Бо гузаштан ба марҳилаи индустриалӣ ва баъдан ба иқтисодиёти донишбунёд нақши истеҳсолот, махсусан саноат, дар ташаккули даромад ва таъмини некуаҳволии аҳолӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт. Дар натиҷа, дар шароити ҷаҳонишавӣ протексионизм низ аз шакли анъанавии ҳимояи бозори дохилӣ берун рафта, тадриҷан вазифаҳои марбут ба рушди саноат, ҳифзи иқтидори истеҳсолӣ, дастгирии технологияҳои нав ва баланд

бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллиро фаро гирифт. Чунки «ҷаҳонишавӣ маънои тақвияти вобастагии байниҳамдигарӣ ва таъсири амалан тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ: иқтисод, сиёсат, идеология, иҷтимоӣ, фарҳанг, маориф ва илм, экология, амният, тарзи ҳаёт, худи шароити мавҷудияти тамаддунро дар назар дорад» [28, с. 14].

Дар шароити иқтисодиёти ҷаҳонишаванда протексионизм ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми сиёсати иқтисодии давлат на барои ҷамъоварии сармояи ғуншуда, балки барои ҳифзи иқтидори истеҳсоли миллӣ, дастгирии соҳаҳои афзалиятнок ва муқовимат ба шаклҳои гуногуни рақобати ноодилонаи хориҷӣ истифода мегардад. “Як қатор асосҳои фаъолияти муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ аз ҷониби меркантилистон муайян карда шуда буд, ки онҳо масъаларо оид ба фоиданокии савдои беруна барои давлат аниқ дида баромада буданд” [27, с. 55].

Назарияи протексионизм дар шакли мукаммалтарини худ аз ҷониби иқтисоддони немис Фридрих Лист дар миёнаҳои асри XIX таҳия ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст. Ӯ дар асари машҳури худ “Системаи миллии иқтисоди сиёсӣ» ба таври муфассал масъалаҳои марбут ба зарурати ҳифзи иқтисоди миллӣ, ташаккули иқтидори истеҳсолии дохилӣ ва дастгирии соҳаҳои стратегии саноатро баррасӣ менамояд”. Мувофиқи назарияи Ф. Лист, рушди дарозмуддати иқтисодӣ иштироки фаъоли давлатро тақозо намуда, сиёсати давлатӣ бояд ба таҳкими истеҳсолоти миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар равона гардад.

Ин назария танҳо ба таҳлили таҷрибаи таърихии кишварҳои пешрафта такя намекунад, балки натиҷаи ҷамъбасти васеи афкори иқтисодии як қатор мутафаккирон ва амалдорони даврaҳои гуногун низ ба ҳисоб меравад. Пеш аз ташаккули шакли мукаммали он аз ҷониби Лист, бисёр иқтисоддонҳо ва сиёсатмадорон дар асарҳо ва баромадҳои худ зарурати ҳифзи манфиатҳои иқтисоди миллӣ ва маҳдуд кардани таъсири рақобати берунаро таъкид карда буданд. Аз ҷумла, намояндагони афкори иқтисодии англисӣ ва аврупоӣ, ба монанди Франсис Бэкон (1561–1626) ва Антонио Серра (асри XVII), инчунин,

мутафаккирони амрикоӣ, ба мисли Александр Гамилтон (1755–1804) ва Генри Чарлз Кэри (1793–1879) дар асарҳои худ ғояҳои ба протексионизм наздикро пешниҳод намуда, аҳаммияти рушди саноати миллӣ ва ҳимояи онро аз рақобати нобаробари хориҷӣ асоснок мекарданд.

Назарияи Фридрих Лист ҳамчун як марҳилаи муҳимми таҳаввули афкори иқтисодӣ баромад намуда, андешаҳо ва таҷрибаҳои парокандаи пешгузаштагонро дар доираи як консепсияи ягона ва муназзам муттаҳид сохт. Андешаҳои ӯ дар бораи иштироки фаъоли давлат ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар ташаккули минбаъдаи сиёсати иқтисодию тиҷоратии давлатҳо нақши муҳим бозиданд.

“Протексионизм, тавре ки онҳо изҳор доштанд, ихтирои каллаҳои спекулативӣ нест, балки бо хоҳиши табиии миллатҳо ба ҳифзи худ ва таъмини некуаҳволӣ ва шукуфоии онҳо ё барқарор кардани ҳукмронии онҳо бар миллатҳои дигар ба вуҷуд омадааст” [49, с. 25]. Яке аз ғояҳои асосие, ки Фридрих Лист (ва пеш аз ӯ - як қатор иқтисодчиёни дигар) ба миён гузошт ва ба он далел овард, ин буд, ки протексионизм як системаи иқтисодии аз ҷониби инсоният барои рушди саноат ва болоравии некуаҳволии он таҳияшуда мебошад ва ин рушдро касе таъмин карда наметавонад ба тариқи дигар ин “табиӣ” мебошад.

Фридрих Лист, олими маъруфи олмонӣ, дар илми иқтисодӣ назарияи «протексионизми тарбиявӣ»-ро асоснок намуд, ки ба нақши фаъоли давлат дар дастгирӣ ва ҳифзи соҳаҳои навташаккулёбанда ва дорои аҳаммияти стратегӣ асос меёбад. Мувофиқи ин консепсия, дар марҳилаҳои аввали рушди иқтисодӣ давлат бояд тавассути истифодаи воситаҳои тарифӣ, ғайритарифӣ ва механизмҳои ҳавасмандгардонӣ барои ташаккули иқтидори истеҳсолӣ ва рақобатпазирии истеҳсолкунандагони миллӣ шароити зарурӣ фароҳам созад. Ба андешаи Лист, танҳо баъди ба даст овардани сатҳи кофии рушди технологӣ ва устуворii иқтисодӣ соҳаҳои мазкур метавонанд дар рақобати озоди байналмилалӣ мавқеи устуворро ишғол намоянд.

Ф. Лист дар баробари ҷонибдорони мактаби классикии иқтисодӣ мавқеи алтернативиро пешниҳод намуда, универсалӣ будани принсипҳои тиҷорати

озодро зери шубҳа мегузошт. Ба назари ӯ, рушди иқтисодии давлатҳо дар як сатҳ қарор надорад ва онҳо аз рӯйи иқтидори истеҳсолӣ, сохтори миллӣ ва таҷрибаи таърихӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, сиёсати тиҷоратӣ бояд бо дарназардошти шароити мушаххаси миллӣ таҳия ва татбиқ гардад. Ф. Лист таъкид менамуд, ки истифодаи бечунучарои модели тиҷорати озод дар марҳилаҳои аввали рушди саноатӣ на ҳамеша ба манфиати кишварҳои рӯ ба рушд мебошад. Зеро дар шароити нобаробарии сатҳи рушди иқтисодӣ чунин сиёсат метавонад рақобатпазирии истеҳсолкунандагони дохилиро коҳиш дода, вобастагии иқтисодии онҳоро аз кишварҳои саноатии пешрафта афзоиш диҳад.

Фридрих Лист таъкид менамояд: «… иқтисоди сиёсӣ таълимоти худро нисбати тиҷорати байналмилалӣ бояд бо таҷриба асоснок сохта, чораҳои пешниҳодшавандаашро бо талаботҳои даврони имрӯз ва вазъи ба худ хоси ҳар як миллати ҷудогона мувофиқ намуда, инчунин, дар як вақт талаботҳои давраи оянда ва тамоми инсониятро аз мадди назар дур намонад» [49, с. 26].

Дар оғози асри XX шаклҳо ва воситаҳои татбиқи сиёсати протексионизм ба таври назаррас тағйир ёфтанд. Агар дар даврaҳои қаблӣ бештар аз воситаҳои мустақими тарифӣ, аз ҷумла боҷҳои гумрукӣ ва маҳдудиятҳои воридотӣ истифода мешуд, пас дар шароити нави рушди иқтисоди ҷаҳонӣ давлатҳо тадриҷан ба истифодаи фишангҳои мураккабтари асъорӣ-қарзӣ ва молиявӣ рӯй оварданд. Ин раванд бо густариши робитаҳои иқтисодии байналмилалӣ, ташаккули бозорҳои молиявӣ ва афзоиши ҳаракати сармоя алоқаманд буд.

Дар шароити рақобати афзояндаи байналмилалӣ давлатҳо барои ҳифзи мавқеи иқтисодии худ ва дастгирии истеҳсолкунандагони миллӣ маҷмуи чораҳои танзими макроиқтисодиро истифода менамуданд. Аз ҷумла, танзими қурби асъор, идоракунии сиёсати қарзӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ ҳамчун воситаҳои муҳимми таҳкими рақобатпазирии иқтисоди миллӣ баромад мекарданд.


Ин усул дар адабиёти илмӣ ҳамчун идомаи такмилёфтаи «усули протексионизми классикӣ» арзёбӣ мегардад, зеро он, бар хилофи шаклҳои

анъанавӣ, ба воситаҳои ғайримустақими таъсиррасонӣ ба ҷараёнҳои савдо ва сармоя асос меёбад.

Аз ҷумла, танзими қурби асъори миллӣ ҳамчун яке аз механизмҳои сиёсати иқтисодӣ метавонад ба тағйирёбии ҷараёни сармояи хориҷӣ таъсир расонад. Баланд гардидани қурби асъор дар баъзе ҳолатҳо метавонад эътимоди сармоягузорони хориҷиро афзоиш дода, ҷолибияти муҳити сармоягузориро барои ворид намудани сармоя ба иқтисоди миллӣ баланд намояд.

Баръакс, бо роҳи бекурбсозии асъори миллӣ содироти мол ва хизматрасониҳо ҳавасманд гардонда мешавад, зеро маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои хориҷӣ арзонтар ва рақобатпазиртар мегардад. Ҳамзамон, тавассути татбиқи сиёсати танзими ҷараёнҳои сармоягузорӣ ва назорати самараноки ҳаракати сармоя давлатҳо метавонанд ба мувозинати нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ таъсир расонанд. Аз ҷумла, чунин чораҳо барои нигоҳ доштани устувории сатҳи нархҳо, беҳтар намудани мавқеи савдои хориҷӣ ва зиёд намудани ҳаҷми захираҳои тиллоиву асъорӣ замина фароҳам меоранд. Ҳамаи ин тадбирҳо, дар маҷмуъ, ба беҳтар гардидани иқлими сармоягузорӣ ва таҳкими устувории иқтисоди миллӣ мусоидат менамоянд.

Бояд қайд кард, ки дар шароити таҳаввулоти иқтисодии ҷаҳонӣ ва афзоиши рақобати байналмилалӣ сиёсати протексионистӣ яке аз воситаҳои муҳимми танзими давлатии савдои хориҷӣ ва дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ маҳсуб меёбад. Самаранокии татбиқи чунин сиёсат аз сатҳи ташаккул ва фаъолияти институтҳои давлатӣ, такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, истифодаи воситаҳои иқтисодӣ ва ҳамоҳангии онҳо бо талаботи созмонҳои байналмилалӣ вобастагии мустақим дорад. Аз ин рӯ, барои дарки робитаи байни унсурҳои асосии сиёсати протексионистӣ ва муайян намудани нақши онҳо дар танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ, сохтори институтсионалии он дар шакли расм пешниҳод карда шудааст (расми 1.1).



Расми 1.1. Асосҳои институтсионалии сиёсати протексионистии давлат дар воридоти маҳсулоти кишоварзӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Тавре ки аз расми 1.1 бармеояд, сиёсати протексионистии давлат ба маҷмуи унсурҳои ба ҳам алоқаманд такя мекунад. Асосҳои назариявӣ самтҳои асосии ташаккули сиёсати протексионистиро муайян намуда, асосҳои институтсионалӣ фаъолияти мақомоти давлатӣ ва дигар ниҳодҳои дахлдорро дар самти танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ инъикос менамоянд. Дар навбати худ, асосҳои ҳуқуқӣ заминаи меъёрии татбиқи чораҳои протексионистиро таъмин мекунанд.

Ба андешаи муаллиф, ҳамбастагии заминаҳои назариявӣ, институтсионалӣ ва ҳуқуқии сиёсати протексионистӣ асоси методологии таҳқиқоти мазкурро ташкил медиҳад. Ин замина барои таҳлилу арзёбии самаранокии сиёсати давлатии танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият фароҳам месозад.

«Дар тули таърихии рушд далелҳои асосӣ барои рушди сиёсати протексионизм, ҳифзи соҳаҳои ҷавони саноати мамлакат, таъмини сатҳи баланди шуғлнокӣ дар мамлакат, таъмини амнияти миллӣ, ғункунии сармояи дохилӣ, нигоҳдории сатҳи баланди содирот аз рӯйи воридот ва баландбардории сатҳи некуаҳволии аҳолии мамлакат маҳсуб меёфтанд» [76, с. 56].

Ин моҳияти асосии пайдоиш ва рушди протексионизмро тавзеҳ медиҳад. Яъне, давлатҳо ба хотири ҳифзи соҳаҳои навтаъсиси саноат (ки ҳанӯз рақобатпазир нестанд), баланд нигоҳ доштани сатҳи шуғлнокӣ ва пешгирии бекорӣ, инчунин, таъмини амнияти миллӣ ба чунин сиёсат рӯ меоранд. Ғайр аз ин, протексионизм ба ҷамъоварии сармояи дохилӣ, афзалияти содирот нисбат ба воридот ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад. Пас, он ҳамчун воситаи ҳифзи иқтисоди миллӣ ва рушди дарозмуддат баромад мекунад.

Мувофиқи шарҳи пешниҳоднамудаи С.И. Ожегов дар луғати забони русӣ, мафҳуми «протексионизм» дорои ду маънӣ мебошад. Дар маънои аввал он ҳамчун маҷмуи чораҳои иқтисодӣ ва дигар воситаҳои танзимӣ фаҳмида мешавад, ки мақсади асосии онҳо ҳифзи сармоя ва истеҳсолоти миллӣ аз рақобати хориҷӣ мебошад. Яъне, протексионизм дар ин замина ҳамчун механизми сиёсати давлатии иқтисодӣ барои маҳдуд намудани таъсири беруна ва дастгирии рушди дохилӣ баррасӣ мегардад.

Дар ҳолати дуюм, протексионизм ҳамчун «парастории ягон нафар дар таъмин намудани ҷойи корӣ, дар пешрафти зинаи хизматӣ ва ғайра баррасӣ мегардад» [118, с. 68]. Дар ҳамин раванд, протексионизмро метавон ҳамчун низоми чораҳои иқтисодӣ ва сиёсие арзёбӣ намуд, ки ба ҳифзи истеҳсолкунандагони ватанӣ ва таҳкими мавқеи онҳо дар бозори дохилӣ равона гардидааст. Истифодаи воситаҳои танзими давлатӣ, аз ҷумла боҷҳои гумрукӣ, маҳдудиятҳои воридотӣ ва дигар механизмҳои протексионистӣ, барои коҳиши фишори рақобати хориҷӣ ва фароҳам овардани заминаи мусоид барои рушди истеҳсолоти миллӣ хизмат менамояд. «Худи истилоҳи протексионизм (аз лотинӣ protektio – сарпарастӣ, ҳифз кардан) маънии низоми чораҳои сиёсати

давлатиро дорад, ки ба ҳифзи иқтисоди дохилӣ аз рақобати хориҷӣ, имтиёзҳо барои рушди сармояи ватанӣ ва иштироки он дар тиҷорати байналмилалӣ равона карда шудааст» [23, с. 86]. Ин маъно аз доираи иқтисод берун рафта, хусусияти иҷтимоӣ ва шахсӣ дорад. Дар ин ҷо «протексионизм» ҳамчун парастории ё ҳимоят аз шахси алоҳида фаҳмида мешавад, масалан, кумак дар ёфтани ҷойи кор ё пешрафт дар мансаб. Яъне, ин маъно бештар ба муносибатҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ дахл дорад, на ба сиёсати иқтисодӣ.

Э. Райнерт ва Ҷ. Стиглитс ҳамчун намояндагони муосири илми иқтисод татбиқи умумии принсипҳои савдои озодро танқид намуда, зарурати истифодаи «протексионизми хирадмандона»-ро асоснок менамуданд. Онҳо таъкид мекарданд, ки сиёсати савдои хориҷӣ бояд бо дарназардошти сатҳи рушди иқтисодӣ, хусусиятҳои сохтори истеҳсолӣ ва манфиатҳои стратегии давлат ташаккул ёбад. Аз ин рӯ, масъалаи муайян намудани таносуби оптималии байни протексионизм ва савдои озод ҳамчун яке аз масъалаҳои мубрами назарияи иқтисодии муосир боқӣ мемонад [45, с. 29]. Ин ба баҳсҳои муосири иқтисодӣ ишора мекунад. Олимон сиёсати савдои комилан озодро танқид намуда, бар он назаранд, ки барои кишварҳои дар ҳоли рушд протексионизми «хирадмандона» зарур аст. Яъне, давлат бояд ба таври интихобӣ ва оқилона иқтисоди худро ҳимоя кунад. Ин андеша нишон медиҳад, ки баҳси байни протексионизм ва савдои озод то имрӯз аҳаммияти худро гум накардааст.

«Тарафдорони сиёсати тиҷорати озод истифодабарии бозорҳои хориҷиро ҳамчун омили рушди иқтисод ва васеъсозии ҳаҷми истеҳсолоти миллӣ баррасӣ менамоянд» [12].

Ҳарчанд мебинем, ки А. Смит ва Д. Риккардо ҳамчун асосгузорони назарияи тиҷорати озод маъруф мебошанд, дар таълимоти онҳо на танҳо масъалаҳои афзалияти мубодилаи озод, балки масъалаҳои рушди истеҳсолот, ташаккули сармоя ва дастгирии иқтидори истеҳсолӣ низ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Аз ин рӯ, баъзе аз чунин механизмҳоро метавон ҳамчун шаклҳои ғайримустақими сиёсати пуштибонии давлатӣ арзёбӣ намуд.

«Тафсири расмии ягона на дар байни олимони соҳа ва на дар муассисаҳои байналмилалӣ вуҷуд надорад» [47, с. 87]. Аксари муҳаққиқон ин падидаро вобаста ба ҳадафҳои сиёсати иқтисодӣ, воситаҳои танзими давлатӣ ва шароити рушди иқтисодии кишварҳо аз мавқеъҳои гуногун арзёбӣ менамоянд. Аз ин рӯ, то ҳол пешниҳоди таърифи ягона, ки тамоми хусусиятҳои муҳимми сиёсати ҳимоягароиро фаро гирад, имконпазир нагаштааст. Дар чунин шароит идомаи таҳқиқоти назариявӣ ва муайян намудани равишҳои мувофиқи методологӣ барои омӯзиши протексионизм аҳаммияти муҳим дорад.

«Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ намудҳои зерини протексионизмро фарқ менамоянд: интихобӣ, коллективӣ (дастаҷамъона), маҳаллӣ, ниҳонӣ, коррупсионӣ, соҳавӣ» [109, с. 157]. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки шакл ва самтҳои татбиқи сиёсати протексионистӣ бо дарназардошти сатҳи рушди иқтисодӣ, ҳадафҳои стратегии давлат ва хусусиятҳои сохтори иқтисодии кишварҳо муайян карда мешаванд. Дар баъзе ҳолатҳо ҳимоя танҳо ба гурӯҳи муайяни молҳо ё соҳаҳои афзалиятнок равона мешавад, ки онро протексионизми интихобӣ меноманд. Шакли дастаҷамъона бошад, дар доираи ҳамкории якчанд давлат ё иттиҳодияҳои иқтисодӣ татбиқ мегардад. Ҳамчунин, ҳимояи иқтисодӣ метавонад хусусияти маҳаллӣ дошта, ба бозори минтақаи мушаххас равона шавад. Дар баробари ин, истифодаи воситаҳои ғайримустақим ва камошкор шакли ниҳонии протексионизмро ташкил медиҳад. Протексионизми коррупсионӣ бошад, бо таъсири гурӯҳҳои манфиатдор ба қарорҳои сиёсати иқтисодӣ алоқаманд аст. Аз ҷиҳати соҳавӣ низ он метавонад ба рушди соҳаҳои стратегӣ, аз ҷумла кишоварзӣ ва саноат, нигаронида шавад. Ин гурӯҳбандӣ нишон медиҳад, ки протексионизм танҳо як шакли ягонаи сиёсати иқтисодӣ нест, балки маҷмуи васеи механизмҳо мебошад, ки барои мутобиқшавӣ ба шароити гуногуни рушди миллӣ истифода мешаванд.

«Таҷрибаи бисёр кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки сарфи назар аз далелҳои қавии манфиатҳои савдои озод, дар онҳо сиёсати савдои хориҷӣ амалӣ карда мешавад, ки ба ҳифзи бозори дохилӣ аз рақобати воридотӣ нигаронида шудааст. Ба ибораи дигар, механизмҳои протексионизм истифода

бурда мешаванд. Бо ин мақсадҳо сиёсати савдои хориҷӣ аз абзорҳои муайян истифода мебарад, ки маъмултарини онҳо танзими тарифӣ ва ғайритарифӣ мебошанд» [117, с. 176]. Аз таҷрибаи бисёр кишварҳои ҷаҳон бармеояд, ки сарфи назар аз мавҷудияти далелҳои назариявии қавӣ ба манфиати савдои озод, дар амал аксар давлатҳо сиёсати савдои хориҷиро ба таври фаъол истифода мебаранд, ки ҳадафи асосии он ҳифзи бозори дохилӣ аз рақобати воридотӣ мебошад. Яъне, давлатҳо бо мақсади нигоҳ доштани устувории иқтисоди миллӣ ва дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ аз механизмҳои протексионистӣ даст намекашанд. Дар ин раванд, сиёсати савдои хориҷӣ асосан тавассути ду гурӯҳи асосии абзорҳо амалӣ карда мешавад: танзими тарифӣ, ки ба ҷорӣ намудани боҷҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳо вобаста аст ва танзими ғайритарифӣ, ки маҳдудиятҳои квотавӣ, стандартҳои техникӣ, иҷозатномадиҳӣ ва дигар чораҳои маъмуриро дар бар мегирад. Ин воситаҳо, дар маҷмуъ, ба давлат имкон медиҳанд, ки сатҳи воридотро назорат намуда, тавозуни манфиатҳои иқтисодии дохилиро нигоҳ дорад.

Дар байни шаклҳои гуногуни протексионизм, ки дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ истифода мешаванд, протексионизми интихобӣ ҳамчун яке аз шаклҳои нисбатан оқилона ва мақсаднок арзёбӣ мегардад. Зеро он ба ҳифзи соҳаҳои мушаххаси дорои аҳаммияти стратегӣ равона шуда, истифодаи чораҳои ҳимоягароиро бо дарназардошти манфиатҳои дарозмуддати рушди иқтисодӣ пешбинӣ менамояд.

Дар баробари ин, протексионизми коррупсионӣ бештар ба ҳифзи манфиатҳои гурӯҳҳои маҳдуди иқтисодӣ ва субъектҳои алоҳида равона гардида, метавонад ба вайроншавии рақобати солим дар бозор оварда расонад. Протексионизми пинҳонӣ ва маҳаллӣ бошад, асосан тавассути истифодаи воситаҳои ғайригумрукӣ ва маҳдудиятҳои ғайримустақим дар танзими амалиёти содиротиву воридотӣ амалӣ мегардад, ки дар баъзе ҳолатҳо шаклҳои ғайрирасмии ҳимояи бозори дохилиро ба вуҷуд меорад.

Протексионизми дастаҷамъона (коллективӣ) ва соҳавӣ дар шароити густариши савдои байналмилалӣ метавонад ҳамчун омили маҳдудкунандаи

рушди муносибатҳои озоди тиҷоратӣ баромад намояд. Протексионизми дастаҷамъона асосан барои ҳифзи манфиатҳои давлатҳои аъзои иттиҳодияҳои иқтисодӣ равона шуда, метавонад дастрасии кишварҳои берунаро ба манфиатҳои савдои озод маҳдуд созад. Ҳамзамон, протексионизми соҳавӣ на ҳамеша ба манфиати истеҳсолкунандагони миллӣ мебошад, зеро ҳифзи доимии баъзе соҳаҳо метавонад вобастагии онҳоро аз дастгирии давлатӣ зиёд намуда, барои қонеъ гардонидани талаботи дохилӣ имкониятҳои маҳдуди истеҳсолиро боқӣ гузорад.

«Таҳлили рушди сиёсати ҳимоягароӣ дар давронҳои пеш имконият фароҳам овард, то ошкор созем, ки дар аксар маврид тамоюлоти муосири рушди протексионизм ҳам бо раванди таҳаввули таърихии он ва ҳам бо генезиси (пайдоиши) шароитҳои умумииқтисодии рушди мамлакатҳо шартнок гардидааст» [22, с. 29]. Арзёбии ташаккули сиёсати ҳимоягароӣ дар даврaҳои таърихии гуногун имкон медиҳад ба чунин хулоса расем, ки шаклгирӣ ва таҳаввули протексионизм раванди якмарҳилагӣ нест, балки он зери таъсири шароити мушаххаси иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии ҳар як давра ташаккул ёфтааст. Омӯзиши таҷрибаи таърихии сиёсати ҳимоягароӣ нишон медиҳад, ки он дар баробари рушди афкори иқтисодӣ ба таҳаввули механизмҳои дахолати давлат ба иқтисодиёт низ мусоидат кардааст. Таҷрибаи мазкур имрӯз ҳам ҳангоми таҳияи воситаҳои танзими иқтисоди миллӣ ва сиёсати савдои хориҷӣ аҳамияти муҳим дорад.

Ҳамзамон, ин раванд бо генезис ва хусусиятҳои умумии рушди иқтисодии кишварҳо шартнок мебошад, зеро сатҳи индустриализатсия, рақобатпазирии соҳаҳои миллӣ ва мавқеи кишвар дар иқтисоди ҷаҳонӣ шакл ва дараҷаи татбиқи протексионизмро муайян мекунанд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки протексионизм ҳамчун падидаи иқтисодӣ натиҷаи ҳамбастагии омилҳои таърихӣ ва шароити муосири рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

“Тамоюлоти баамаломадаи тағйирёбӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ боз як бори дигар тасдиқ менамояд, ки дар дурнамои дарозмуҳлат, сиёсати дарҳои кушода, тақсимоти баробари фоидаи либерализатсияи иқтисодиро байни мамлакатҳои

мутараққӣ ва рушдёбанда кафолат намедиҳад” [46, с. 119]. Яке аз мушкилоти муҳимми низоми савдои озод дар тақсимоти нобаробари манфиатҳои иқтисодӣ байни иштирокчиёни он ифода меёбад. Ин омил метавонад ба коҳиши самаранокии ҳамгироии иқтисодӣ, заифшавии иттиҳодияҳои минтақавӣ ва ташаккули равандҳои дезинтегратсионӣ мусоидат намояд. Аз ин рӯ, масъалаи таъмини тавозуни манфиатҳои кишварҳои иштирокчӣ дар доираи ҳамкориҳои иқтисодӣ аҳаммияти муҳим пайдо мекунад.

“Дар шароити муосир нақш ва аҳаммияти таҳияи стратегияҳои рақобатпазири рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди миллии кишвар бо дарназардошти таъмини фаъолияти устувори онҳо дар шароити маҳдудиятҳои гуногун, ки аз узвият дар ташкилотҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ бармеоянд, ба таври назаррас меафзояд. Узвият дар гурӯҳҳои интегратсионӣ бо қабули уҳдадориҳои муайян ҳамроҳ аст, ки то андозае фаъолияти озоди субъектҳои иқтисодиро дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷии молу хизматрасонӣ маҳдуд менамояд” [79, с. 87].

Аҳаммияти афзояндаи таҳияи стратегияҳои рақобатпазир барои рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар шароити муосир ишора мекунад. Моҳияти асосӣ дар он аст, ки имрӯз кишварҳо на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки дар фазои васеи иқтисоди ҷаҳонӣ фаъолият мекунанд ва маҷбуранд сиёсати рушди худро бо талабот ва қоидаҳои ташкилотҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ мутобиқ созанд.

Дар баробари ин, узвият дар иттиҳодҳо ва гурӯҳҳои интегратсионӣ бо худ як қатор уҳдадориҳоро ба вуҷуд меорад, ки давлатҳоро водор месозад баъзе маҳдудиятҳоро дар сиёсати иқтисодии худ қабул кунанд. Ин уҳдадориҳо метавонанд ба коҳиши сатҳи мустақилияти сиёсати савдо, танзими бозор ва фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ таъсир расонанд. Дар натиҷа, доираи озодии корхонаҳо дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ то андозае маҳдуд мешавад, вале дар баробари ин, онҳо ба бозорҳои васеътар ва имкониятҳои нави ҳамкорӣ дастрасӣ пайдо мекунанд. Ҳамин тавр, иқтибос тавозуни мураккаб байни манфиатҳои миллӣ ва уҳдадориҳои байналмилалиро дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ таъкид мекунад.

Протексионизми оқилона ҳамчун шакли муосири сиёсати ҳимоягарой на ба маҳдуд намудани рушди иқтисодӣ, балки ба фароҳам овардани шароит барои таҳкими истеҳсолоти миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии он равона мегардад. Ҳангоми татбиқи чунин сиёсат муҳим аст, ки чораҳои ҳимоявӣ дорои хусусияти асоснок, муваққатӣ ва мутаносиб буда, ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни дохилӣ ва хориҷии бозор ба таври муносиб ба назар гирифта шаванд. Ихтилофоти иқтисодӣ одатан на аз худи протексионизм, балки аз истифодаи нодуруст, ҳамоҳангнашуда ва аз ҳад зиёд намудани чораҳои муҳофизатӣ ба вуҷуд меоянд.

“Салдои манфии савдои хориҷии мамлакатҳори дар ҳоли гузариш шаҳодати ба кор бурдани либерализатсияи суръатноки савдои хориҷӣ бе тайёрии соҳаи саноати ватанӣ ва хоҷагии қишлоқ ба рақобатпазирии шадид мебошад” [120, с. 11]. Ҳамин тариқ, шароити иқтисодиёти гузариш тақозо менамояд, ки сиёсати савдои хориҷӣ на бар асоси протексионизми мутлақ ва на дар шакли либерализми пурра, балки бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ ташаккул дода шавад. Тақвияти аз ҳад зиёди маҳдудиятҳои протексионистӣ метавонад ба коҳиши ҳамкориҳои иқтисодии байналмилалӣ, маҳдуд шудани интиқоли технологияҳои муосир ва суст гардидани раванди ҳамгироии иқтисоди миллӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ мусоидат намояд. Дар баробари ин, либерализатсияи пурраи бозор бидуни омодагии кофии истеҳсолкунандагони миллӣ метавонад боиси коҳиши иқтидори саноатӣ, афзоиши вобастагии ашёи хом ва заифшавии рақобатпазирии иқтисоди миллӣ гардад. Дар ин замина, протексионизми интихобӣ ҳамчун шакли мутавозини сиёсати савдо ба ҳисоб меравад, ки тавассути он ҳифзи бозори дохилӣ ва манфиатҳои истеҳсолкунандагони миллӣ бо талаботи низоми бисёрҷонибаи савдои байналмилалӣ мутобиқ карда мешаванд.

Бинобар ҳамин маълум аст, ки “иқтисоди ҷаҳонӣ ин низоми муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ, робитаи умумии байни иқтисодиёти миллӣ, гуногунии унсурҳои таркибии он, иерархия, бисёрсатҳӣ, сохторӣ мебошад. Тибқи маълумоти расмии оморӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти

гардиши савдои хориҷӣ мунтазам мавқеи устувор гирифта истодааст” [35, с. 52]. Таърифи мафҳуми «иқтисоди ҷаҳонӣ» чунин буда, ин низом хусусияти мураккаби сохторӣ дошта, аз унсурҳои гуногуни таркибӣ ва сатҳҳои иерархии ба ҳам пайваста ташаккул меёбад.

Таҳлили маълумоти расмии оморӣ нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди рушди робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, аз ҷумла, дар самти афзоиши гардиши савдои хориҷӣ, тадриҷан мавқеи худро таҳким бахшида истодааст. Ин раванд аз васеъ гардидани иштироки кишвар дар мубодилаи байналмилалии молу хизматрасониҳо шаҳодат медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки кишвар дар равандҳои ҳамгироии иқтисодии ҷаҳонӣ фаъолона иштирок намуда, ҳаҷми муомилоти савдои хориҷии худро афзоиш медиҳад ва дар низоми иқтисоди ҷаҳонӣ ҷойгоҳи нисбатан устувортар касб мекунад. Ҳамин ҳолат метавонад ба густариши робитаҳои иқтисодии байналмилалӣ, ҷалби сармоя ва рушди соҳаҳои истеҳсолии миллӣ мусоидат намояд.

Тағйироти амиқ дар сохтори иқтисоди ҷаҳонӣ, таҳаввулоти муносибатҳои савдои байналмилалӣ ва афзоиши рақобати глобалӣ зарурати таҷдиди равишҳои назариявиро ба протексионизм ба миён овардаанд. Дар натиҷаи таҳлили назариявӣ протексионизми интихобӣ ҳамчун механизми дифференсиалии сиёсати давлатии савдои хориҷӣ пешниҳод гардида, маҷмуи чораҳои мақсадноки ҳифз ва дастгирии соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ ва рушди рақобатпазирии онҳоро дар бар мегирад. Зарурати татбиқи чунин чораҳо дар ҳолате ба миён меояд, ки воридоти маҳсулоти муайян метавонад ба некуаҳволии аҳолӣ, рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ, рушди соҳаҳои дохилӣ ва устувории иқтисоди миллӣ таъсири манфӣ расонад.

Дар доираи протексионизми интихобӣ истифодаи маҳдудиятҳои тиҷоратӣ метавонад дар шакли чораҳои махсуси муҳофизатӣ, чораҳои зиддидемпингӣ ва чораҳои ҷуброни амалӣ гардад. Мақсади асосии чунин механизмҳо таъмини тавозуни байни кушодагии иқтисодӣ ва ҳифзи манфиатҳои стратегии истеҳсолкунандагони миллӣ мебошад.

1.2. Нақши протексионизми аграрӣ дар шароити муосир

Рушди иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар шароити муосир таҳти таъсири маҷмуи омилҳои дохилӣ ва беруние қарор дорад, ки хусусият ва самтҳои рушди онро муайян менамоянд. Дар ташаккули муҳити иқтисодӣ омилҳои дохилӣ, пеш аз ҳама, вазъи бозори миллӣ, иқтидори истеҳсолӣ, молиявӣ ва сармоягузориро инъикос намуда, омилҳои беруна зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, рушди савдои байналмилалӣ, тағйирёбии конъюнктураи бозорҳои ҷаҳонӣ ва афзоиши рақобати байни истеҳсолкунандагон қарор доранд.

Дар шароити мазкур истифодаи низоми ҳамгиро ва мутаносиби механизмҳои танзими давлатӣ ба мақсади ҳифзи манфиатҳои иқтисодии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо аҳаммияти муҳим дорад. Яке аз воситаҳои муҳими чунин сиёсати давлатӣ протексионизми аграрӣ ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин, тағйироти иқтисодӣ ва талаботи низоми муосири савдои байналмилалӣ зарурати бознигарии шаклҳои анъанавии протексионизмро ба миён меорад. Аз ин рӯ, истифодаи шаклҳои интихобӣ ва мақсадноки ҳимояи истеҳсолоти кишоварзӣ метавонад нисбат ба протексионизми умумӣ муносибати самараноктар ба ҳисоб равад. Чунин равиш имкон медиҳад, ки дастгирии соҳаҳои дорои аҳаммияти стратегӣ бо зарурати нигоҳ доштани рақобат ва риояи уҳдадориҳои байналмилалии кишвар ҳамоҳанг карда шавад.

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт сиёсати протексионистии давлат таҳти таъсири маҷмуи омилҳои дохилӣ ва берунӣ ташаккул ёфта, вобаста ба тағйирёбии муҳити иқтисодӣ ва сиёсӣ пайваста такмил меёбад. Равандҳои ҷаҳонишавӣ, густариши муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ, озодшавии савдо ва афзоиши рақобати бозорҳои ҷаҳонӣ давлатҳоро водор месозад, ки барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ аз воситаҳои гуногуни сиёсати протексионистӣ истифода баранд. Дар чунин шароит интихоби шакл ва сатҳи татбиқи чораҳои протексионистӣ бояд бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисоди

миллӣ, иқтидори истеҳсолӣ ва уҳдадориҳои байналмилалии давлат амалӣ карда шавад.

Омилҳое, ки ба ташаккули сиёсати протексионистӣ таъсир мерасонанд, дорои хусусияти гуногун буда, ҳамдигарро пурра мекунанд. Ин омилҳо на танҳо интихоби воситаҳои танзими давлатии воридоти маҳсулоти кишоварзиро муайян менамоянд, балки ба самаранокии татбиқи онҳо, сатҳи рақобатпазирии истеҳсолкунандагони дохилӣ, устувории бозори озуқаворӣ ва имконияти мутобиқшавии иқтисоди миллӣ ба тағйироти бозори ҷаҳонӣ низ таъсири мустақим мерасонанд. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳияи сиёсати протексионистӣ арзёбии ҳамаҷонибаи омилҳои таъсиррасон аҳаммияти калидӣ дорад.

Аз ҷумла, вазъи иқтисодии кишвар яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи сиёсати протексионистӣ ба ҳисоб меравад. Шиддат ва самти татбиқи сиёсати муҳофизатии давлат аз маҷмуи омилҳои макроиқтисодӣ вобастагии назаррас дорад. Сатҳи рушди иқтисодӣ, устувории молиявии давлат, имкониятҳои буҷетӣ, сатҳи таваррум, динамикаи қурби асъори миллӣ ва вазъи тавозуни савдои хориҷӣ метавонанд ба муайян намудани зарурати истифода ва интихоби воситаҳои сиёсати протексионистӣ таъсир расонанд. Масалан, афзоиши босуръати воридоти молҳои хориҷӣ дар ҳолате, ки рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ паст мегардад, метавонад боиси зарурати тақвияти чораҳои ҳимояи бозори дохилӣ гардад. Дар чунин вазъ истифодаи боҷҳои гумрукӣ, маҳдудиятҳои миқдорӣ, субсидияҳои давлатӣ ва дигар воситаҳои танзими савдо метавонад ҳамчун механизми дастгирии истеҳсолоти миллӣ баромад намояд.


Самаранокии чораҳои танзими савдои хориҷӣ на танҳо аз интихоби воситаҳои дахлдори сиёсати давлатӣ, балки аз сатҳи рушди муҳити институтсионалӣ вобаста мебошад. Дар ин асно, заминаи мукаммали ҳуқуқӣ, фаъолияти муассири мақомоти гумрукӣ ва назоратӣ, шаффофияти расмиёти савдо, устувории механизмҳои танзим ва самаранокии муқовимат ба коррупсия омилҳои калидии татбиқи босамар ва ноил шудан ба натиҷаҳои пешбинишуда мебошанд.

Муҳити сиёсӣ ва устувории сиёсати давлатӣ низ ба интихоби самтҳои сиёсати протексионистӣ таъсири назаррас мерасонанд. Дар шароити суботи сиёсӣ давлат имконияти бештар барои таҳияи стратегияҳои дарозмуддати рушди кишоварзӣ ва ҳифзи истеҳсолкунандагони миллӣ пайдо мекунад. Баръакс, ноустувории сиёсӣ метавонад ба тағйирёбии мунтазами сиёсати савдо, коҳиши эътимоди сармоягузорон ва паст гардидани самаранокии чораҳои протексионистӣ оварда расонад.

Дар баробари омилҳои дохилӣ, уҳдадориҳои байналмилалии давлат низ дар ташаккули сиёсати протексионистӣ аҳаммияти калон доранд. Узвият дар созмонҳои байналмилалӣ, иштирок дар созишномаҳои минтақавӣ ва дуҷонибаи тиҷоратӣ, инчунин риояи қоидаҳои байналмилалии савдо, доираи истифодаи воситаҳои протексионистиро муайян менамоянд. Аз ин рӯ, давлат бояд байни ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони миллӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии худ тавозуни оқилона нигоҳ дорад.

Омили муҳимми дигар дараҷаи таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад. Дар ҳолатҳои буҳронҳои иқтисодӣ, тағйирёбии иқлим, пандемияҳо, низоъҳои геополитикӣ ё халалдор шудани занҷираҳои таъминоти ҷаҳонӣ масъалаи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти асосии озуқаворӣ аҳаммияти аввалиндараҷа касб мекунад. Дар чунин вазъ давлат метавонад бо мақсади дастгирии истеҳсоли дохилии маҳсулоти кишоварзӣ, коҳиш додани вобастагӣ аз воридот ва нигоҳ доштани устувории бозори озуқаворӣ чораҳои иловагии протексионистиро татбиқ намояд.

Барои муайян намудани алоқамандии омилҳои асосии ташаккул ва татбиқи сиёсати протексионистӣ дар соҳаи танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ, схемаи робитаи байни онҳо таҳия гардида, дар расми зерин оварда шудааст (расми 1.2).



Расми 2. Омилҳои таъсиррасон ба ташаккул ва татбиқи сиёсати протексионистии давлат дар воридоти маҳсулоти кишоварзӣ

Сарчашма: дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ тартиб дода шудааст.

Тавре ки аз расми 2 бармеояд, сиёсати протексионистии давлат дар натиҷаи таъсири ҳамзамони омилҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ, сиёсӣ ва беруна ташаккул меёбад. Омилҳои иқтисодӣ, аз қабили сатҳи истеҳсолоти дохилӣ, ҳаҷми воридот, таваррум ва рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, зарурати татбиқи тадбирҳои ҳифозатиро муайян менамоянд. Омилҳои институтсионалӣ ба сатҳи рушди қонунгузорӣ, самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамоҳангии институтҳои танзимкунанда вобаста буда, имконияти татбиқи босамари сиёсати протексионистиро фароҳам меоранд.

Ҳамзамон, истифодаи воситаҳои тарифӣ ва ғайритарифии танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ бояд бо дарназардошти омилҳои сиёсӣ ва байналмилалӣ сурат гирад. Таъмини амнияти озуқаворӣ, иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ, талаботи Созмони умумиҷаҳонии савдо ва тағйирёбии вазъи бозорҳои ҷаҳонӣ, ба интихоби воситаҳои тарифӣ ва ғайритарифии танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ таъсири назаррас мерасонанд. Аз ин рӯ, самаранокии сиёсати протексионистӣ аз ҳамоҳангии ин омилҳо ва мутобиқсозии онҳо ба ҳадафҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ вобастагии мустақим дорад.

«Дар шакли умумӣ категорияи иқтисодии протексионизм сиёсати ҳимояи бозори дохилӣ аз рақобати хориҷӣ тавассути системаи маҳдудиятҳои муайян: боҷҳои воридотӣ ва содиротӣ, субсидияҳо ва дигар чораҳо мебошад» [25, с. 135]. Дар асоси муносибати системавӣ протексионизми аграрӣ ҳамчун шакли соҳавии протексионизм баромад намуда, бояд ҳамчун зерсистемаи таркибии

низоми танзими давлатии иқтисодиёт баррасӣ карда шавад. Моҳияти он дар истифодаи маҷмуи воситаҳо ва механизмҳои иқтисодӣ, молиявӣ, тарифӣ, ғайритарифӣ ва институтсионалӣ барои ҳифз ва рушди бахши агросаноатӣ ифода меёбад. “... Дар даврони ҳукмронии равиши либералӣ ба тиҷорати хориҷӣ ва рақобат, аз ҷумла, дар бахши аграрӣ, ки ба ҳама гуна зуҳуроти чораҳои муҳофизатӣ, ки амали механизми бозорро душвор мегардонад, муқобилат мекунад, масъалаҳои таҳияи на танҳо чорабиниҳои алоҳидаи протексионизми аграрӣ, балки консепсияи илмию асосноки он, ки ба шароити муосири хоҷагидорӣ мувофиқ аст, аҳаммияти махсус пайдо мекунанд” [71, с. 96].

Ташаккул ва самаранокии протексионизми аграрӣ аз маҷмуи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, истеҳсолӣ ва институтсионалӣ вобаста буда, дар ин раванд вазъи бозори аграрӣ, сатҳи рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва аҳаммияти стратегии соҳа барои иқтисоди миллӣ нақши муайянкунанда доранд.

Хусусиятҳои асосии истеҳсолоти кишоварзиро чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

1. Замин ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот. Замин омили муҳимми табиӣ ва иқтисодӣ буда, самаранокии истифодаи он ба натиҷаҳои истеҳсолот таъсири бевосита мерасонад.

2. Мутобиқат накардани давраи корӣ бо давраи истеҳсолот. Раванди истеҳсолӣ бо равандҳои табиӣ ва биологӣ алоқаманд буда, муҳлати истеҳсоли маҳсулот на ҳамеша аз фаъолияти мустақими истеҳсолкунанда вобаста аст.

3. Мавсимӣ будани истеҳсолот. Талабот ба қувваи корӣ, техника, захираҳои моддӣ ва маблағҳои молиявӣ дар давоми сол нобаробар тақсим шуда, ба хароҷот ва натиҷаҳои фаъолияти хоҷагиҳо таъсир мерасонад.

4. Паҳншавии ҳудудии истеҳсолот. Парокандагии истеҳсолоти кишоварзӣ таъминот бо техника, инфрасохтор ва хизматрасониҳои техникӣ-маиширо мушкилтар менамояд.

5. Вобастагӣ аз омилҳои табиӣ ва иқлимӣ. Ҳаҷм ва сифати маҳсулоти кишоварзӣ аз шароити обу ҳаво, таъминоти об, ҳолати хок ва дигар омилҳои табиӣ вобаста буда, сатҳи хавфҳои истеҳсолиро баланд мегардонад.

Хусусиятҳои мазкур ба фаъолияти бахши аграрӣ таъсири назаррас расонида, зарурати иштироки мақсадноки давлатро дар танзим ва дастгирии соҳа ба миён меоранд. Дар чунин шароит сиёсати протексионизми аграрӣ бояд барои фароҳам овардани муҳити мусоиди хоҷагидорӣ, коҳиши таъсири хавфҳои дохилию беруна, таҳкими иқтидори рақобатии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва фароҳамсозии заминаҳои рушди устувори бахши агросаноатӣ бошад. Бо ин назардошт, протексионизми аграрӣ маҷмуи механизмҳои танзими давлатӣ мебошад, ки ба ҳавасмандгардонии истеҳсолоти ватанӣ, ҳифзи бозори дохилии кишоварзӣ, тақвияти рақобатпазирии маҳсулоти миллӣ ва таҳкими иқтидори истеҳсоливу содиротии соҳа равона гардидааст. Самаранокии онҳо аз ҳамоҳангсозии дастгирии буҷетӣ бо воситаҳои танзими бозори аграрӣ вобаста буда, метавонад барои таҳкими устуворӣ молиявӣ, навсозии базаи моддию техникӣ ва рушди иқтидори истеҳсолии соҳа замина фароҳам оварад. Бояд қайд намуд, ки “низоми назорат ва ҳавасмандгардонии истифодаи оқилонаи антибиотикҳо ҳангоми парвариши ҳайвоноти кишоварзӣ дар Тоҷикистон хеле суст аст. Дастрасӣ ва истифодаи антибиотикҳо ҳам барои одамон ва ҳам ҳайвонот нисбатан озодтар мебошад, ки ин боиси истифодаи аз меъёр зиёди доруҳои зиддимикробӣ ва афзоиши устуворӣ ба доруҳои зиддимикробӣ мегардад” [8, с. 3].

Ҳамин тариқ, протексионизми аграрӣ бояд ҳамчун унсури таркибии низоми танзими давлатии иқтисодиёт баррасӣ шуда, ҳадафи он танҳо маҳдуд намудани воридоти маҳсулоти хориҷӣ набошад. Он бояд ба дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ, ҳифзи соҳаҳои стратегӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди устувори минтақаҳои деҳот равона гардад. Аз ин нуқтаи назар, протексионизми интихобӣ ва мақсаднок нисбат ба ҳимояи умумӣ ва бемаҳдуди бозори дохилӣ ба талаботи иқтисоди муосир бештар мувофиқат менамояд. Чунки “дар таъмини рушди соҳаи саноати кишвар нақши муҳимро

ташкили низоми ҳуқуқӣ ва иқтисодии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, сода кардани раванди бақайдгирии соҳибкорӣ, тартиби назорати (санҷиши) фаъолияти субъектҳо, низоми иҷозат ва иҷозатномадиҳӣ, андозбандӣ, танзими муносибатҳои савдои хориҷӣ ва амалҳои дигари дахлдор мебозанд” [43, с. 101].

“Дар назарияи иқтисодиёти аграрӣ исбот шудааст, ки имкон дорад раванди такрористеҳсолкуниро дар асоси худмаблағгузорӣ амалӣ намояд, сатҳи ҳадди ақалли даромаднокии истеҳсолоти кишоварзӣ бояд на камтар аз 20-25%–ро ташкил диҳад, тибқи арзёбии баъзе коршиносон - 35-40%, дар ин ҳолат ҳатман бояд хусусияти фаъолияти субъекти хоҷагидор, конъюнктураи бозори озуқаворӣ, ҳам берунӣ ва ҳам дохилиро ба назар гирифт” [61, с. 27].

Яке аз мушкилоти асосии рушди устувори кишоварзӣ мавҷудияти номутаносибиҳои давомдор дар механизми иқтисодии соҳа мебошад. Ба рушди иқтидори истеҳсолии субъектҳои кишоварзӣ як қатор маҳдудиятҳо, аз ҷумла норасоии маблағгузорӣ, номуътадилии нархҳо, дастрасии маҳдуд ба қарзҳои имтиёзнок ва сатҳи пасти фарогирии суғуртаи аграрӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Дар натиҷа, имкониятҳои онҳо барои сармоягузорӣ, навсозии воситаҳои истеҳсолот ва васеъ намудани фаъолияти хоҷагидорӣ маҳдуд мегарданд.

Нақши иҷтимоию иқтисодии протексионизми аграрӣ дар ҳавасмандгардонии такрористеҳсоли истеҳсолот, таҳкими иқтидори иқтисодии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва таъмини устувории рушди соҳа зоҳир мегардад. Чунки “кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини иқтисодиёти Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар таъмини амнияти озуқавории кишвар ба он нақши асосӣ дода мешавад, аз ҷумла, ба истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ. На камтар муҳим вазифаҳои дигар низ мебошанд, ба монанди таъмин намудани ашёи хом барои саноат ва истеъмоли молҳои таъиноти истеҳсолӣ” [87, с. 296].

Дар шароити иқтисоди бозорӣ, ки мустақилияти истеҳсолӣ ва молиявии субъектҳои хоҷагидор ва масъулияти онҳоро барои натиҷаҳои фаъолияти худ пешбинӣ менамояд, протексионизми аграрӣ бояд хусусияти интихобӣ ва ҳавасмандкунанда дошта бошад. Он бояд на ба ташаккули вобастагии истеҳсолкунандагон аз дастгирии давлатӣ, балки ба ташкили шароити беҳтари

фаъолият, маблағгузории худӣ, сармоягузорӣ ва рушди иқтидори истеҳсолӣ равона карда шавад. Аз ин рӯ, истифодаи воситаҳои иқтисодии танзим, ки ташаббуси субъектҳои бозорро тақвият мебахшанд, бояд дар низоми протексионизми аграрӣ мавқеи афзалиятнок дошта бошад.

Ташаккули низоми самараноки дастгирии молиявии соҳаи кишоварзӣ тақозо менамояд, ки захираҳои буҷетӣ бо дарназардошти афзалиятҳои рушди соҳа ва натиҷаҳои интизоршавандаи иқтисодӣ тақсим карда шаванд. Дар чунин ҳолат сатҳи даромаднокии истеҳсолоти кишоварзӣ метавонад ҳамчун меъёри асосии мақсаднок ва дараҷаи ноилшавӣ ба он ҳамчун нишондиҳандаи муҳимтарини натиҷавии сиёсати протексионизми аграрӣ баррасӣ карда шавад. Меъёри асосии самаранокии чораҳои протексионистӣ дараҷаи мувофиқати натиҷаҳои бадастомада ба захираҳои барои татбиқи онҳо ҷудошуда мебошад. Яъне, чунин чораҳо дар сурате самаранок арзёбӣ мегарданд, ки онҳо бо хароҷоти нисбатан кам ба афзоиши даромади истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои фаъолияти онҳо мусоидат намоянд.

Татбиқи чораҳои протексионизми аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ноил шудан ба як қатор натиҷаҳои мусбат замина фароҳам овардааст. Дар натиҷаи татбиқи тадбирҳои дахлдор ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ афзоиш ёфта, иқтидори рушди бахши аграрӣ тақвият меёбад. Ин раванд барои бартараф намудани маҳдудиятҳои ҷамъшудаи рушди соҳа, коҳиш додани таъсири буҳрони тӯлонӣ ва гузариш ба модели рушди устувори кишоварзӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. “Дар иқтисоди бозорӣ вазифаи асосии сиёсати протексионизми аграрӣ ба нигоҳ доштани даромаднокии зарурии истеҳсолкунандагони маҳсулоти деҳотӣ оварда мерасонад” [128, с. 8]. Таҷрибаи амалии сиёсати давлатӣ аз мавҷудияти равишҳои гуногун ва баъзан мухолиф нисбат ба масъалаи дастгирии протексионистӣ шаҳодат медиҳад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки қарорҳои вобаста ба ҳаҷм ва шаклҳои дастгирии мустақими буҷетии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бештар аз дараҷаи дарки зарурати объективии истифодаи механизмҳои протексионистии танзими давлатӣ вобаста мебошанд.

Дар шароити мазкур нақши давлат дар ташаккул ва татбиқи сиёсати протексионизми аграрӣ афзоиш ёфта, истифодаи мақсадноки воситаҳои дастгирии давлатӣ барои таъмини рушди устувори кишоварзӣ ва таҳкими амнияти озуқавории кишвар аҳаммияти муҳим пайдо мекунад. “... Мувофиқи муқаррароти илми иқтисод, давлат дар системаи муосири иқтисодӣ бояд як қатор вазифаҳоро иҷро намояд, ки дар байни онҳо метавон инҳоро ҷудо кард: пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятӣ, барқарор кардани муносибатҳои байналмилалӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ғайраҳо. Бо мақсади маблағгузории вазифаҳои мазкур фаъолияти системаи буҷетие ҷорӣ карда мешавад, ки шомили буҷетҳои ду сатҳ дар давлат ва фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ мебошад” [31, с. 81].

Қобилияти фаъолона амалӣ кардани ин вазифаҳо шаҳодати мустақими пешбурди касбии сиёсати аграрии фермерӣ аз ҷониби мақомот мебошад. “Дар давраи тулонии рушди таърихӣ далелҳои асосӣ барои татбиқ ва рушди сиёсати протексионизм ҳифзи соҳаҳои ҷавони саноати кишвар, таъмин намудани сатҳи баланди шуғл дар кишвар, таъмини амнияти иқтисодӣ, ҷамъоварии сармояи дохилӣ, нигоҳ доштани ҳаҷми баланди содирот нисбат ба воридот ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолии кишвар буданд” [21, с. 29].

Дастгирии мустақими буҷетии нархи маҳсулоти КАС (аз нуқтаи назари нигоҳ доштани устувории нисбии нархҳои чаканаи озуқаворӣ муҳим аст), агар ба субсидияҳои нархҳои муътадил аз рӯйи андоза ва параметрҳои нисбӣ дар кишварҳои хориҷӣ равона карда шавад, бояд ҳадди ақал нисфи фоидаи оптималии истеҳсоли кишоварзиро таъмин кунад. Ҳамчунин, “омилҳои муҳити беруна ба инкишофи давравии корхонаҳои савдо таъсири калон мерасонанд. Ҳамин тариқ, ҳангоми муайян намудани марҳилаҳои рушд бояд омилҳои фарҳангӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқию меъёрӣ, ки муҳити савдои чаканаи кишварро ташаккул медиҳанд, бояд ба назар гирифта шавад” [96, с. 102]. Қисми муҳимми дастгирии протексионистӣ тавассути фишангҳои ғайримустақими танзими давлатӣ амалӣ карда мешавад. Ба чунин фишангҳо инҳо дохил мешаванд:

- фароҳамсозии шароити имтиёзноки андозию қарзӣ;

- рушди шаклҳои дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ тавассути пешниҳоди воситаҳои истеҳсолоти саноатӣ бо нарх ва шартҳои имтиёзнок, инчунин, ҷуброни як қисми хароҷоти вобаста ба хариди онҳо;

- азнавсозии сохтори уҳдадориҳои қарзӣ, аз ҷумла тамдиди муҳлати пардохт, аз ҳисоб баровардан ё бахшидани қисми қарзҳои корхонаҳои кишоварзӣ**,** ки дар натиҷаи номукаммалии механизми иқтисодӣ ба вуҷуд омадаанд;

-дигар шаклҳои дастгирии ғайримустақими давлатӣ.

Таҳлилҳои ҳисобӣ нишон медиҳанд, ки бартараф намудани раванди коҳиши иқтидори истеҳсолии бахши аграрӣ ва беҳтар намудани шароити иҷтимоию меҳнатии аҳолии деҳот танҳо дар сурати тақвияти дастгирии давлатии соҳа имконпазир мебошад. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии кормандони соҳа, тадбирҳои дастгирии давлатӣ бояд ба таъмини даромаднокии миёнаи истеҳсолкунандагони кишоварзӣ дар сатҳи 20-25 фоиз ва расонидани сатҳи музди меҳнат то 70 фоизи нишондиҳандаи миёнаи иқтисодиёт равона гарданд. Тибқи ҳисобҳои пешниҳодшуда, татбиқи чунин тадбирҳо маблағгузории буҷетиро дар ҳаҷми тақрибан 250-300 млн сомонӣ дар як сол тақозо менамояд. Сафарбар намудани чунин захираҳо бояд ҳамчун яке аз самтҳои асосии сиёсати давлат дар соҳаи аграрӣ баррасӣ гардад.

Баланд бардоштани рақобатпазирии бахши аграрии миллӣ раванди мураккаб буда, танҳо тавассути имкониятҳои бозорӣ ва фаъолияти мустақили истеҳсолкунандагон таъмин карда намешавад. Таҷрибаи кишварҳои дорои иқтисодиёти пешрафта нишон медиҳад, ки давлат тавассути механизмҳои танзими иқтисодӣ ва сиёсати протексионизми аграрӣ барои ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони миллӣ, коҳиши таъсири рақобати воридотӣ ва фароҳам овардани шароити рушди устувори истеҳсолот мусоидат менамояд.

“Қайд кардан зарур аст, ки дар савдои байналмилалии хизмат мунтазам рақобат шадидтар гардида, он яке аз соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи хоси сиёсӣ ва иқтисодидошта аз тарафи давлатҳои ҷаҳон ба шумор меравад. Васеъгардии

ҳалқаи ҷаҳонии бунёди арзиш дар раванди истеҳсоли хизмат, илова бар он, болоравии нақши хизматрасонӣ дар истеҳсолоти молҳо барои амалисозии бомуваффақияти сиёсати савдои хориҷии давлат вазифаҳои нав пеш мегузорад. Дар ин раванд ҳангоми амалисозии сиёсати савдои хизмат ҳукуматро зарур аст, диққати махсусро ба андоза ва таъсири ҳузури тиҷоратии пешкашкунандагони хизматрасонии байналмилалӣ ҷудо намояд, то барои пешкашкунандагони ватании хизмат шароит пайдо гардад, ки манфиатҳои худро дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ ҳифз намуда тавонанд" [81, с. 207]

Таҳлили назария ва амалияи танзими рақобат дар сиёсати иқтисодӣ мавҷудияти зиддиятҳои муайянро ошкор месозад. Аз як тараф, равишҳои либералии иқтисодӣ ҷонибдори коҳиши монеаҳои савдо ва маҳдуд намудани дахолати давлат ба механизмҳои бозорӣ мебошанд. Аз ҷониби дигар, таҷрибаи кишварҳо нишон медиҳад, ки дастгирии истеҳсолкунандагони миллӣ ва ҳифзи соҳаҳои стратегӣ, бахусус кишоварзӣ, ҳамчун қисми муҳимми сиёсати иқтисодӣ боқӣ мемонад. Дар натиҷа, протексионизми муосир бештар хусусияти интихобӣ ва ғайритарифӣ гирифта, ҳамчун воситаи танзими рақобат истифода мешавад.

"Маҷмуи механизмҳои муҳофизатӣ ва дастгирикунанда, ба андешаи мо, системаи протексионизми аграриро ташкил медиҳад, ки имкониятҳои танзими давлатиро дар соҳаи агросаноатӣ васеъ мекунад" [70, с. 77].

Ташаккули низоми самараноки протексионизми аграрӣ дар шароити муосир бо як қатор омилҳо маҳдуд мегардад. Аз як ҷониб, гуногуншаклии омилҳои таъсиррасон ба ташаккули афзалиятҳои рақобатии маҳсулоти агросаноатӣ таҳияи чунин низомро мураккаб месозад; аз ҷониби дигар, паҳн гардидани ғояҳои либералии иқтисодӣ дар доираҳои таҳиякунандаи сиёсати иқтисодии давлатӣ барои татбиқи васеи механизмҳои ҳимоявӣ маҳдудиятҳои муайян эҷод менамояд.

Яке аз заминаҳои калидии ноилшавӣ ба ҳадафи мазкур таъмини сатҳи қобили қабули даромаднокии истеҳсолкунандагони ватанӣ, таҳкими

имкониятҳои иқтисодии онҳо ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои рушди устувору рақобатпазири фаъолияти истеҳсолӣ мебошад.

Омезиши сиёсати протексионизми аграрӣ, ҳимояи бозори дохилӣ ва дастгирии оқилонаи истеҳсолоти миллӣ, бешубҳа, барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ замина фароҳам меорад. Даромаднокии устувори истеҳсолоти аграрӣ ҳамчун омили асосии рушди минбаъдаи соҳа имкон медиҳад, ки раванди таҷдиди техникии истеҳсолот суръат гирифта, дастовардҳои илмию техникӣ ба фаъолияти хоҷагидорӣ ворид карда шаванд. Низоми танзими протексионистӣ дар навбати худ бо истифода аз фишангҳои иқтисодӣ ва маъмурӣ ба ташаккули муносибатҳои бозории ба ҳадафҳои стратегии рушди бахши аграрӣ мутобиқ мусоидат намуда, заминаҳои заруриро барои рушди устувори он фароҳам меорад.

“Эҳтиёҷи аввалиндараҷа ба протексионизми давлатӣ бозори техникаи навъи якум ва дуюми такрористеҳсолро эҳсос мекунад. Бе танзими иқтисодии давлатӣ интизор шудан аз афзоиши ҳам истеҳсоли кишоварзӣ ва ҳам саноатӣ душвор аст, зеро иқтидори бозори баромади маҳсулоти озуқаворӣ ва бозори воридшавандаи техника маҳдуд боқӣ мемонад. Вазъи бозори захираҳои техникӣ давлатро водор месозад, ки роҳҳои танзими онро ҷустуҷӯ намояд” [124, с. 225].

Таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ ва дохилӣ нишон медиҳад, ки рушди устувори маҷмааи агросаноатӣ танҳо дар сурати иштироки фаъоли давлат дар танзим ва дастгирии он таъмин мегардад. Кишварҳои пешрафта бо истифода аз механизмҳои гуногуни дастгирӣ ва танзими давлатӣ тавонистаанд рушди устувори бахши аграрӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, ҷамъшавии сармоя ва азнавсозии сохтори маҷмааи агросаноатиро фароҳам созанд.

“Равишҳои методологии танзими давлатии маҷмааи агросаноатӣ дар асоси шаклҳо, усулҳо, механизмҳо ва воситаҳои истифодашаванда дар ниҳоят ба алгоритми ташкили механизми ташкилӣ-хоҷагӣ таъсир мерасонанд, ки ба расидан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои рушд нигаронида шудааст. Дар ин раванд

навъи шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои танзими давлатии КАС аз асоси муҳтавогии муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии аграрӣ, ки дар раванди такрористеҳсоли соҳаҳои КАС ташаккул меёбанд, қонунҳои объективии иқтисодӣ ва низоми амалкунандаи иқтисод дар соҳаи аграрӣ сарчашма мегирад” [83, с. 72].

Протексионизми аграрӣ ҳамчун низоми танзими давлатии иқтисодӣ маҷмуи чораҳои молиявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳифзу дастгирии бахши аграриро дар бар мегирад, ки ба таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони миллӣ, нигоҳдорӣ ва афзоиши даромади онҳо равона шудааст.

Дар айни замон, кишварҳои дигар ноамнии мутлақи худро дар бозори озуқавории имрӯза дарк кардаанд.

“Рушди муносибатҳои навъи соҳибкорӣ дар ҳамаи марҳилаҳои такрористеҳсоли ҷамъиятӣ низ аҳаммияти камтар надорад, аз ҷумла, дар истеҳсол, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, коркард кардани маҳсулоти кишоварзӣ ва расонидани он ба истеъмолкунандагони ниҳоӣ. Норасоии рушди чунин муносибатҳо ҳамчун сабаби асосии боқӣ мондани қафомонии комплекси агросаноатии кишвар баромад мекунад” [36, с. 5].

Таҷрибаи буҳронҳои ҷаҳонӣ зарурати коҳиш додани вобастагии кишварҳоро аз марказҳои маҳдуди истеҳсоли озуқаворӣ ва таҳкими иқтидори истеҳсолии дохилӣ барои таъмини устувории амнияти озуқаворӣ нишон медиҳад. Ин ҳолат давлатҳоро водор сохт, ки ба рушди истеҳсолоти дохилии кишоварзӣ ва ҳифзи иқтидори аграрии миллӣ аҳаммияти бештар диҳанд. “Дар давраҳои буҳронӣ маҷмуи васеътари воситаҳо дар доираи сиёсати протексионистӣ истифода мешаванд, аз ҷумла монеаҳои ғайритарифӣ ва инчунин чораҳои муваққатии муҳофизатӣ” [48, с. 198].

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати чунин сиёсат бо сатҳи нокифояи таъминоти озуқаворӣ ва камбуди истеъмоли маҳсулоти ғизоӣ ба ҳар сари аҳолӣ боз ҳам бештар мегардад. Бо дарназардошти ин, ташаккул ва такмили низоми самараноки танзими давлатии бахши аграрӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ буда, барои таъмини рушди устувори

кишоварзӣ, таҳкими беҳтарсозии истеҳсолоти аграрӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ заминаи зарурӣ фароҳам меорад.

“Дар ҷараёни буҳрони ҷаҳонии молиявии солҳои 2008-2010 бисёр кишварҳое, ки ин буҳрон онҳоро ба рукуди амиқи иқтисодӣ овард, бо маҳдудиятҳо дар истифодаи тадбирҳои анъанавии сиёсати макроиқтисодии эътидолбахш рӯ ба рӯ шуданд” [72, с. 3].

Бояд қайд намуд, ки “... вобаста ба коркарди захираҳои табиӣ ва рушд додани минтақаҳои кишвар ва, дар ин замина, ноил шудан ба яке аз ҳадафҳои стратегӣ - аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат ба ҳисоб меравад, ки дар заминаи ин ҳадафи стратегӣ ҳама минтақаҳои кишварамон пурра ба ҳамдигар дар ҳама фасли сол пайваст шуданд ва алҳол метавон ашёи хоме, ки дар як минтақа истеҳсол мешавад, ба минтақаи дигар барои коркард интиқол дод” [119, с. 19].

Дар шароити муосир соҳаи кишоварзӣ бо маҷмуи мушкилоти иқтисодӣ, молиявӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ мебошад. Бо дарназардошти хусусияти мураккаб ва гуногунҷанбаи масъала, ташаккули муҳити мусоиди иқтисодӣ дар деҳот ва таъсиси механизми мукаммали дастгирии давлатии бахши аграрӣ аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад, ки ҳалли он метавонад барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва таъмини рушди пайвастаи соҳа заминаи мусоид фароҳам оварад. “Барои ҳалли ин мушкилот ва расонидани кумак аз ҷониби давлат, пеш аз ҳама, арзёбии умумии вазъи соҳа аз давраи ислоҳоти аграрӣ зарур аст. Бояд қайд кард, ки ислоҳоти беандеша кишоварзиро дар марҳилаҳои аввали татбиқи онҳо ба системаи пардохтпазир табдил дод, ки суръати раванди такрористеҳсолкуниро дар соҳа ба таври назаррас коҳиш дод” [82, с. 132].

Бо мақсади такмили протексионизми аграрӣ вазифаҳои афзалиятноки зеринро муайян кардан лозим аст:

- ҷорӣ намудани равиши муосир ба сиёсати аграрӣ тавассути ҳамоҳангсозии механизмҳои идоракунӣ дар сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ;

- истифодаи имкониятҳои инноватсионӣ ҳамчун заминаи навсозии технологӣ ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти аграрӣ;

- ташаккули низоми мукаммали неопротексионизми аграрӣ дар асоси истифодаи механизмҳои интихобӣ, мақсаднок ва ба натиҷа нигаронидашудаи дастгирии давлатӣ;

- тағйир додани сохтори дастгирии давлатии бахши аграрӣ тавассути коҳиши марҳилавии шаклҳои мустақими дастгирии буҷетӣ ва афзоиши истифодаи механизмҳои ғайримустақими танзими иқтисодӣ;

- таъмини мутобиқати чораҳои протексионистӣ бо самтҳои стратегии рушди иқтисодӣ ва амнияти озуқавории кишвар.

Чораҳои протексионистӣ дар соҳаи кишоварзӣ аҳамияти хос дошта, тавассути дахолати мақсадноки давлат барои ҳамоҳангсозии манфиатҳои иқтисодии гурӯҳҳои гуногуни истеҳсолкунандагон ва таъмини тавозуни муносибатҳои бозорӣ мусоидат менамоянд.

“Мақсад ҳимояи манфиатҳои кишвар дар самти ташкилу танзими воридоту содироти мол, кам кардани хароҷот оид ба хизматрасонии ин раванд, ба даст овардани имтиёзҳо, мусоидат ба фоиданокии фурӯши молу маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ мебошад. Сол то сол зиёд шудани ҳаҷми савдои хориҷӣ ва зарурати танзиму ташаккули муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ фаъолияти самараноки ниҳодҳои давлатиро тақозо намуд” [43, с. 22].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит менамояд, ки сиёсати давлатии дастгирии бахши аграрӣ бояд бар асоси принсипҳои протексионизми оқилона ва мақсаднок ташаккул ёфта, ба ташаккули заминаҳои устувори диверсификатсияи иқтисоди миллӣ, таҳкими мавқеи бахши аграрӣ ва баланд бардоштани сатҳи дарки ҷомеа аз аҳамияти стратегии рушди кишоварзӣ равона карда шавад. Бояд қайд намуд, ки кишоварзӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои стратегии иқтисодиёт дорои хусусиятҳои махсус мебошад. Вобастагии он аз шароити табиӣ, мавсимӣ будани истеҳсолот, хавфҳои баланд ва аҳаммияти иҷтимоии маҳсулоти кишоварзӣ сабаби он мегардад, ки чунин вазъият тақвияти иштироки давлатро дар равандҳои танзим,

дастгирӣ ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии бахши мазкур ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ зарур мегардонад.

Зарурати тақвияти танзими давлатии бахши кишоварзӣ, аз ҷумла, бо хусусиятҳои объективии истеҳсолоти кишоварзӣ алоқаманд мебошад. Аз як тараф, кишоварзӣ дар тамоми марҳилаҳои рушди тамаддуни инсонӣ ба омилҳои табиӣ ва иқлимӣ вобаста буда, таъсири онҳоро ҳатто бо истифода аз дастовардҳои муосири илмӣ ва технологӣ пурра аз байн бурдан имконнопазир аст. Аз ҷониби дигар, таъмини устувори ҷомеа бо маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун яке аз шартҳои муҳимми фаъолияти мунтазам ва рушди дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ баромад менамояд.

Бояд таъкид намуд, ки дар шароити буҳронӣ ва фавқулода, аз ҷумла ҳангоми тағйироти куллии сохтори иқтисодӣ, ҷангҳо ё бартараф намудани оқибатҳои буҳронҳои иқтисодӣ, афзоиши нақши давлат дар танзим ва идоракунии соҳаи кишоварзӣ метавонад барои сафарбар намудани захираҳои ҷомеа ва иҷрои вазифаҳои афзалиятнок мусоидат намояд. Истифодаи механизмҳои мутамаркази идоракунӣ ба давлат имкон медиҳад, ки захираҳои молиявӣ, моддӣ ва меҳнатиро ба самтҳои муайян равона созад. Таҷрибаи таърихии саноатикунонӣ ва коллективикунонӣ дар солҳои 1930 намунаи равшани чунин муносибат ба идоракунии иқтисодӣ мебошад, ки ҳамзамон бо натиҷаҳои истеҳсолӣ дорои паёмадҳои назарраси иҷтимоию иқтисодӣ низ буд. Тавре таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, бартарияти механизмҳои маъмурию фармондеҳӣ метавонад дар марҳилаи ибтидоӣ суръати нисбатан баланди рушди истеҳсолоти кишоварзиро таъмин намояд, вале дар дурнамои дарозмуддат маҳдудиятҳои чунин равиш бештар зоҳир мегарданд. Нодида гирифтани манфиатҳои иқтисодии истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон боиси заиф шудани ҳавасмандии иқтисодӣ, дур гардидани истеҳсолот аз талаботи воқеии бозор ва афзоиши хароҷоти истеҳсолӣ мегардад. Дар натиҷа, самаранокӣ ва рақобатпазирии соҳаи кишоварзӣ коҳиш ёфта, заминаҳои рушди устувори он заиф мешаванд.

Дар чунин низом ташаккули музди меҳнат асосан ба меъёрҳои давлатӣ такя карда, имконияти истифодаи механизмҳои ҳавасмандгардонии иқтисодиро маҳдуд менамояд. Баръакс, дар шароити иқтисоди бозорӣ талабот, пешниҳод ва рақобат ҳамчун механизмҳои асосии танзими фаъолияти истеҳсолкунандагон баромад мекунанд. Онҳо истеҳсолкунандагонро ба самаранок истифода бурдани захираҳо, такмили технология, баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулот ҳавасманд месозанд. Аз ин рӯ, нақши давлат дар бахши аграрӣ бояд на ба иваз намудани механизмҳои бозорӣ, балки ба танзим, ҳавасмандгардонӣ, ҳифзи рақобати солим ва дастгирии мақсадноки субъектҳои дорои аҳаммияти стратегӣ равона карда шавад.

Таҷрибаи гузашта нишон медиҳад, ки бартарияти идоракунии маъмурию фармондеҳӣ ва давлатӣ будани истеҳсолоти кишоварзӣ самаранокии механизмҳои иқтисодии рушди бахши аграриро маҳдуд менамояд. Натиҷаҳои ғайриқаноатбахши чунин равишро инчунин ба нокифоя будани воситаҳои ҳуқуқию иқтисодии танзим ва номукаммалии кафолатҳои ҳуқуқии фаъолияти истеҳсолкунандагони деҳот вобаста кардан мумкин аст. Дар чунин шароит эътимоди субъектҳои аграрӣ ба устуворӣ ва пайдарҳамии сиёсати давлатии аграрӣ коҳиш ёфта, ангезаҳои иқтисодии рушди истеҳсолот суст мегарданд. Аз ин рӯ, дар шароити иқтисоди бозорӣ зарурати истифодаи механизмҳои муосири танзими давлатӣ ва дастгирии мақсадноки бахши аграрӣ ба миён меояд.

Масъалаи муайян намудани таносуби оптималии ҳамкории давлат ва иқтисодиёт таърихи тулонӣ дошта, дар шароити иқтисоди муосир аҳаммияти хоса пайдо мекунад. Ҷустуҷӯи чунин таносуб ба зарурати ба инобат гирифтани принсипҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла гуногунрангии шаклҳои моликият, хоҷагидорӣ ва андешаҳои ҷамъиятӣ алоқаманд мебошад. Таҷрибаи Иттиҳоди Шуравӣ нишон медиҳад, ки ҳукмронии шакли ягонаи моликият ва маҳдуд будани гуногунрангии институтсионалӣ имкониятҳои рушди муносибатҳои мустақили иқтисодиро маҳдуд менамуд. Аз ин рӯ, дар шароити иқтисоди бозорӣ самаранокии танзими давлатӣ бояд на ба маҳдуд намудани гуногунрангии иқтисодӣ, балки ба ташаккули муҳити рақобатпазир, ҳифзи

ҳуқуқи моликият ва фароҳам овардани шароити баробар барои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор равона карда шавад. Дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон бахши ғайримонополии аграрӣ ҳамчун унсури муҳимми иқтисоди бозории муосир баррасӣ мегардад. Танзими давлатии бахши кишоварзӣ тавассути маҷмуи механизмҳо ва воситаҳои иқтисодӣ амалӣ гардида, ба ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони аграрӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди фаъолияти онҳо равона карда мешавад. Ба чунин чораҳо, пеш аз ҳама, танзими нархҳо, субсидиякунонӣ, дастгирии даромад ва таъмини таносуби байни нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатӣ дохил мешаванд. Таҷрибаи байналмилалӣ аҳаммияти чунин дастгириро собит менамояд. Аз ҷумла, дар охири солҳои 80-уми асри XX ҳиссаи субсидияҳои давлатӣ дар даромади умумии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ дар ИМА 36 %, дар Канада 56 % ва дар Кореяи Ҷанубӣ 50 %-ро ташкил медод. Аз ин рӯ, самаранокии сиёсати аграрӣ ва фаъолияти маҷмааи агросаноатӣ метавонад ба устувории иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа таъсири мустақим расонад. Дар баробари ин, афзоиши қарзҳои кредитии бахши аграрӣ ва мушкилоти ҳисоббаробаркунӣ бо истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз мавҷудияти мушкилоти молиявӣ дар соҳа шаҳодат медиҳад. Ҳалли ин масъалаҳо тақвияти механизмҳои дастгирии давлатӣ ва такмили сиёсати молиявию нархиро тақозо менамояд. Ҳамаи ин дар бораи сатҳи пасти афзалияти дастгирии давлатии деҳот сухан меронад.

«Дар навбати худ, фаъолияти ташкилотҳои молиявии қарздиҳии хурд дар ноҳияҳои кӯҳӣ такмилёбиро тақозо менамояд. Вақти он расидааст, ки ин ташкилотҳои молиявии қарздиҳии хурд масъалаи омӯзиши имкониятҳои бозоргирии моли дар дохил истеҳсол мешударо тадқиқ намоянд. Бешубҳа, дар шароити муосир, аксарият шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии истифодабарандагони қарзҳои хурд ёфт мешаванд, ки дар фаъолияти худ бе баромадан ба бозорҳои шаҳрӣ васеъ намудани соҳибкории истеҳсолотӣ, саноатикунонии истеҳсолот ва диверсификатсияи молӣ аз ҷиҳати экологӣ соф ба бозорҳои ҷумҳуриявӣ имконият надоранд» [63, с. 234].

Самтҳои асосии танзими иқтисодии бозори аграрӣ аз маҷмуи чораҳои ба таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ равонашуда иборат мебошанд. Ба онҳо, пеш аз ҳама, самтҳои асосии дастгирии давлатӣ аз ҳавасмандгардонии худтаъминкунии озуқаворӣ, танзими муносибатҳои иқтисодии байни кишоварзӣ ва саноат, дастгирии даромади истеҳсолкунандагон ва фароҳам овардани заминаҳои рушди устувори истеҳсолоти аграрӣ бо дарназардошти имкониятҳои такористеҳсоли онҳо, ташаккули фазои ягонаи иқтисодӣ дар дохили кишвар ва рушди иқтидори содиротии маҳсулоти ватанӣ дохил мешаванд.

Дар ин замина, олимон ва намояндагони маҷмааи агросаноатии кишвар таъкид менамоянд, ки самаранокии танзими иқтисодии бозори аграрӣ ба татбиқи сиёсати давлатии протексионистӣ вобастагии назаррас дорад. Протексионизм дар соҳаи кишоварзӣ, пеш аз ҳама, тавассути субсидиякунонии равандҳои такористеҳсоли васеъ, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, дастгирии қарзӣ ва истифодаи дигар воситаҳои молиявию иқтисодӣ амалӣ карда мешавад.

Ислоҳоти аграрӣ зарурати таҷдиди низоми танзими давлатии соҳаи кишоварзиро ба миён овардааст. Ин тағйирот аз рӯйи моҳият хусусияти иқтисодӣ дошта, ба рушди муносибатҳои бозорӣ дар бахши кишоварзӣ мусоидат менамоянд. Дар баробари ин, татбиқи самараноки онҳо ташаккули муҳити устувори ҳуқуқӣ ва низоми мукаммали танзими қонунгузориро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои аграрӣ, аз ҷумла мақомоти давлатӣ, сохторҳои идоракунӣ ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ муайян карда мешаванд. Танзими давлатӣ ва идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ боиси ташаккули муносибатҳои гуногун байни субъектҳои соҳаи аграрӣ мегардад. Ин муносибатҳо вобаста ба хусусият ва мазмуни худ тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим шуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳоро муайян менамоянд. Дар натиҷа, муносибатҳои иқтисодию идоракунӣ шакли муносибатҳои ҳуқуқиро касб намуда, ба доираи танзими ҳуқуқии соҳаи аграрӣ дохил мешаванд.

Гузариш ба муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи кишоварзӣ худ аз худ маънои аз байн бурдани дастгирии давлатӣ ва суст намудани сиёсати протексионистиро надорад. Бо дарназардошти хусусиятҳои истеҳсолоти аграрӣ, танзими давлатӣ ҳамчун механизми муҳимми дастгирии рақобатпазирии соҳа ва ҳимояи манфиатҳои иқтисодии истеҳсолкунандагони ватанӣ аҳамияти хос пайдо мекунад. Бе чунин механизмҳо эҳтимоли афзоиши нобаробарии иқтисодӣ байни кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт зиёд мегардад. Афзоиши диспаритети нархҳо ва истифодаи механизмҳои гуногуни пардохтӣ метавонанд боиси коҳиши даромади воқеии корхонаҳои кишоварзӣ гарданд. Дар чунин шароит на танҳо қисми арзиши изофа, балки як қисми захираҳои барои фаъолияти минбаъдаи истеҳсолӣ зарурӣ низ аз гардиши корхонаҳо хориҷ мешавад. Дар натиҷа, ҳаҷми маблағҳои ҷубронашуда афзоиш ёфта, имкониятҳои истеҳсолкунандагон барои навсозии воситаҳои истеҳсолот ва таъмини такрористеҳсоли васеъ маҳдуд мегарданд. Яке аз оқибатҳои чунин вазъ паст мондани сатҳи музди меҳнат дар кишоварзӣ нисбат ба нишондиҳандаҳои миёнаи соҳаҳои дигари маҷмааи агросаноатӣ мебошад.

«Риояи муттасили ин принсипҳо ва комплекси рушди равандҳои инноватсионӣ аз рӯйи самтҳои хеле гуногун дар асоси низоми танзимгарони бозор метавонад ба татбиқи муваффақонаи сиёсати инноватсионӣ дар КАС мусоидат намояд, ба баромади кишоварзии ватанӣ аз ҳолати буҳронӣ суръат бахшад, устуворӣ ва рушди минбаъдаи истеҳсолоти агросаноатиро таъмин намояд, инчунин, барои ба даст овардани истиқлолияти озуқаворӣ мусоидат намояд» [88, с. 86].

Ислоҳоти иқтисодӣ дар кишвар вазъиятро дар танзими савдои хориҷии маҷмааи агросаноатӣ низ ба таври назаррас тағйир дод. Сохтори нави институтсионалии КАС, бекор кардани низоми таъминоти ҳатмии давлатӣ, либерализатсияи нарх ва савдо боиси он гардид, ки содирот ва воридоти маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ ба истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи ватанӣ таъсири назаррас расонад. Агар дар иқтисодиёти Шуравӣ бо норасоии доимии озуқаворӣ сиёсати устувори нигоҳ доштани воридот (ба таври назаррас

субсидияшаванда) ва маҳдуд кардани содирот ташаккул ёбад, пас аз оғози ислоҳот ин парадигма, гарчанде ки на дарҳол, бо консепсияи классикии протексионизми аграрӣ иваз карда шуд, вақте ки бозори ватанӣ аз воридоти озуқаворӣ ва ашёи хоми воридотӣ муҳофизат карда мешавад.

«Гузаронидани ислоҳоти доимии иқтисодӣ дар низоми идоракунии иқтисодиёт имкон медиҳад, ки тартиби пешбурди сиёсати иқтисодӣ ба талаботи замон мутобиқ карда шуда, дар ин замина, самаранокии низоми иқтисодии истифодашаванда таъмин ва талаботи рӯзмарраи мардум қонеъ гардонида шавад. Аз ҷумла, дар шароити ниҳоят ҳассосу мураккаби ҷомеаи ҷаҳонӣ, хусусан, канда шудани занҷираҳои иқтисодии кишварҳо, ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва дар ин замина, ташаккули низоми иқтисоди миллӣ муҳим арзёбӣ мегардад» [101, с. 167].

Бо сабаби хусусияти истифодаи бисёр чораҳои паҳншудаи протексионизми давлатӣ дар бахши аграрӣ дар шароити гузариш ба модели индустриалӣ - аграрӣ, протексионизм бояд равандҳои муайянро риоя кунад:

- сиёсати дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ бояд ба рушди бозор, васеъ намудани каналҳои фурӯш ва афзоиши ҳаҷми фурӯши маҳсулоти аграрӣ равона карда шавад, зеро танҳо нигоҳ доштани сатҳи истеҳсолот барои таъмини самаранокии иқтисодии соҳа кофӣ нест;

- барномаҳои давлатии рушди аграрӣ бояд ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии деҳот, аз ҷумла ташкили ҷойҳои нави корӣ, афзоиши шуғли аҳолӣ, баланд бардоштани даромади аҳолии деҳот ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ равона карда шаванд;

- дар соҳаи аграрӣ сиёсати давлатии савдои хориҷӣ бояд ба истифодаи механизмҳои протексионизми маҳдуд ва интихобӣ равона карда шавад. Чунин равиш имкон медиҳад, ки истеҳсолкунандагони ватанӣ аз таъсири номусоиди рақобати беруна ҳифз гардида, дар айни замон талаботи созишномаҳо ва уҳдадориҳои байналмилалии кишвар риоя карда шаванд.

Дар раванди таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии агросаноатӣ бояд меъёрҳо ва талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) ба назар гирифта шаванд.

Тибқи қоидаҳои СУС, давлатҳо уҳдадоранд, ки истифодаи шаклҳои дастгирии мустақими буҷетиро, ки метавонанд ба сохтори савдо ва истеҳсолоти кишоварзӣ таъсири таҳрифкунанда расонанд, маҳдуд намоянд. Чунин шаклҳои дастгирӣ дар доираи созишномаҳои СУС ҳамчун чораҳои «сабади зард» тасниф шуда, назорат ва танзими махсусро талаб мекунанд. Тадбирҳо ва барномаҳои давлатии ба рушди деҳот равонашуда дар доираи тадбирҳои «сабади сабз» қарор мегиранд. Чораҳои мазкур ба гурӯҳи механизмҳои дастгирии давлатии дорои таъсири маҳдуд ба истеҳсолоти кишоварзӣ дохил шуда, тибқи талаботи СУС, истифодаи онҳо ба маҳдудиятҳои махсуси миқдорӣ муқаррар карда нашудааст. Истифодаи чунин механизмҳо ба давлат имконият медиҳад, ки рушди инфрасохторӣ ва иҷтимоию иқтисодии деҳотро дастгирӣ намуда, ҳамзамон талаботи низоми байналмилалии савдоро риоя намояд.

«Дар марҳилаи муосири рушди низоми хоҷагии ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ, таҳримҳои иқтисодӣ шаклҳои нави зуҳур ва самтҳои нави ҳадафнокро дар сатҳи муносибатҳои байнидавлатӣ пайдо мекунанд. Хусусияти хоси онҳо дар он зоҳир мегардад, ки таҳримҳои иқтисодӣ дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун вокуниш нисбат ба он давлатҳо ё субъектҳое ба амал меоянд, ки дар онҳо фазои ҳуқуқии давлати ташаббускори таҳримҳо амал намекунад, яъне хусусияти экстерриториалӣ мегиранд. Дар баробари татбиқи якҷонибаи таҳримҳо аз ҷониби баъзе кишварҳо бо ҳадафҳои протексионистӣ ва бо нақзи қоидаҳо ва меъёрҳои СУС, дар дигар иштирокчиёни бозорҳои байналмилалӣ низ тамоюли анҷом додани чунин амалҳо пайдо мешавад. Ин ҳолат замина барои фаъол гардидани истифодаи таҳримҳои иқтисодӣ ҳамчун воситаи протексионизми таҷовузкорона мегардад» [104, с. 208].

Механизмҳои «сабади сабз» хароҷоти давлатиро дар бар мегиранд, ки ба дастгирии умумии соҳаи кишоварзӣ равона шуда, ба истеҳсолот ва савдо таъсири мустақими назаррас намерасонанд ва ба рушди устувори бахши аграрӣ мусоидат менамоянд. Самтҳои асосии маблағгузории давлатӣ дар доираи мазкур инҳоянд:

- дастгирии рушди илм ва таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи кишоварзӣ, рушди иқтидори кадрии бахши аграрӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии мутахассисони соҳаи кишоварзӣ ва ташаккули низоми самараноки иттилоотию машваратӣ барои истеҳсолкунандагон;

- такмили низоми таъмини бехатарии маҳсулоти кишоварзӣ тавассути рушди хизматрасониҳои байторию фитосанитарӣ, таҳкими назорати сифат ва коҳиши хавфҳои марбут ба истеҳсолу гардиши маҳсулоти озуқаворӣ;

- фароҳам овардани дастгирии иттилоотию маркетингӣ барои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ бо роҳи ҷамъоварӣ, коркард ва паҳн намудани иттилооти зарурии иқтисодӣ ва бозорӣ;

- таҳкими инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоии деҳот тавассути сохтмон ва азнавсозии роҳҳо, шабакаҳои барқӣ, коммуникатсионӣ ва низоми мелиоративӣ;

- ташаккул ва нигоҳдории захираҳои озуқаворӣ, инчунин татбиқи барномаҳои дастгирии дохилӣ бо мақсади таъмини устувории бозори маҳсулоти кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ;

- навсозии сохторӣ ва технологии кишоварзӣ, рушди воситаҳои муосири истеҳсолӣ ва диверсификатсияи истеҳсолот барои таҳкими рақобатпазирии соҳа;

- таҳкими заминаҳои институтсионалии ҳифзи муҳити зист дар соҳаи кишоварзӣ, рушди истеҳсолоти устувор ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ ва заминӣ;

- ташаккули барномаҳои минтақавии рушди аграрӣ дар асоси баҳодиҳии иқтидорҳои истеҳсолӣ, захиравӣ ва меҳнатӣ ва истифодаи мақсадноки онҳо.

Масъалаи мазкур дар шароити муосир аҳаммияти рӯзафзун пайдо намуда, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати аграриро ташкил медиҳад. Зеро вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, экологӣ ва демографии минтақаҳои деҳот зери таъсири як қатор мушкилоти ҷамъшуда ташаккул ёфта, имкониятҳои гузариши онҳоро ба модели рушди устувор ва динамикӣ маҳдуд менамояд. Дар чунин шароит

танзими давлатии соҳаи аграрӣ бояд на танҳо ба ҳадафҳои иқтисодӣ, балки ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва экологӣ низ равона карда шавад.

Бо дарназардошти ин, сиёсати протексионизми аграрӣ бояд самти иҷтимоии худро тақвият бахшида, барои коҳиш додани нобаробарии иҷтимоӣ ва минтақавӣ, баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии деҳот, рушди инфрасохтори иҷтимоию иқтисодӣ ва афзоиши даромади аҳолӣ мусоидат намояд. Дар баробари ин, диверсификатсияи шаклҳои шуғл, ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷорӣ намудани механизмҳои самараноки ҳифзи муҳити зист бояд ҳамчун унсурҳои муҳимми сиёсати рушди устувори деҳот баррасӣ гарданд.

1.3. Таҷрибаи хориҷии протексионизми давлатии кишоварзӣ

Таҳлили равишҳои амалкунандаи давлатҳо дар соҳаи кишоварзӣ нишон медиҳад, ки дастгирии давлатӣ ҳамчун унсури муҳимми механизми танзими иқтисодии бахши аграрӣ баромад намуда, ба ҳалли масъалаҳои рушди истеҳсолот, таъмини рақобатпазирӣ ва устувории бозори кишоварзӣ равона мегардад. Ин механизмҳо вобаста ба хусусиятҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ ва сохтории кишварҳо мазмун ва шакли гуногун доранд. Ин фарқиятҳо, пеш аз ҳама, ба сатҳи рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, иқтидори истеҳсолӣ, мавқеи кишвар дар бозори ҷаҳонии озуқаворӣ ва имкониятҳои молиявии давлат алоқаманд мебошанд, аҳаммияти махсус дорад. Истифодаи таҷрибаи мусбати хориҷӣ имкон медиҳад, ки механизмҳои самараноки танзими аграрӣ таҳия гардида, роҳҳои пешгирии камбудиҳои эҳтимолӣ ва баланд бардоштани самаранокии сиёсати аграрӣ муайян карда шаванд.

Дар адабиёти иқтисодӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ ду модели асосии танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ - модели Амрикои Шимолӣ ва модели Аврупои Ғарбӣ - ҷудо карда мешаванд. Модели Амрикои Шимолӣ бештар ба иқтисодҳои дорои иқтидори баланди истеҳсолӣ ва содиротии аграрӣ хос буда, дар он механизмҳои бозорӣ нақши муайянкунанда доранд. ИМА, Канада, Австралия ва Зеландияи Нав аз ҷумлаи кишварҳои намунавии ин равиш

мебошанд. Модели Аврупои Ғарбӣ бошад, ба ҳамбастагии механизмҳои бозорӣ ва танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ асос ёфта, ба ҳифзи истеҳсолкунандагони миллӣ, дастгирии даромади онҳо ва таъмини амнияти озуқаворӣ равона карда шудааст. Сиёсати давлатии аграрии ИМА дар давраи ташаккули худ марҳилаҳои гуногунро гузаштааст. Зарурати татбиқи механизмҳои дастгирии давлатӣ махсусан дар солҳои 1930-юм, дар шароити буҳрони иқтисодӣ ва пастшавии назарраси нархи маҳсулоти кишоварзӣ, ки боиси коҳиши даромади фермерон гардид, ба миён омад.

Табиист, ки "... ҳадафи сиёсати фермерӣ дар ин марҳила ҳавасмандгардонии афзоиши самаранокии истеҳсоли кишоварзӣ буд. Барои ҳалли он, самти ҳисобҳо ба сатҳи баробарии нархҳо муқаррар карда шуд. Барои заминаи муқоиса таносуби нархҳои солҳои 1910-1914 давраи шукуфоии фермерони амрикоӣ қабул карда шуд. Давлат нархҳои дастгириро бо ин сатҳ ба намудҳои «асосӣ»-и маҳсулот (ғалла, биринҷ ва пахта) тибқи барномаҳои қарзи зери мол ва хариди мустақим пайваст мекард. Дар натиҷа, тавонистанд, ки арзиши баробариро аз 52% дар соли 1932 то 117% дар соли 1947 баланд бардоранд» [78, с. 193].

Натиҷаи чунин дастгирии васеи давлатии фермерон ба ташаккули ҳаҷми зиёдатии истеҳсоли ғалла ва пахта оварда расонд. Бо мақсади танзими вазъи баамаломада ва коҳиш додани истеҳсоли барзиёд як қатор чораҳо пешбинӣ гардиданд, аз ҷумла:

- мутобиқ намудани сатҳи нархҳои дастгиршаванда ба 70 фоизи нархи мувозинатии бозор;

- татбиқи чораҳои кумаки озуқаворӣ ҳамчун воситаи танзими бозори кишоварзӣ, аз ҷумла ҷиҳати азхудкунии маҳсулоти зиёдатӣ ва мусоидат ба содироти он;

- ҷорӣ намудани механизми «Бонки заминӣ» ҳамчун воситаи сиёсати аграрӣ барои идоракунии захираҳои заминӣ ва рушди истеҳсолоти кишоварзӣ;

Дар марҳилаи ибтидоии татбиқи барномаи «Бонки заминӣ» ҳадафи асосӣ кам намудани масоҳати заминҳои кишт ва маҳдуд намудани ҳаҷми истеҳсолот

буд. Баъдан чунин барномаҳо ба чораҳои васеътари танзими истеҳсолот, ҳифзи заминҳои кишоварзӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ равона гардиданд.

Дар солҳои 1960-ум низоми дастгирии мустақими нархҳо тадриҷан тағйир дода шуда, давлат аз механизми кафолати нархҳо ба истифодаи барномаҳои танзими устувории даромад ва бозори кишоварзӣ гузашт. Бо ин мақсад механизми «нархҳои тахминӣ» ҷорӣ гардид, ки ҳангоми ҳисобкунии онҳо арзиши миёнаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар мамлакат ба назар гирифта мешуд.

Бо вуҷуди ин, истифодаи ин меъёр ҳамчун воситаи асосии муайян намудани сатҳи дастгирии давлатӣ самаранокии дарозмуддат нишон надод. Вобастагӣ аз пардохтҳои давлатӣ аксар вақт боиси афзоиши истеҳсоли зиёдатии маҳсулот мегардид. Истифодаи арзиши аслии маҳсулот ҳамчун асоси дастгирии дохилӣ, инчунин, ба паст шудани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори ҷаҳонӣ таъсир расонид.

Марҳилаи муҳимми такмили сиёсати аграрии ИМА ҷорӣ намудани барномаи пардохтҳои ҷубронӣ дар соли 1970 ба ҳисоб меравад. Ин барнома бори аввал ба ҳифзи сатҳи даромади фермерон равона шуда, ҳаҷми пардохтҳо ҳамчун фарқи байни нархи бозорӣ ва нархи тахминӣ муайян карда мешуд.

Афзоиши захираҳои зиёдатии маҳсулоти кишоварзӣ зарурати таҳия ва татбиқи барномаи нави «Пардохтҳо дар шакли асл»-ро ба миён оварда. Тибқи механизми мазкур, давлат ба фермерон барои ҳар гектар замини коркардшаванда пардохтҳоеро дар ҳаҷми 80–95 фоизи ҳосили пешбинишуда таъмин менамуд. Ҳисоббаробаркунӣ тавассути пешниҳоди сертификатҳои молӣ ба фермерон амалӣ гардида, онҳо ҳамчун ҷуброн барои маҳдуд намудани истифодаи заминҳои кишоварзии аз муомилот хориҷшуда хизмат мекарданд.

Таҳлили таҳаввули низоми суғуртаи кишоварзӣ дар ИМА нишон медиҳад, ки татбиқи самараноки он бе иштироки мустақими давлат имконнопазир мебошад. То соли 1980 суғуртаи кишоварзӣ дар ИМА асосан хусусияти таҷрибавӣ дошта, доираи маҳдуди истеҳсолкунандагонро фаро

мегирифт. Дар давраҳои гуногун ҳиссаи маҳсулоти суғурташуда аз 10 фоизи ҳаҷми умумии истеҳсолот зиёд набуд. Паст будани сатҳи иштироки фермерон дар низоми суғурта, пеш аз ҳама, ба мавҷудияти шаклҳои дигари дастгирии давлатӣ, аз ҷумла, пардохтҳои ҷубронӣ ва қарзҳои имтиёзнок барои истеҳсолкунандагони аз офатҳои табиӣ зарардида вобаста буд.

Аз соли 1985 дар сиёсати давлатии фермерии ИМА тағйироти назаррас ба амал омад, ки онро метавон ҳамчун марҳилаи тадриҷии зиёд гардидани нақши механизмҳои бозорӣ дар фаъолияти истеҳсолкунандагони кишоварзӣ арзёбӣ намуд. Қадами аввал дар ин самт коҳиш додани сатҳи дастгирии давлатӣ аз рӯйи ду барномаи асосии аграрӣ - пардохтҳои ҷубронӣ ва қарзҳои молӣ ба ҳисоб мерафт. Ин раванд дар паст намудани сатҳи нархҳои дастгиришаванда ва нархҳои тахминӣ ифода ёфт ва ба мутобиқ гардидани истеҳсолкунандагон ба шароити бозорӣ мусоидат намуд.

Бо рушди сиёсати аграрии ИМА механизми субсидиякунонии давлатии фермерон хусусияти танзимкунанда касб намуда, пешниҳоди маблағҳои давлатӣ ба иҷрои шартҳои барномаҳои маҳдудсозии ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ вобаста карда шуд. Дар ин замина, маҳдуд намудани масоҳати кишт ҳамчун яке аз масъалаҳои асосии идоракунии ҳаҷми пешниҳоди маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини тавозуни бозор истифода гардид. Чунин равиш ба коҳиш додани истеҳсоли зиёдатӣ, мувозинати талаботу пешниҳод ва устувор намудани вазъи бозори кишоварзӣ нигаронида шуда буд.

Таҳвияти механизмҳои дастгирии содиротӣ дар кишварҳои рақиб рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзии онҳоро афзоиш дода, дар натиҷа мавқеи ИМА дар бозорҳои байналмилалии аграрӣ нисбатан заиф гардид. Дар шароити афзоиши рақобат дар бозорҳои байналмилалӣ давлат бо мақсади ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ низоми дастгирии содиротиро такмил дод. Дар доираи ин низом субсидияҳои содиротӣ, кафолатҳои қарзии содиротӣ, имтиёзҳои молиявию андозӣ ва дигар воситаҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти содиротӣ истифода гардиданд. Нимаи дуюми солҳои 1990-ум дар сиёсати

аграрии ИМА ҳамчун давраи гузариш ба модели нави танзими давлатии соҳа арзёбӣ мегардад. Дар ин давра диққати асосӣ аз дастгирии мустақими истеҳсолот ба ташаккули шароити мусоид барои фаъолияти мустақили иқтисодии фермерон ва баланд бардоштани қобилияти онҳо дар идоракунии хавфҳои бозорӣ равона карда шуд.

Механизмҳои шартномаҳои истеҳсолии чандир, қарзҳои молӣ ва захираҳои консервативӣ ҳамчун воситаҳои нави танзими давлатӣ истифода гардида, тавассути пардохтҳои ҷубронӣ сатҳи муайяни устувории даромади истеҳсолкунандагони кишоварзиро таъмин менамуданд.

Татбиқи барномаҳои суғуртаи аграрӣ яке аз самтҳои муҳими дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ буда, ба коҳиш додани таъсири омилҳои хавфзо, ҳифзи даромад ва таъмини устувории фаъолияти субъектҳои соҳа нигаронида шудааст. Механизми мазкур имкон медиҳад, ки таъсири талафоти вобаста ба омилҳои табиӣ, иқлимӣ ва дигар хавфҳои истеҳсолӣ коҳиш дода шавад. Дар доираҳои илмӣ ва сиёсӣ масъалаи зарурати такмили сиёсати давлатии ҳифзи даромади фермерон торафт бештар мавриди баррасӣ қарор гирифт, зеро сатҳи даромади онҳо дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои миёнаи кишвар фарқияти назаррас надошт.

Дар натиҷаи ин раванд соли 2002 санади нави қонунгузорӣ қабул гардид, ки он самтҳои асосии ислоҳоти сиёсати аграрии ИМА-ро муайян намуд. Моҳияти тағйироти мазкур аз гузариш аз механизми васеи дастгирии нархҳо ва даромадҳо ба низоми идоракунии хавфҳои фаъолияти кишоварзӣ иборат буд.

Дар доираи сиёсати нав шартномаҳои истеҳсолии чандир бо низоми пардохтҳои мустақим ва зиддисиклӣ иваз карда шуданд. Пардохтҳои мустақим ҳамчун воситаи таъмини устувории даромади истеҳсолкунандагон истифода гардида, дар асоси маълумоти таърихии ҳосилнокӣ ва масоҳати заминҳои кишт бо меъёрҳои муқарраргардидаи соли 2002 ҳисоб карда мешуданд. Пардохтҳои зиддисиклӣ бошанд, барои ҷуброни коҳиши назарраси даромади фермерон дар ҳолати паст гардидани нархҳои бозории маҳсулоти кишоварзӣ пешбинӣ шуда

буданд. Ҳаҷми чунин пардохтҳо дар асоси нишондиҳандаҳои истеҳсолии солҳои қаблӣ муайян карда мешуд.

Дар тағйирёбии самти сиёсати аграрии ИМА натиҷаҳои даври Уругвайии Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) нақши муҳим бозиданд. Талаботи мазкур давлатҳоро водор намуд, ки шаклҳои дастгирии истеҳсолкунандагони кишоварзиро, ки метавонанд ба рақобати одилона дар савдои байналмилалӣ таъсири манфӣ расонанд, маҳдуд намоянд. Дар ин шароит ҳукумати ИМА таваҷҷуҳи бештарро ба чораҳои «сабади сабз» равона намуд, ки тибқи қоидаҳои СУС маҳдудиятҳои камтар доранд.

Ба чунин чораҳо барномаҳои ҳифзи муҳити зист, рушди минтақаҳои деҳот, дастгирии тадқиқоти илмии аграрӣ, рушди биоэнергетика, барномаҳои кумаки озуқаворӣ ва дигар самтҳои ба рушди дарозмуддати соҳаи кишоварзӣ нигаронидашуда дохил мешаванд.

Ҳамзамон, низоми суғуртаи кишоварзии бо дастгирии давлат амалкунанда дар ИМА босуръат рушд намуда, ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати идоракунии хавфҳои аграрӣ табдил ёфт. Самаранокӣ ва гуногуншаклии барномаҳои суғуртавӣ иштироки фаъоли фермеронро дар ин низом таъмин намуд. Агар соли 2000 майдони кишти суғурташуда аз ҷониби фермерони амрикоӣ 85,5 млн гектарро ташкил дода бошад, пас то соли 2008 ин нишондиҳанда ба 109,7 млн гектар расид, ки ба 83,6 фоизи тамоми майдони кишти кишвар баробар буд.

«Рушди қуввaҳои истеҳсолии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда бе таъмини устувору боэътимоди захираҳои бузурги молиявӣ барои субъектҳои иҷрокунандаи фаъолияти инноватсионӣ амалӣ карда намешавад — аз муассисаҳои таҳқиқотӣ-илмӣ сар карда, то ташкилотҳои таҷрибавӣ-татбиқӣ ва истеҳсолӣ» [75, с. 21].

Дар низоми дастгирии давлатии кишоварзии ИМА давлат қисми зиёди хароҷоти суғуртаи истеҳсолкунандагони кишоварзиро ба зимма мегирад. Аз ҷумла, зиёда аз 50 фоизи мукофоти суғуртавии фермерон аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ субсидия карда мешавад. Ин механизм ба коҳиш додани хавфҳои

истеҳсолӣ ва молиявӣ, инчунин, таъмини устувории даромади истеҳсолкунандагони кишоварзӣ равона шудааст.

Ҳамзамон, аз буҷети федералии ИМА маблағҳои назаррас барои татбиқи барномаи «Кумаки озуқаворӣ» ҷудо карда мешаванд. Ҳадафҳои асосии ин барнома аз се самти муҳим иборат мебошанд: якум, мусоидат ба истифодаи маҳсулоти кишоварзии зиёдатӣ ва танзими бозори дохилӣ; дуюм, васеъ намудани имкониятҳои фурӯши маҳсулоти озуқаворию ватанӣ бидуни таъсири манфӣ ба сатҳи нархҳои бозорӣ; сеюм, беҳтар намудани дастрасии гурӯҳҳои камдаромади аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ дар асоси нархҳои амалкунандаи бозор. Низоми мазкур маҷмуи барномаҳои иҷтимоии ба таъмини дастрасии аҳолӣ ба ғизои зарурӣ нигаронидашударо дар бар мегирад. Аз ҷумла, барномаҳои кумакҳои ғизоӣ, таъмини ғизои кӯдакон, инчунин дастгирии занони ҳомила ва модарони кӯдакдор аз ҷумлаи самтҳои муҳимми он ба ҳисоб мераванд. Ин чораҳо на танҳо вазифаи иҷтимоӣ доранд, балки ҳамчун воситаи танзими бозори дохилии маҳсулоти кишоварзӣ низ истифода мешаванд.

Дар муқоиса бо кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, тибқи арзёбии як қатор иқтисоддонҳо, сатҳи ҳифзи давлатии фермерони ИМА нисбатан маҳдудтар мебошад. Таҷрибаи ИМА нишон медиҳад, ки сиёсати давлатии аграрӣ бар асоси муносибати комплексӣ ташаккул ёфта, ҳадафҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро ҳамзамон фаро мегирад. Механизмҳои давлатии дастгирии бахши аграрӣ ба ҳавасмандгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ, таъмини устувории иқтисодии истеҳсолкунандагон, таҳкими амнияти озуқаворӣ, ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ нигаронида шудаанд. Дар муқоиса бо ин равиш, модели сиёсати аграрии Иттиҳоди Аврупо дорои самти возеҳи иҷтимоӣ буда, ба нигоҳдории сохтори истеҳсолии деҳот, дастгирии хоҷагиҳои фермерӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои деҳотӣ аҳамияти махсус медиҳад. Ҳамин тавр, таҷрибаи ИМА нишон медиҳад, ки давлат дорои доираи васеи воситаҳо ва усулҳои танзими иқтисодӣ мебошад, ки истифодаи самараноки онҳо метавонад барои ҳифзи ислоҳоти миллӣ ва таъмини баромадан аз буҳрон мусоидат намояд.

Иқтисодиёти Амрико дар оғози солҳои 1930 ба яке аз буҳронҳои амиқи таърихи худ дучор шуд. Соли 1932, вақте ки Франклин Д. Рузвелт президенти ИМА интихоб гардид, иқтисоди кишвар дар ҳолати ниҳоят душвор қарор дошт. Пастшавии нархи маҳсулоти кишоварзӣ вазъи молиявии фермеронро заиф намуда, қобилияти харидории аҳолиро коҳиш дод. Дар баробари ин, кам шудани истеҳсолот ва фаъолияти иқтисодӣ боиси афзоиши босуръати бекорӣ ва паст шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ гардид. Дар чунин шароит маъмурияти Ф. Рузвелт ба татбиқи як қатор чораҳои нави иқтисодӣ ва иҷтимоӣ оғоз кард. Ин сиёсати давлатӣ аз равиши анъанавии озодии васеи иқтисодӣ ва маҳдуд будани дахолати давлат ба фаъолияти бозор фарқ мекард. Ҳадафи асосии он барқарор намудани фаъолияти иқтисодӣ, коҳиш додани бекорӣ ва дастгирии табақаҳои осебпазири ҷомеа буд.

“NRA (Маъмурияти миллии барқарорсозӣ) ҳадафи барқарорсозии муътадилро тавассути чораҳои ҳукуматӣ пайгирӣ мекунад. Дар чорабиниҳои алоҳидаи Ф. Рузвелт оид ба кишоварзӣ, мо инчунин тамоюли баланд бардоштани нархи маҳсулоти кишоварзиро мебинем ва маҳсулот коҳиш меёбад, то вазъи иқтисодии истеҳсолкунандагон ва фермерони деҳотро беҳтар созанд ва ба онҳо коҳиши маҳсулотро ҷуброн намоянд” [17].

Дар солҳои мавриди таҳлил тағйироти назаррас дар конъюнктураи бозори ҷаҳонии кишоварзӣ ба амал омад. Шиддат гирифтани рақобати байналмилалӣ боиси ташаккули вазъияти «бозори харидор» гардид, ки дар он пешниҳоди маҳсулоти кишоварзӣ аз сатҳи талаботи мавҷуда зиёдтар буд. Ҳамзамон, воридшавии ҳаҷми зиёди маҳсулоти арзони озуқаворӣ ва ашёи хоми кишоварзӣ аз кишварҳои содиркунандаи калон, аз ҷумла ИМА, Канада, Австралия ва Аргентина, зарурати такмили сиёсати аграрии кишварҳои Аврупоро ба миён овард.

Дар муқобили ин равандҳо кишварҳои аврупоӣ ба такмили сохтори агросаноатӣ ва баланд бардоштани самаранокии бахши кишоварзӣ рӯ оварданд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба густариши ҳамгироии агросаноатӣ, рушди занҷирҳои арзиши иловашуда ва истифодаи самараноки захираҳои истеҳсолӣ равона

гардид. Ин равиш ба афзоиши рақобатпазирии маҳсулоти аграрӣ ва таҳкими мавқеи онҳо дар бозорҳои миллӣ ва байналмилалӣ мусоидат кард.

«Ҳамгироӣ ба заминаи пурқуввати саноатӣ-техникӣ, қувваи кории баландихтисос, шаклҳои ҷамъиятии ташкили истеҳсолот тамаркуз, тахассус, кооператсия такя мекард» [122, с. 9].

Сиёсати ягонаи кишоварзии кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ба як қатор принсипҳои бунёдӣ асос ёфта, ҳадафи он таъмини рушди устувор ва ҳамоҳангшудаи бахши агросаноатӣ мебошад. Дар байни самтҳои калидии ин сиёсат мутобиқсозии сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар соҳаи кишоварзӣ, дастгирии низоми ягонаи нархҳои кафолатнок, ташаккули қоидаҳои ягонаи савдо бо кишварҳои сеюм, ҳифзи шуғли аҳолии деҳот ва таъмини ҳаракати озоди маҳсулот, хизматрасониҳо ва қувваи корӣ аҳаммияти хос дода мешавад. Ҳамзамон, маблағгузории муштараки чорабиниҳои аграрӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми механизми дастгирии соҳа нақши муҳим мебозад. “Танзими бозорҳои кишоварзӣ дар сатҳи давлатӣ ва байнидавлатӣ бо дарназардошти қонуниятҳои талабот ва пешниҳод амалӣ мегардад” [11]. Барои ин аз воситаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла нархҳо, қурби асъор, меъёрҳои фоизи қарз ва барномаҳои мақсаднок истифода бурда мешавад. Низоми ягонаи нархҳо аввал барои маҳсулоти ғалладона ҷорӣ шуда, ҳадафи асосии он на танҳо баланд бардоштани даромаднокии хоҷагиҳо, балки пайдо кардани тавозуни манфиатҳои истеҳсолкунандагон, истеъмолкунандагон, миёнаравҳо ва иштирокчиёни дохилию хориҷии бозор мебошад.

Сиёсати аграрии Иттиҳоди Аврупо сиёсати устувор, вале мутобиқшаванда мебошад, ки бо дарназардошти шароити нави рушди иқтисодӣ пайваста тағйир меёбад. Дар раванди ташаккули он як қатор вазифаҳои муҳим муайян шудаанд:

- таъмин намудани маблағгузории азнавсозии хоҷагиҳои кишоварзӣ;

- рушди иқтидори касбии кормандони соҳа;

- такмили муҳити бозорӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди муносибатҳои иқтисодӣ;

- ташаккул ва рушди низоми муосири фурӯш ва тақсимоти маҳсулоти кишоварзӣ;

- таҳкими ҳамгироии агросаноатӣ ва рушди робитаҳои байнисоҳавӣ;

- дастгирии содироти маҳсулоти аграрӣ тавассути субсидияҳо;

- танзими сохтори хоҷагиҳои истеҳсолкунанда;

- ҷуброни зарари истеҳсолкунандагон ва ҳавасмандгардонии фаъолияти онҳо;

- тамаркузи захираҳо ба самтҳои стратегӣ;

- такмили механизми нархгузорӣ;

- пешниҳоди субсидияҳои мустақим;

- истифодаи имтиёзҳои андозӣ.

Дар шароити муосир сиёсати аграрии кишварҳои Ғарб ба ду равиши асосӣ - тақсимкунанда (экзогенӣ, дотатсионӣ) ва ҳавасмандкунанда (эндогенӣ) - асос меёбад. Равиши тақсимкунанда иштироки васеи давлатро дар танзими фаъолияти хоҷагидорӣ пешбинӣ намуда, истифодаи воситаҳои гуногуни дастгирии давлатӣ ва молиявиро дар бар мегирад. Дар чунин шароит мақомоти давлатӣ, аз ҷумла вазоратҳо ва идораҳои соҳавӣ, ҳамчун субъектҳои асосии таҳия ва татбиқи сиёсати аграрӣ баромад мекунанд.

Равиши дуюм ба яке аз принсипҳои муҳимми иқтисоди бозорӣ — принсипи субсидиарият асос меёбад. Тибқи ин принсип, ваколати қабули қарор бояд дар ҳамон сатҳи идоракунӣ қарор дошта бошад, ки имконияти ҳалли масъала дар он сатҳ самараноктар ва мустақимтар мебошад. Аз ин рӯ, тақсимоти ваколатҳои идоракунӣ бояд бо миқёс, хусусият ва сатҳи мураккабии масъалаҳои мавҷуда мувофиқ карда шавад.

Дар сиёсати аграрии Бозори умумии Иттиҳоди Аврупо, дар солҳои 1960–1970, бо дарназардошти зарурати нигоҳ доштани тавозун байни адолат ва самаранокӣ бештар ба принсипи самаранокии иқтисодӣ афзалият дода шуд.

Ин равиш дар ташаккули сиёсати аграрии Бозори умумии Иттиҳоди Аврупо низ аҳаммияти назаррас дошт. Дар солҳои 1960–1970, ҳангоми таҳияи сиёсати аграрӣ масъалаи ба ҳам овардани ду ҳадафи муҳим - таъмини адолат ва баланд

бардоштани самаранокии иқтисодӣ - дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирифт. Дар ин давра самаранокии иқтисодӣ ҳамчун омили афзалиятнок пазируфта шуда, сиёсати аграрӣ пеш аз ҳама ба афзоиши истеҳсолот, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳо нигаронида шуд.

Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо механизми танзими давлатӣ ва минтақавии кишоварзӣ асосан ба ташкили муносибатҳои бозорӣ, аз ҷумла мубодила, фурӯш ва таъмини ҳаракати самараноки маҳсулот то истеъмолкунанда равона шудааст. Дастгирии мустақими омилҳои истеҳсолот бошад, нақши дуюмдараҷа дошта, барои ин мақсад танҳо қисмати маҳдуди маблағҳо дар шакли субсидия ва пардохтҳои ҷубронӣ истифода мешавад.

Ҳамчунин, «қисми зиёди маблағҳои ИА ҳоло барои бартараф кардани истеҳсоли зиёдатӣ, хариди маҳсулоти зиёдатӣ барои нигоҳдорӣ ва фурӯши минбаъда дар бозорҳои дигар, коркарди саноатӣ, фурӯш бо нархҳои паст (дар бозорҳои хориҷӣ ё табақаҳои камбизоати аҳолӣ), пешбурди сиёсати гумрукӣ ва ғайра сарф карда мешаванд» [34, с. 68].

Нақши давлат дар дастгирии бахши кишоварзӣ, пеш аз ҳама, тавассути истифодаи воситаҳои молиявӣ, аз ҷумла субсидияҳо, амалӣ мегардад. Таъмини истеҳсолкунандагон бо захираҳои истеҳсолӣ бо нархҳои поинтар аз сатҳи бозорӣ яке аз чунин механизмҳо буда, иштироки мустақими давлатро дар ташаккули шароити фаъолияти бозор нишон медиҳад. Ин тадбирҳо метавонанд дар давраҳои кӯтоҳмуддат ба нигоҳдории сатҳи истеҳсолот ва ҳифзи даромади истеҳсолкунандагон мусоидат кунанд. Бо вуҷуди натиҷаҳои мусбати кӯтоҳмуддат, чунин механизмҳо дар дурнамои дарозмуддат метавонанд маҳдудият дошта, барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, паст намудани хароҷот ва таҳкими рақобатпазирии хоҷагиҳои кишоварзӣ ангезаҳои кофӣ эҷод накунанд. Дар ҳамин замина, ҳангоми ба вуҷуд омадани мушкилоти иқтисодӣ, аз ҷумла афзоиши нархи сӯзишворӣ дар нимаи солҳои 1970, давлат аз чунин воситаҳо ҳамчун чораи муваққатии дастгирии истеҳсолкунандагон истифода намуд.

Тибқи мавқеи илмии В.И. Нечаев, Ю.И. Бершитский ва С.М. Резниченко, танзими давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ тавассути се самти асосӣ амалӣ мегардад. Самти аввал истифодаи муносибати барномавӣ-мақсаднокро барои ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон дар бар мегирад. Самти дуюм ба равона намудани тадбирҳои танзимкунанда ба афзоиши истеҳсолот ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагиҳо нигаронида шудааст. Самти сеюм бошад, дастгирии давлатиро ҳамчун яке аз манбаъҳои иловагии маблағгузории рушди истеҳсолоти аграрӣ баррасӣ менамояд.

Таҳлили таҷрибаи Россия собит менамояд, ки самаранокии сиёсати аграрӣ ва устувории рушди соҳаи кишоварзӣ дар шароити мавҷудияти низоми муназзам, ҳадафманд ва аз ҷиҳати иқтисодӣ асосноки дастгирии давлатӣ таъмин мегардад. Самти ниҳоии чунин сиёсат бояд на танҳо ҳифзи истеҳсолкунандагон, балки ташаккули заминаҳои рушди устувор, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва таҳкими мавқеи рақобатии соҳаи кишоварзӣ бошад.

«Дастгирии давлатӣ бояд шаффоф бошад, хусусияти мақсаднок, пешгирикунанда ва самарабахш дошта бошад, дар ҳалли мушкилоти фаврии истеҳсолоти кишоварзӣ ва бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавии он амалӣ карда шавад» [32, с. 214].

Тағйирёбии вазъи бозори ҷаҳонии аграрӣ, пеш аз ҳама, динамикаи нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо яке аз омилҳои калидии муайянкунандаи ҳаҷм ва самтҳои дастгирии давлатии соҳа ба ҳисоб меравад. Мувофиқи ин принсип, ҳангоми баланд гардидани нархҳо дар бозори ҷаҳонӣ зарурати дастгирии иловагии давлатӣ коҳиш меёбад ва баръакс, дар шароити пастшавии нархҳо нақши механизмҳои дастгирӣ бештар мегардад.

П.Ф. Парамонов таъкид менамояд, ки танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ, бо вуҷуди аҳаммияти худ, метавонад таъсири манфӣ низ дошта бошад. Аз ин рӯ, он бояд дар доираи қоидаҳои иқтисоди бозорӣ ва принсипҳои соҳибкории озод амалӣ карда шавад. Ба андешаи ӯ, «самаранокии танзими давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ аз риояи як қатор принсипҳои асосӣ вобаста аст:

- таҳкими ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ дар асоси механизмҳои протексионизми аграрӣ;

- ҳамоҳангсозии ҳадафҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар доираи сиёсати давлатии аграрӣ;

- ҳамоҳангсозии усулҳои индикативӣ ва дастурӣ дар низоми идоракунии давлатии соҳаи кишоварзӣ;

- таҳияву татбиқи барномаҳои мақсаднок ва стратегии рушди соҳаи кишоварзӣ;

- танзими самараноки бозори маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади таъмини устуворӣ ва мувозинати байни талаботу пешниҳод;

- ташаккули механизмҳои дифференсиалии сиёсати аграрӣ бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ, табиӣ-иқлимӣ ва иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ;

- нигоҳ доштани баробарии мубодила байни кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт, баробарӣ ва танзими даромади истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ» [40, с. 385].

Ҳамин тавр, таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳад, ки танзими давлатии кишоварзӣ бояд на ҳамчун ивазкунандаи механизмҳои бозорӣ, балки ҳамчун воситаи дастгирӣ ва мувозинатсозии рушди устувори соҳа истифода гардад.

Е.С. Мезенсева «ба принсипҳои номбаршуда дастгирии баробарро ба корхонаҳои ҳамаи шаклҳои моликият илова мекунад; ҳавасмандгардонии иқтисодии корхонаҳое, ки самаранок кор мекунанд; таъмин намудани такрористеҳсолкунии васеъ» [14].

Дар миёнаи солҳои 1990 дастгирии давлатии кишоварзӣ дар миқёси байналмилалӣ аҳаммияти назаррас дошта, ҳаҷми умумии он ба ҳисоби миёна ҳамасола тақрибан 350 млрд долларро ташкил медод. Дар даврaҳои минбаъда, дар натиҷаи таҳаввулоти муносибатҳои бозорӣ ва тағйирёбии афзалиятҳои сиёсати аграрӣ, дар бисёр кишварҳо раванди бознигарии сохтор ва механизмҳои дастгирии давлатии соҳа ташаккул ёфт. Равандҳои минбаъдаи

рушди сиёсати аграрӣ бо коҳиши нисбии маблағҳои давлатӣ барои дастгирии кишоварзӣ, афзалият пайдо кардани барномаҳои маҳдуд намудани ҳаҷми истеҳсолот ва ҳамзамон васеъ гардидани истифодаи монеаҳои тиҷоратӣ барои воридоти маҳсулот ба назар мерасид. Бояд қайд намуд, ки «яке аз муаммоҳое, ки бевосита барои муайян намудани ҳолати воқеиву дурустии ҳисоботҳои молиявии андозсупорон имкон медиҳад, ин мавҷудияти аудит мебошад. Дар айни замон, фаъолияти аудиторӣ ба қадри кофӣ рушд накардаааст ва татбиқи воқеии таҷрибаи аудит ва фаъолияти аудитории кишварҳои пешрафта дар кишвари мо ҷиҳати осон кардани назорати андозӣ ногузир аст» [73, с. 15].

Таҳлили тағйироти сиёсати аграрӣ дар солҳои 1986–2005 тамоюли коҳишёбии сатҳи дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони кишоварзиро дар як қатор кишварҳои пешрафта нишон медиҳад. Динамикаи мазкур аз рӯйи таносуби ҳаҷми дастгирии давлатӣ ба арзиши умумии маҳсулоти кишоварзӣ арзёбӣ гардида, коҳиши нишондиҳанда дар Ҷопон аз 61% то 58%, ИМА аз 25% то 18%, Иттиҳоди Аврупо аз 39% то 37%, Канада аз 34% то 21% ва Австралия аз 8% то 4%-ро ташкил додааст.

Таҳлили нишондиҳандаҳои дастгирии давлатии бахши аграрӣ дар кишварҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд нишон медиҳад, ки дар соли 2008 маблағҳои давлатии ба кишоварзӣ равонашуда ба ҳисоби миёна 21 фоизи арзиши маҳсулоти аграриро ташкил намудаанд. Ин нишондиҳандаҳо бозгӯи онанд, ки дар кишварҳои рушдёфта тадриҷан гузариш аз дастгирии васеи мустақими истеҳсолкунандагон ба истифодаи механизмҳои бозорӣ ва барномаҳои мақсадноки танзими соҳа ба амал омадааст.

«Сатҳи миёнаи ҳифзи тарифҳо оид ба кишоварзии кишварҳои узви СУС 62%, ИА 20,5%-ро ташкил медиҳад. Дар Россия ҳиссаи хароҷот барои кишоварзӣ ва моҳидорӣ дар буҷети муттаҳидаи Федератсияи Россия нисбат ба соли 1995 3,3% коҳиш ёфта, дар соли 2011 1,3%-ро ташкил дод. Дар маҳсулоти умумии кишоварзӣ ҳиссаи хароҷот барои кишоварзӣ ва моҳидорӣ дар ҳудуди 5,6 - 11,0% тағйир ёфт. Дар хароҷоти кишоварзӣ ва моҳидорӣ ҳиссаи буҷети федералӣ дар доираи 13,5 - 52,6% тағйир ёфт» [105, с. 67].

“... Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо механизми татбиқи дастгирии давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ ба афзалияти мутлақи дастгирии истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ ва кафолати ҳадди аксар худтаъминкунии ҳамаи намудҳои асосии озуқаворӣ, дар ИМА ба дастгирии баробар, ҳам истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳам истеъмолкунандагон асос ёфтааст” [105, с. 67].

Маълумоти пешниҳоднамудаи олимони ВНИИЭСХ нишон медиҳад, ки кишварҳои пешрафта барои дастгирии соҳаи кишоварзӣ аз доираи васеи воситаҳо ва механизмҳои давлатӣ истифода мебаранд. Сохтори мазкур нишон медиҳад, ки сиёсати маблағгузории давлатии кишоварзӣ ба як шакли ягонаи дастгирӣ такя накарда, балки истифодаи маҷмуӣ ва фарқкунандаи механизмҳои дастгириро дар бар мегирад (ҷадв.1.1).

«Савдои хориҷии озуқаворӣ (воридот) ҳамчун омили ҳалкунандаи таъмини сатҳи зарурии истеъмоли озуқавории муосир мебошад. Гарчанде ки сохтори воридоти озуқавории Ҷопон дар натиҷаи диверсификатсияи истеъмоли озуқаворӣ аз ҷониби аҳолӣ тағйир ёфта бошад ҳам, қисми асосии воридоти озуқаворӣ ҳанӯз ҳам маҳсулоти кишоварзӣ боқӣ мемонад» [18, с. 41].

«Дар ин росто, аҳаммияти диверсификатсияи истеҳсолот, алалхусус дар соҳаи кишоварзӣ, танзими оптималии муҳоҷирати меҳнатии беруна ва дохилии аҳолӣ, беҳбуди сиёсати демографӣ ва рушди системаи шарикии иҷтимоиро низ махсус бояд қайд кард» [121, с. 59].

Ҷадвали 1.1. - Сохтори хароҷот барои таъмини дастгирии давлатии кишоварзӣ дар кишварҳои пешрафта

Нишондиҳанда	Австралия	Иттиҳоди Аврупо	Канада	ИМА	Ҷопон
Ҳама субсидияҳои мустақим, %	100	100	100	100	100
Аз ҷумла: дастгирии нархҳо	0	50	46	26	91
Дастгирии сатҳи истеҳсолот	3	4	4	13	3
Дастгирии воҳиди майдон ё сари чорво	2	25	8	6	0
Дастгирии манзараҳои таърихӣ	10	6	10	14	0
Ҷуброни хароҷот	65	9	7	28	3
Дигар	20	6	25	13	3
Тамоми хароҷоти ғайримустақим, %	100	100	100	100	100
Аз ҷумла: тадқиқот ва коркард	71	18	18	16	6
Таълими кишоварзӣ	0	11	10	0	1
Хадамоти тафтишот	11	4	25	2	1
Ташаккул ва нигоҳдории инфрасохтор	15	26	19	16	80
Маркетинг ва таблиғ	1	28	27	58	2
Дигар	2	13	1	8	10

Сарчашма: дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ тартиб дода шудааст.

Омӯзиши сохтори тақсим ва истифодаи субсидияҳои давлатӣ дар кишварҳои гуногун нишон медиҳад, ки самтҳои асосии хароҷоти буҷетӣ таҳти таъсири хусусиятҳои сиёсати аграрӣ ва афзалиятҳои рушди соҳаи кишоварзӣ ташаккул меёбанд. Механизми тақсимоти субсидияҳои мустақим дар кишварҳои гуногун хусусиятҳои хоси худро дорад. Дар Ҷопон қисми мутлақи чунин маблағҳо - 91 фоиз ба дастгирии нархҳо равона шуда, дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва Канада ин нишондиҳанда мутаносибан 50 ва 46 фоизро ташкил медиҳад. Дар ҳамин ҳол, дар Австралия ва ИМА ҳиссаи бештари маблағҳои мустақим барои ҷуброни хароҷоти истеҳсолкунандагони кишоварзӣ истифода мешавад, ки мутаносибан 65% ва 28%-ро ташкил медиҳад.

Дар самти хароҷоти ғайримустақим низ афзалиятҳо байни кишварҳо фарқ мекунанд. Дар Австралия қисми асосии маблағҳо ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳияҳо (71%) равона мегардад. Дар Ҷопон бошад, диққати бештар ба ташаккул ва нигоҳдории инфрасохтори аграрӣ дода мешавад (80%). Дар ИМА, кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва Канада хароҷоти асосӣ ба соҳаҳои маркетинг ва реклама равона шуда, мутаносибан 58%, 28% ва 27%-ро ташкил медиҳанд.

Таҷрибаи Федератсияи Россия дар давраи солҳои 1986–2007 нишон медиҳад, ки сохтори дастгирии истеъмолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ асосан аз интиқоли маблағҳо ба манфиати истеҳсолкунандагон, трансфертҳои вобаста ба истеъмолкунандагон ва арзиши маҳсулоти барзиёд ташаккул ёфта буд.

“Трансфертҳо ба истеъмолкунандагон аз андозсупорандагон дар дастгирии давлатӣ дар солҳои 1986-1991 нақши назаррас бозиданд” [62, с. 58]. Таҳлили низоми дастгирии давлатии соҳаи кишоварзии Федератсияи Россия дар давраи солҳои 1986–2007 нишон медиҳад, ки хусусияти дастгирӣ вобаста ба марҳилаҳои рушди иқтисодӣ ва ислоҳоти сохтории соҳа тағйир ёфтааст. Дар солҳои 1986–1991 ва 1995–2007 дастгирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дорои нишондиҳандаи мусбат буда, дар давраи солҳои 1991–1995

бошад, афзалият ба дастгирии истеъмолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дода мешуд.

Омӯзиши нишондиҳандаи умумии дастгирии кишоварзӣ имкон медиҳад, ки тағйироти сохторӣ дар сиёсати давлатии аграрии Россия арзёбӣ карда шаванд. Динамикаи ин нишондиҳанда аз ташаккули тадриҷии низоми нисбатан устувори танзими давлатӣ ва азнавтақсимшавии афзалиятҳо дар самти дастгирии соҳа шаҳодат медиҳад.

Яке аз зуҳуроти муҳимми чунин тағйирот баланд гардидани нақши хизматрасониҳои умумӣ мебошад. Динамикаи нишондиҳандаҳо бозгӯи онанд, ки ҳиссаи хизматрасониҳои умумӣ дар низоми дастгирии давлатии кишоварзӣ аз 3 фоиз дар солҳои 1986-1988 то 12 фоиз дар солҳои 2003-2005 зиёд шудааст. Дар натиҷа, аҳаммияти ин шакли дастгирӣ дар давраи таҳлилшаванда чор маротиба афзоиш ёфтааст. Афзоиши ҳиссаи дастгирии хизматрасониҳои умумӣ нишон медиҳад, ки сиёсати аграрӣ тадриҷан аз шаклҳои мустақими дастгирии истеҳсолкунандагон ба самти рушди хизматрасониҳои умумӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди фаъолияти бозорӣ равона гардид.

Яке аз хусусиятҳои муҳими сиёсати маблағгузории давлатии кишоварзии Русия дар солҳои 1986-2000 афзалият додан ба рушди инфрасохтори аграрӣ ва густариши хизматрасониҳои умумӣ буд. Ин самт ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими таъмини фаъолияти устувори бахши кишоварзӣ истифода мешуд. Таҳлили давраи солҳои 2001-2007 нишон медиҳад, ки сиёсати маблағгузории давлатӣ тадриҷан ба самти рушди инфрасохтори кишоварзӣ, таҳкими низоми назорату нозирот ва такмили заминаи таълимию касбии соҳа равона гардидааст.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳлил собит менамоянд, ки баланд бардоштани самаранокии дастгирии давлатии кишоварзӣ истифодаи оқилонаи захираҳои молиявӣ ва равона намудани онҳоро ба самтҳои афзалиятноки сиёсати аграрӣ тақозо менамояд. Номувофиқии байни ҳадафҳои муайяншуда ва ҳаҷми маблағгузории буҷетӣ метавонад самаранокии чораҳои дастгириро коҳиш дода, барои рушди устувор ва истифодаи самараноки иқтидори соҳаи кишоварзӣ

маҳдудият ба вуҷуд оварад, «...натиҷаи тасаввуроти субъективӣ ва савдои сиёсӣ алоқаманд аст» [33, с. 254].

Мувофиқи ҳисобҳои Б. И. Пошкус, дар соли 2006 ҳаҷми дотатсияи буҷетӣ ба ҳар гектар замини кишоварзӣ дар Федератсияи Русия ҳамагӣ 5 евроро ташкил додааст, дар ҳоле ки дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ин нишондиҳанда дар ҳудуди 236-706 евро қарор дошт. Муқоисаи таҷрибаи рушди кишоварзии Россия ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳад, ки сатҳи дастгирии давлатӣ на ҳамеша омили ягонаи муайянкунандаи натиҷаҳои истеҳсолӣ мебошад. Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, новобаста аз сатҳи нисбатан пасти дастгирӣ, ҳаҷми маҳсулоти умумии аграрӣ 3-8 маротиба, арзиши иловагии умумӣ 2-6 маротиба ва нишондиҳандаи шароити фаъолияти тиҷоратӣ 3-9 маротиба нисбат ба Россия баландтар арзёбӣ шудааст.

Ҳамзамон, дар сохтори дастгирии давлатӣ ҳиссаи маблағҳои ба соҳаи кишоварзӣ равонашуда дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо 25-33 фоизи арзиши умумии маҳсулоти аграриро ташкил медиҳад. Дар Россия бошад, ин нишондиҳанда дар сатҳи тақрибан 2 фоиз қарор дошт. Фарқияти мазкур аз мавҷудияти нобаробарии назаррас дар механизмҳои дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ шаҳодат медиҳад.

Ҷиҳати дигари муҳим самаранокии истифодаи қувваи корӣ мебошад. Нишондиҳандаҳои ҳосилнокии меҳнат нишон медиҳанд, ки дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ба ҳисоби як корманди миёнаи солона ҳаҷми бештари маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол мешавад. Ин вазъ метавонад бо истифодаи самараноки технология, сатҳи баланди ташкили истеҳсолот ва рушди инфрасохтори аграрӣ алоқаманд бошад. Аз ҷумла, ҳаҷми маҳсулоти умумӣ 4-9 маротиба, арзиши иловагии умумӣ 46 маротиба ва бо дарназардошти субсидияҳои буҷетӣ аз рӯи арзиши иловагии умумӣ 5–10 маротибаро ташкил медиҳад.

Аз нуқтаи назари муҳаққиқон, мутобиқ намудани сиёсати аграрӣ ба талаботи муосири савдои байналмилалӣ истифодаи равишҳои навро тақозо мекунад. Дар байни чунин равишҳо кушодатар намудани бозорҳои кишоварзӣ

ва азнавориентатсия кардани дастгирии давлатӣ ба тадбирҳое, ки бо меъёрҳои Созмони умумиҷаҳонии савдо мувофиқанд, аҳаммияти махсус доранд.

Ин раванд нишон медиҳад, ки барои рушди устувори соҳаи кишоварзӣ на танҳо ҳаҷми дастгирии давлатӣ, балки самаранокии истифодаи он, мутобиқати механизмҳои дастгирӣ ба талаботи бозорӣ ва равона намудани маблағҳо ба самтҳои афзалиятнок аҳаммияти муҳим доранд. «... Он бо роҳи оптимизатсияи сохтори хароҷоти буҷетҳои сатҳҳои гуногун тавассути коҳиши барномаҳои дастгирии мустақими давлатӣ амалӣ карда мешавад» [92, с. 7].

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии танзими соҳаи кишоварзӣ истифодаи механизмҳои иқтисодӣ бояд мавқеи асосиро ишғол намояд. Делиберализатсияи бозорҳои аграрӣ ҳамчун чорабинии маҷбурӣ ва муваққатӣ арзёбӣ мешавад, ки танҳо дар ҳолатҳои зарурӣ барои бартараф намудани номутаносибиҳои бозорӣ истифода мегардад. Аз нуқтаи назари ҷонибдорони ин равиш, татбиқи маҳдудиятҳои асоснок нисбат ба фаъолияти озоди механизмҳои бозорӣ дар бахши кишоварзӣ метавонад ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми сиёсати давлатӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣ, ҳифзи истеҳсолоти миллӣ ва таҳкими сатҳи худтаъминкунии кишвар арзёбӣ гардад, зеро кишоварзӣ дорои аҳаммияти стратегии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад ва «... либерализатсия ба ташаккули вектори воридотӣ дар Россия мусоидат мекунад, ки дар ҷанбаи дарозмуддат ғайримуносиб ва бесамар аст» [89, с. 10].

Мувофиқи ҳисобҳои Э. Крилатих, татбиқи либерализатсияи бозори аграрии Россия мутобиқи қоидаҳои Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) метавонад ба як қатор тағйироти назаррас дар соҳаи кишоварзӣ ва савдои хориҷӣ оварда расонад. Мувофиқи натиҷаҳои ҳисобу пешгӯиҳо, либерализатсияи бозори кишоварзӣ метавонад боиси тағйироти назаррас дар нишондиҳандаҳои савдои хориҷии Россия гардад.

Натиҷаҳои ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки либерализатсияи савдои маҳсулоти кишоварзӣ метавонад ба тағйироти назаррас дар нишондиҳандаҳои савдои хориҷӣ ва даромадҳои буҷетӣ оварда расонад. Аз ҷумла, ҳиссаи кишвар дар содироти ҷаҳонии маҳсулоти кишоварзӣ то 1% коҳиш ёфта, ҳиссаи он дар

воридоти ҷаҳонӣ метавонад то 2,3% афзояд. Дар ин замина, афзоиши арзиши воридоти маҳсулоти аграрӣ нисбат ба содирот то 7,3 млрд доллар арзёбӣ мешавад. Ҳамзамон, коҳиши боҷҳои воридотӣ метавонад даромади буҷети федералиро 24% кам намояд. Дар баробари ин, эҳтимоли афзоиши некуаҳволии истеъмолкунандагон то 2% дар шароити коҳиши тақрибан 5-фоизаи даромади софи истеҳсолкунандагони кишоварзӣ вуҷуд дорад. Ҳамин тариқ, натиҷаҳои мазкур зарурати ба эътидол овардани манфиатҳои истеҳсолкунандагон, истеъмолкунандагон ва давлатро дар раванди либерализатсияи бозори кишоварзӣ нишон медиҳанд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки кушодани бештари бозори аграрӣ метавонад барои истеъмолкунандагон манфиат ба вуҷуд оварад, вале барои истеҳсолкунандагони дохилии кишоварзӣ хавфҳои муайян, аз ҷумла коҳиши даромад ва паст шудани рақобатпазириро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, ҳангоми ислоҳоти сиёсати аграрӣ зарурати тавозун байни талаботи бозори ҷаҳонӣ ва ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони миллӣ муҳим мебошад.

Ба ақидаи Д.Б. Эпштейн, «... ҳимояи бозори дохилии маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқавории Россия бояд бо ҳадафҳои сиёсати аграрӣ муайян карда шавад, на манфиатҳои воридкунандагон» [115, с. 51]. Дар доираи консепсияи пешниҳоднамудаи муаллиф оид ба ташаккули низоми танзими бозорҳои кишоварзӣ зарурати ба назар гирифтани гурӯҳбандии маҳсулот ва муайян намудани сатҳҳои масъулияти идоракунӣ асоснок карда мешавад. Барои маҳсулоте, ки ба доираи масъулияти федералӣ дохил мешаванд (аз ҷумла ғалла ва тухми офтобпараст) истифодаи усулҳои бозории танзими нархҳо мувофиқ дониста мешавад.

Бо мақсади таҳкими рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти дорои аҳаммияти минтақавӣ, аз ҷумла сабзавот ва картошка, татбиқи субсидияҳои муваққатии истеҳсолӣ пешниҳод мегардад. Ҳамзамон, барои маҳсулоти дорои масъулияти муштарак лаблабуи қанд, шир ва гӯшт ташаккули механизми маҷмуии дастгирӣ тавассути омезиши воситаҳои иқтисодӣ, танзими бозорӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон зарур аст.

Аз нуқтаи назари Иттиҳоди миллии содиркунандагони маҳсулоти озуқаворӣ, таҳияи зербарномаи махсус оид ба рушди содироти маҳсулоти озуқавории дорои дараҷаи баланди коркард яке аз самтҳои муҳимми такмили сиёсати рушди кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Амалисозии чунин барнома метавонад ба афзоиши ҳиссаи маҳсулоти дорои арзиши иловашудаи баланд дар ҳаҷми умумии содирот, ворид шудан ба бозорҳои нави хориҷӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии бахши аграрии кишвар мусоидат намояд.

Дар таҷрибаи байналмилалӣ сиёсати протексионистӣ яке аз воситаҳои муҳимми дастгирии соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи бозори дохилӣ ба ҳисоб меравад. Кишварҳои пешрафта ва рӯ ба рушд вобаста ба сатҳи рушди иқтисодӣ, захираҳои мавҷуда ва афзалиятҳои миллӣ аз воситаҳои гуногуни танзими давлатии воридоти маҳсулоти кишоварзӣ истифода мебаранд. Аз ҷумла, татбиқи тарифҳои гумрукӣ, ҷорӣ намудани квотаҳо, пешниҳоди субсидияҳо ва амалисозии чораҳои санитариву фитосанитарӣ аз воситаҳои маъмултарини сиёсати протексионистӣ ба ҳисоб мераванд. Бо мақсади муқоисаи таҷрибаи як қатор кишварҳо дар ин самт, ҷадвали 1.2 таҳия гардидааст.

Ҷадвали 1.2. - Таҷрибаи кишварҳои алоҳида дар татбиқи сиёсати протексионистии кишоварзӣ

Кишвар	Воситаҳои асосии протексионизм	Ҳадафи асосӣ	Натиҷа
ИМА	Субсидияҳо, суғуртаи кишоварзӣ	Дастгирии фермерон	Баланд шудани рақобатпазирӣ
Иттиҳоди Аврупо	Сиёсати ягонаи кишоварзӣ (САР), субсидияҳо	Амнияти озуқаворӣ	Рушди устувори истеҳсолот
Чин	Боҷҳои гумрукӣ, квота, дастгирии давлатӣ	Худкифоӣ аз маҳсулоти стратегӣ	Афзоиши истеҳсоли дохилӣ
Ҳиндустон	Нархҳои кафолатнок, субсидияҳо	Дастгирии деҳқонон	Баланд шудани даромади истеҳсолкунандагон
Ҷумҳурии Тоҷикистон	Боҷҳои гумрукӣ, имтиёзҳо, назорати фитосанитарӣ	Ҳифзи бозори дохилӣ	Рушди тадриҷии истеҳсолоти миллӣ

Сарчашма: дар асоси омузиши адабиёти илмӣ тартиб дода шудааст.

Маълумоти ҷадвали 1.2 нишон медиҳад, ки сарфи назар аз фарқияти сатҳи рушди иқтисодӣ ва хусусиятҳои низоми идоракунӣ, аксари кишварҳо барои ҳифзи истеҳсолкунандагони ватанӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ аз маҷмуи

воситаҳои протексионистӣ истифода мебаранд. Таҷрибаи ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Чин ва Ҳиндустон собит менамояд, ки самаранокии сиёсати протексионистӣ на танҳо аз ҳаҷми дастгирии давлатӣ, балки аз мавҷудияти институтҳои самараноки идоракунӣ ва заминаи мукаммали ҳуқуқӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, истифодаи унсурҳои мусбати таҷрибаи байналмилалӣ метавонад барои такмили сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти миллӣ аҳаммияти муҳим дошта бошад.

Танзими давлатии бахши кишоварзӣ дар иқтисоди бозорӣ истифодаи маҷмуи воситаҳои протексионистиро тақозо менамояд, ки ба ҳифзи истеҳсолоти ватанӣ ва рушди иқтидори аграрии кишвар нигаронида шудаанд. Дар ин замина, моҳияти протексионизми аграрӣ, пеш аз ҳама, дар ташаккули муҳити мусоиди иқтисодӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ифода ёфта, ба таъмини даромаднокии қобили қабул, кафолати бозори фурӯш барои маҳсулоти истеҳсолшуда ва дастгирии равандҳои навсозии истеҳсолот амалӣ карда мешавад.

«Сиёсати протексионистӣ дар асоси барномаи махсуси стратегии давлатҳои миллӣ бо мақсадҳои муайяни соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва ба эътибор гирифтани тарафҳои манфии шаклгирии низоми нави ҷаҳонӣ пеша гирифта мешавад. Самаранокии тамоюли мазкур аз он вобаста аст, ки давлат барои фаъолияти озоди субъектони дохилии иқтисодӣ ва истеҳсолӣ шароити бехтару хубтареро фароҳам оварад» [58, с. 176].

Сиёсати протексионизми аграрӣ ҳамчун яке аз воситаҳои танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ метавонад таъсири гуногунҷанба дошта бошад. Аз як тараф, он барои ҳифзи истеҳсолкунандагони дохилӣ ва рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ мусоидат менамояд, аз ҷониби дигар, метавонад ба маҳдуд гардидани рақобат ва тағйирёбии муносибатҳои бозорӣ оварда расонад.

Яке аз далелҳои асосӣ ба манфиати протексионизми аграрӣ зарурати дастгирии истеҳсолкунандагони ватании маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Дар шароити афзоиши воридоти маҳсулоти хориҷӣ истеҳсолкунандагони дохилӣ

метавонанд мавқеи худро дар бозор аз даст диҳанд, зеро бо молҳои воридотии дорои нархи пасттар рақобат кардан барояшон душвор мегардад. Аз ин рӯ, чораҳои протексионистӣ метавонанд барои ҳифзи бозори миллӣ, нигоҳ доштани сатҳи истеҳсолот ва ҳавасманд намудани истеҳсоли маҳсулоти босифат шароити мусоид фароҳам оваранд.

Ҷанбаи дигари мусбати протексионизми аграрӣ афзоиши даромадҳои буҷети давлатӣ мебошад. Татбиқи боҷҳои гумрукӣ нисбат ба маҳсулоти воридотӣ метавонад ба ташаккули манбаи иловагии воридоти буҷетӣ мусоидат намояд. Илова бар ин, ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ аз ҷиҳати маъмурӣ нисбат ба баъзе намудҳои андозбандии дохилӣ, аз ҷумла, назорати даромади корхонаҳо осонтар ба роҳ монда мешавад.

Ҳамин тариқ, ҷонибдорони протексионизми аграрӣ онро ҳамчун воситаи ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони миллӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастгирии рушди иқтидори истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ арзёбӣ мекунанд.

Баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ. Ин вазифаи асосии сиёсати иҷтимоӣ мебошад. Таъсир ба шуғл ва бозори меҳнат. Яке аз натиҷаҳои эҳтимолии дастгирии истеҳсолоти кишоварзии миллӣ афзоиши талабот ба қувваи корӣ ва мутахассисони дорои тахассусҳои гуногун мебошад. Ин раванд метавонад барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди соҳибкории хурду миёна ва густариши худиштиғолӣ замина гузорад. Бо вуҷуди ин, самаранокии чунин чораҳо аз қобилияти истеҳсолкунандагони дохилӣ дар баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулот вобаста мебошад.

Таъмини амнияти иқтисодӣ. Тақвияти иқтидори истеҳсолии дохилӣ, баланд бардоштани сатҳи худтаъминкунии бозори миллӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ва коҳиш додани вобастагӣ аз воридот яке аз самтҳои стратегӣ ва муҳимми таъмини амнияти иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд, рушди соҳаи кишоварзӣ дорои аҳаммияти стратегӣ мебошад. «… стратегияи бехатарии озуқаворӣ бо масъалаи дастрасӣ ба манбаъҳои иттилоот дар соҳаи ғизохӯрӣ барои беҳтар намудани нигоҳубин ва таҷрибаи ғизодиҳӣ, инчунин истифодаи маҳсулоти ғанигардонидашудаи хӯрока ба монанди намаки

йоднокшуда ва дигар маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза алоқаманд буда, баҳри дигаргун сохтани фарҳанги истеъмоли ғизо ва гуногуннамудии он дар байни ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсиргузор бояд бошад» [77, с. 149]. Далелҳо бар зидди протексионизм:

- болоравии нархи молҳои воридотӣ. Шаҳрвандон камтар молҳои воридотӣ мехаранд, ки дар натиҷа сарвати онҳо коҳиш меёбад.

- ба рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва сиёсии байни кишварҳо монеъ мешавад. Ҳамкории байни кишварҳо дар шароити ҳимоятгарӣ хеле душвор мегардад.

Афзоиши норозигии шаҳрвандон аз коҳиши молҳои воридотӣ ва болоравии нархи онҳо. Аз сабаби вазъият, ноустувории сиёсӣ дар кишвар метавонад ба вуҷуд ояд, шаҳрвандон метавонанд интихоботро нодида гиранд, корпартоӣ кунанд ва ғайра.

Бесамарии истеҳсолот. Дар сиёсати протексионизм шароитҳое ба вуҷуд меоянд, ки рақобатро маҳдуд мекунанд, ки ба бесамар будани истеҳсолот мусоидат мекунанд.

Афзоиши монополизм дар байни истеҳсолкунандагони кишоварзӣ. Набудани рақобат боиси мушкилоти дигар мегардад, яъне монополия дар байни истеҳсолкунандагони кишоварзӣ.

Афзалиятҳои тақсимоти байналмилалии меҳнат татбиқ намегарданд. Дар протексионизм мубодилаи молҳои ватанӣ ба молҳои воридотӣ кам аст. Чунин молҳое, ки кишвар барои онҳо шароити мусоид дорад.

Ҳамин тариқ, сиёсати протексионизми аграрӣ хусусияти яктарафа надошта, метавонад ҳам натиҷаҳои мусбат ва ҳам оқибатҳои маҳдудкунанда ба вуҷуд оварад. Аз ин рӯ, онро на ҳамчун падидаи мутлақан мусбат ё манфӣ, балки ҳамчун воситаи танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ бояд арзёбӣ намуд.

Ҳангоми ташаккули сиёсати протексионизми аграрӣ ҳар як давлат бояд маҷмуи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва бозориро ба назар гирад ва байни принсипҳои савдои озод ва ҳифзи бозори дохилӣ тавозуни муносиб пайдо намояд. Самаранокии сиёсати аграрӣ аз интихоби дурусти самтҳои

афзалиятноки он вобаста буда, ин раванд бояд бо дарназардошти мавқеи кишвар дар низоми тақсимоти байналмилалии меҳнат (ТБМ), рушди иқтидори истеҳсолии миллӣ, таҳкими рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва ташаккули низоми устувори бозорёбии маҳсулоти кишоварзӣ тавассути диверсификатсияи самтҳо ва каналҳои фурӯш таъмин карда шавад.

«Савдои озод ва протексионизм бо дарназардошти сиёсати пешгирифтаи кишварҳо дар самти тиҷорати хориҷӣ ба амал бароварда мешавад. Давлатҳо мустақим ҳуқуқи ба танзим даровардани фаъолияти иқтисоди хориҷиашонро бо дарназардошти манфиатҳои кишвар, ҳатто, бо намуди либералитарин ба принсипҳои ташкили он метавонанд ба амал бароранд» [55, с. 103].

Ҳамин тавр, дар марҳилаи кунунии рушди ҷумҳурӣ бояд баъзе ислоҳот оид ба беҳтар намудани бахши кишоварзӣ барои рушди минбаъдаи амнияти озуқаворӣ гузаронида шаванд. Барои рушди минбаъдаи истеҳсолоти кишоварзӣ зарур аст, ки масъалаи коҳиш додани муҳоҷирати аҳолӣ аз деҳот ба шаҳрҳо ва баланд бардоштани ҷолибияти зиндагӣ дар минтақаҳои деҳот мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирад.

Сиёсати протексионизми аграрӣ барои ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ ва таъмини рушди соҳаи кишоварзӣ аҳаммияти муҳим дорад. Бо вуҷуди ин, истифодаи аз ҳад зиёди чораҳои протексионистӣ метавонад ба маҳдуд гардидани робитаҳои иқтисодии байналмилалӣ ва коҳиши имкониятҳои ҳамкорӣ бо кишварҳои дигар оварда расонад.

Аз ин рӯ, сиёсати давлатии аграрӣ бояд бо дарназардошти тамоми омилҳои дохилӣ ва берунӣ, аз ҷумла талаботи бозори ҷаҳонӣ, имкониятҳои истеҳсолии кишвар ва зарурати ҳамкории байналмилалӣ таҳия гардад. Танҳо дар асоси чунин муносибати мутавозин метавон рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва баланд гардидани рақобатпазирии онро таъмин намуд.

БОБИ 2. ТАҲЛИЛ ВА БАҲОДИҲИИ ҲОЛАТИ РУШДИ ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

2.1. Таҳлили рушди кишоварзии ҷумҳурӣ ҳамчун асоси таъминоти озуқавории аҳолии кишвар

Кишоварзӣ дар иқтисодиёти ҳар як кишвари ҷаҳон яке аз соҳаҳои калидӣ ва стратегӣ ба ҳисоб меравад ва аҳаммияти он дар шароити муосир, вобаста ба таҳаввулоти иқтисоди ҷаҳонӣ, афзоиши аҳолӣ, тағйирёбии иқлим ва ноустувории геополитикӣ, тадриҷан бештар мегардад. Аҳаммияти ин соҳа танҳо бо истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ маҳдуд намешавад. Нақши он дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди устувори кишоварзӣ бо аҳаммияти он барои нигоҳдории суботи иқтисодию иҷтимоии давлат муайян мегардад. Баланд бардоштани сатҳи худтаъминкунии озуқаворӣ имконият медиҳад, ки устувории иқтисоди миллӣ тақвият ёфта, вобастагӣ аз омилҳои беруна коҳиш дода шавад.

Ғайр аз ин, кишоварзӣ ҳамчун пояи рушди як қатор соҳаҳои дигари иқтисодӣ хизмат мекунад. Аз ҷумла, он бо саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ба мисли саноати хӯрокворӣ, робитаи мустақим дошта, ба таъмини ашёи хоми он мусоидат менамояд. Ҳамзамон, рушди кишоварзӣ ба густариши тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ таъсири мусбат расонида, имкониятҳои содироти маҳсулоти ватаниро зиёд мекунад. Дар шароити муосир, кишоварзӣ ҳатто ба соҳаҳои хизматрасонӣ ва сайёҳӣ низ таъсир мерасонад, ки намунаи равшани он рушди агротуризм мебошад.

Кишоварзӣ дар сохтори иқтисоди миллӣ мавқеи стратегӣ дошта, ҳамчун низоми ба ҳам алоқаманди истеҳсолӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ амал менамояд. Самаранокӣ ва устувории рушди он ба динамикаи рушди иқтисодиёт, сатҳи шуғл, амнияти иҷтимоӣ ва дар маҷмуъ ба некуаҳволии аҳолӣ таъсири бевосита мерасонад. “Инчунин фаровонии маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои дохилӣ низ аз амнияти озуқаворӣ вобастааст. Чунин масъала дар сатҳи байналмилалӣ низ хеле муҳим арзёбӣ мегардад” [123, с. 146].

Дар соли 2023 соҳаи кишоварзӣ дар миқёси ҷаҳонӣ бо як қатор мушкилоти мураккаб ва ба ҳам вобаста рӯ ба рӯ гардид, ки онҳо ҳам хусусияти иқтисодӣ, ҳам экологӣ ва иҷтимоӣ доштанд. Дар шароити иқтисоди сабз тағйирёбии иқлим яке аз омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди бахши кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Афзоиши падидаҳои шадиди обуҳавоӣ, коҳиши ҳосилнокии зироатҳо дар баъзе минтақаҳо ва ноустувории истеҳсолоти кишоварзӣ зарурати татбиқи технологияҳои мутобиқшаванда ва истифодаи устувори захираҳои табииро боз ҳам бештар менамояд.

Ҳамзамон, дар бисёр бозорҳои ҷаҳонӣ ноустувории нархи маҳсулоти кишоварзӣ мушоҳида шуд, ки ин ҳолат ба даромади деҳқонон ва суботи бозорҳои дохилӣ таъсири манфӣ расонид. Ба ин омилҳо тағйирёбии афзалиятҳои истеъмолкунандагон низ илова гардид, ки бештар ба маҳсулоти солим, органикӣ ва аз ҷиҳати экологӣ тоза таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Илова бар ин, оқибатҳои дермондаи пандемияи COVID-19 низ дар занҷирҳои таъминот, логистика ва дастрасӣ ба захираҳои истеҳсолӣ таъсири худро гузоштанд. Таҳлили омилҳои зикршуда нишон медиҳад, ки масъалаҳои рушди кишоварзӣ дорои хусусияти мураккаб ва системавӣ буда, вобаста ба сатҳи рушди иқтисодӣ, хусусиятҳои иқлимӣ ва сохтори истеҳсолоти кишоварзӣ дар кишварҳои гуногун ба таври фарқкунанда зуҳур мекунанд. Дар чунин шароит татбиқи равишҳои иқтисоди сабз ва идоракунии устувори захираҳо ҳамчун воситаи муҳимми коҳиш додани таъсири ин мушкилот аҳаммияти хосса пайдо мекунад.

“...Дар чунин шароит таҳияи стратегияҳои муассири рушди кишоварзӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад ва талаботи ҷиддии таҳлил ва омӯзиши амиқи равандҳои соҳа мебошад. Таҳқиқоти таҳлилӣ дар соҳаи кишоварзӣ имкон медиҳад, ки вазъи воқеии соҳа ҳамаҷониба арзёбӣ карда шавад, мушкилоти асосӣ ва омилҳои таъсиррасон муайян гарданд, инчунин, имкониятҳои мавҷуда барои рушди минбаъда ошкор карда шаванд. Дар асоси чунин таҳлилҳо метавон тавсияҳои илмӣ ва амалиро барои такмили сиёсати аграрӣ ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот таҳия намуд” [15].

Дар шароити афзоиши талабот ба рушди устувори бахши кишоварзӣ ва татбиқи принсипҳои иқтисоди сабз, нақши таҳқиқоти таҳлилӣ дар асоснок намудани қарорҳои стратегӣ ва идоракунӣ торафт бештар мегардад. Зеро қабули қарорҳои самаранок дар соҳаи кишоварзӣ ба мавҷудияти иттилооти дақиқ, арзёбии воқеии вазъи соҳа ва пешгӯии тағйироти эҳтимолӣ вобастагии зич дорад. Натиҷаҳои таҳқиқот барои муайян намудани афзалиятҳои рушди соҳаи кишоварзӣ ва такмили механизмҳои истифодаи самараноки захираҳои замин, об, меҳнат ва сармояро бояд ташаккул диҳанд, равандҳои истеҳсолиро такмил дода, сифати маҳсулот ва сатҳи рақобатпазирии онро баланд бардоранд. Самаранокии чунин чораҳо бояд бо дарназардошти маҷмуи натиҷаҳои иқтисодӣ, экологӣ ва самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ муайян карда шуда, ба принсипҳои рушди устувор мутобиқ бошад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда имконият фароҳам меоранд, ки самтҳои асосии рушди аграрӣ илмӣ асоснок гардида, технологияҳои инноватсионӣ ва экологӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва таъмини рушди дарозмуддати устувори бахши кишоварзӣ ҳамчун заминаи назариявию амалӣ хизмат намоянд.

1. Бозори маҳсулоти кишоварзӣ тавассути таҳлили талабот, пешниҳод, нарх ва конъюнктура омӯхта мешавад. Тадқиқоти олимони ватанӣ, ба мисли А. Рауфӣ, И.А. Асроров, Н.И. Амиров, Ҷ.С. Пиризода, А.А. Мадаминов, З.Р. Шарифов, С.Ҷ. Комилов, К.Н. Файзуллоева, М.Д. Шоазизова ва ғайра мебошанд.

2. Таҳлили иқтисодии истеҳсолот. Самти мазкури таҳқиқот ба таҳлили ҳамаҷонибаи самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ, такмили низоми идоракунии соҳа, оптимизатсияи истифодаи захираҳои истеҳсолӣ ва муайян намудани омилу имкониятҳои рушди минбаъдаи бахши кишоварзӣ равона мегардад. Масъалаҳои ин гурӯҳро олимони зерин, ба монанди И.Ҳ. Самандаров, Н.Т. Садриддинов, З.Р. Шарифов, Қ.Б. Шамсиев, Ш.Т. Одиназода, А.Б. Мирсаидов, К.Н. Файзуллоева, Қ.Х. Хушвахтзода баррасӣ кардаанд.

3. Таҳқиқоти мазкур маҷмуи масъалаҳои марбут ба таъмини устувории молиявии истеҳсолоти кишоварзиро фаро гирифта, арзёбии вазъи молиявӣ, таҳлили даромаднокӣ, самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ, идоракунии гардиши маблағҳо ва асоснок намудани самтҳои афзалиятноки сармоягузориро дар бар мегирад. Намояндагони ин самт И.С. Ашуров, З.С. Султонов, Қ.Қ. Давлатзода, М.Н. Тошматов, Л.Ҳ. Саидмуродзода, А.А. Солеҳзода, Ҷ.Х. Тағоев, Н.Н. Муҳиддинов, Н.Х. Хоналиев ва дигар муҳаққиқон мебошанд.

4. Таҳқиқоти мазкур ба таҳлили равандҳо ва хусусиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодии маҳалҳои деҳот нигаронида шудааст. Дар доираи он тағйироти демографӣ, сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, вазъи бозори меҳнат, имкониятҳои шуғл, манбаъҳои даромад ва нақши соҳаи кишоварзӣ дар ташаккули рушди иҷтимоию иқтисодии деҳот мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои асоснок намудани самтҳои сиёсати иҷтимоӣ, рушди аграрӣ ва баланд бардоштани устувории иқтисодии минтақаҳои деҳот истифода шаванд. Ба ин гурӯҳ муҳаққиқон Х.У. Умаров, Р.У. Улмасов, Т.Б. Ғаниев, Д.Б. Қодирзода, Т.Ҷ. Усмонова, Д.С. Амонова, Т.Д. Низомова, Ш.Б. Ҷонмамадов, Д.О. Қандиёрова, С.Б. Ашуров, Ф.С. Исломов, А.И. Субҳонов, З.С. Исломов ва ғайра дохил мешаванд.

5. Ин самти таҳқиқот масъалаҳои омӯзиши талаботи истеъмолкунандагон, иқтидори бозори озуқаворӣ, ташаккули стратегияҳои маркетингӣ ва пешбурди маҳсулоти кишоварзиро фаро мегирад, ки дар корҳои илмии олимони ватанӣ, аз ҷумла Ш.Ш. Бозоров, М.Т. Каримова, М.М. Холматова ва ғайра инъикос ёфтаанд.

Истеҳсоли кишоварзӣ на танҳо дар таъмини озуқавории аҳолӣ, балки дар дастгирӣ ва рушди деҳот низ нақши муҳим мебозад. Мутаассифона, дар солҳои соҳибихтиёрии ҷумҳурӣ шумораи аҳолии дар соҳаи кишоварзӣ коркунанда коҳиш наёфтааст, ки ин аз сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат дар соҳа шаҳодат медиҳад.

Диққати мо ба муайян кардани омилҳо, инчунин, таъсири миқдории онҳо ба рушди кишоварзии кишвар, зарурати муайян кардани роҳҳои минбаъдаи

рушди кишоварзӣ ва омилҳое, ки дар тули ду даҳсолаи охир ба он таъсир расонидаанд, равона карда мешавад.

Ҳукумат вазифадор аст, ки на танҳо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро афзоиш диҳад ва дар ҷустуҷӯи роҳҳои фурӯши он дар бозорҳои хориҷӣ кумак кунад, балки шумораи аҳолии деҳотро низ нигоҳ дорад.

Бояд таъкид кард, ки "вазъи кишоварзӣ дар соли 2023 аз мушкилоти соҳа вобаста аст, ки барои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ аз ҳама намуд ва моликият равишҳои навро дар идоракунӣ, навоварӣ ва такмили равандҳои мавҷудаи тиҷоратӣ талаб мекунанд. Аз ин рӯ, таҳлили вазъи кунунии кишоварзӣ, муайян кардани мушкилот ва имкониятҳо ва таҳияи тавсияҳо барои таъмини рушди устувори кишоварзӣ дар оянда фавран зарур аст" [15]. Рушди устувори соҳаи кишоварзӣ таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи мавҷуда, тамоюлҳои рушди истеҳсолот, мушкилот ва омилҳои таъсиррасонро талаб менамояд. Яке аз вазифаҳои муҳим таҳияи механизмҳо ва пешниҳодҳои илмӣ барои баланд бардоштани самаранокии соҳа бо дарназардошти талаботи иқтисоди сабз ва омилҳои экологӣ мебошад.

"Сарфи назар аз тамоюлҳои мусбати иқтисодӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ, дар соҳаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоту вазифаҳое вуҷуд доранд, ки ҳалли ҳамаҷонибаро тақозо мекунанд" [7, с. 1].

Дар раванди таҳқиқ усулҳои таҳлили иқтисодӣ, баҳодиҳии самаранокии захираҳо, моделсозии равандҳои рушд ва арзёбии хавфҳо истифода мегарданд. Натиҷаҳои таҳлил барои асоснок намудани самтҳои стратегии рушди кишоварзӣ ва таъмини устуворii иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ замина мегузоранд.

Кишоварзӣ ҳамчун яке аз бахшҳои стратегии иқтисодиёти миллӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар нақши муҳим мебозад. Дар шароити муосир соҳа бо таъсири омилҳои иқлимӣ, демографӣ, экологӣ ва иқтисодии байналмилалӣ рӯ ба рӯ гардида, зарурати тақвияти дастгирии давлатӣ ва такмили сиёсати аграриро ба миён меорад.

«Дар таъмини босуботи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, хатарҳои экологӣ таъсири манфӣ мерасонад. Барои бартараф намудани хатарҳои экологӣ ба амнияти муҳити зист танҳо дар сурати риояи муносибатҳои муосир бо технологияҳои рақамӣ байни инсон ва табиат имконпазир аст» [68, с. 197].

Дар доираи таҳқиқоти мазкур вазъи муосири соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои асосии он, ки дар таъмини амнияти озуқавории аҳолӣ нақши муҳим доранд, мавриди таҳлил қарор дода шуданд. Дар марҳилаи аввал вазъи демографӣ омӯхта мешавад, зеро шумора, таркиб ва динамикаи аҳолӣ яке аз омилҳои асосии ташаккули талабот ба маҳсулоти озуқаворӣ ва муайянкунандаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Маълумоти демографӣ барои пешгӯии эҳтиёҷоти ояндаи аҳолӣ ба маводи ғизоӣ, банақшагирии самараноки истифодаи захираҳои истеҳсолӣ ва таҳияи чораҳои мутобиқ ба талаботи рушди устувори кишоварзӣ мусоидат мекунад.

«...Тағйирот дар аҳолӣ тамоюлҳои ҷории демографиро инъикос мекунанд, ба монанди афзоиш ё коҳиши аҳолӣ, муҳоҷират ё тақсимоти синну сол. Тағйирот дар сохтори синну сол ва ҷинсии аҳолӣ ба ниёзҳо ва талабот ба хӯрокворӣ, инчунин, ба дастрасии қувваи корӣ дар бахшҳои кишоварзӣ таъсир мерасонад. Ҳамзамон, мавҷудият ва дастрасии қувваи корӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ сари вақт иҷро ва иҷрои корҳои гуногунро дар равандҳои технологии истеҳсолот маълум намуда, андозаи ҳосилнокии меҳнатро муайян мекунад» [15].

Шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2024 ба 10 288,3 ҳазор нафар расидааст, ки аз ин шумора 2 969,6 ҳазор нафар (28,8 %) дар шаҳрҳо ва 7 318,7 ҳазор нафар (71,2 %) дар маҳалҳои деҳот зиндагӣ мекунанд. Таҳлили динамикаи демографӣ нишон медиҳад, ки дар давраи солҳои 2017-2023 шумораи аҳолии ҷумҳурӣ 15,2 %, аз ҷумла аҳолии шаҳрӣ 26,1 % ва аҳолии деҳот 11,2 % афзоиш ёфтааст. Ин тамоюл аз афзоиши устувори

аҳолӣ шаҳодат дода, зарурати рушди иқтидори истеҳсолии кишоварзӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо ва таъмини устувори бозори дохилиро бо маҳсулоти озуқаворӣ тақозо менамояд.


Ҳамин тариқ, афзоиши аҳолӣ аз ҳисоби зиёдшавии аҳолии шаҳр ба амал меояд. Ин тамоюл, яъне тамоюли афзоиши доимии ниёзҳои аҳолии шаҳр ба маводи ғизоӣ, ҳалли масъалаи таъминоти маводи ғизоиро тавассути афзоиши ҳаҷми истеҳсоли дохилӣ тақозо мекунад.

Тақсимоти аҳолӣ аз рӯйи категория чунин аст: шумораи афроди аз синни қобили меҳнат хурдтар 20,7%, шумораи аҳолии қобили меҳнат 10,0% ва шумораи аҳолии аз синни қобили меҳнат калонтар 37,7% афзоиш ёфтааст. Ҳамин тариқ, суръати афзоиши аҳолии қобили меҳнат дар муқоиса бо қисми ғайрифаъоли аҳолӣ хеле паст аст, ки ин сатҳи муайяни фишор ё бори гаронеро барои қувваи кории кишвар аз ҷиҳати амнияти озуқаворӣ ба вуҷуд меорад (Ҷадвали 2.1).

Ҷадвали 2.1. - Динамикаи аҳолӣ дар Тоҷикистон

Нишондиҳандаҳо	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	с.2023 ба с.2017, %
Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол, ҳазор нафар	8931,2	9126,6	9313,8	9716,8	9886,8	10078.4	10288,3	115,2
Аз он ҷумла:								
шаҳрӣ	2354,2	2396,8	2438,9	2796,2	5016,8	5117.3	2969,6	126,1
деҳотӣ	6577,0	6729,8	6874,9	6920,6	4870,0	4961,1	7318,7	111,2
Синни аз қобили меҳнат хурд	3063,6	3129,9	3191,0	3565,1	3600,0	3649,6	3698,2	120,7
Қобили меҳнат	5379,8	5473,9	5567,4	5601,7	5703,3	5804,7	5918,8	110,0
Аз синни қобили меҳнат калонтар	487,8	522,8	555,4	550,0	583,5	624,1	671,3	137,7
Ҷавонони синни 14-30 сола	2877,7	2880,0	2877,5	2901,8	2900,2	2932,7	2971,9	103,2

Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023, с.26



Расми 2.1. - Шумораи истиқоматкунандаҳо дар 1 км^2

Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. - С. 26.

Дар давраи таҳлилшаванда шумораи сокинон ба 1 км мураббаъ аз 63,2 то 72,8 нафар афзудааст, ки ин аз афзоиши маҳдудияти захираи асосии истеҳсоли аграрӣ захираҳои замин шаҳодат медиҳад (расми 2.1). Як қатор тадқиқоти муваққатии шумораи аҳолӣ дар ҷумҳурӣ дар солҳои охир имкон дод, ки якчанд хулоса бароварда шавад.

Аввалан, пешгӯии шумораи аҳолӣ барои кишвари мо барои солҳои оянда мусбат аст, ки инро тамоюли афзоиши минбаъда нишон медиҳад, сарфи назар аз тамоюлҳои тағйирёбанда дар минтақаҳои алоҳида бо сабаби фаъол шудани муҳоҷирати меҳнатии беруна, ифода ёфтааст.


Аз ҷумла "... минтақаҳои озоди иқтисодӣ воситаи муҳимми тезонидани тараққиёти иқтисодӣ-иҷтимоии ҳар як мамлакати хоҷагии ҷаҳон гардида, тавассути онҳо намудҳои гуногуни соҳибкорӣ ташаккул меёбанд. Айни замон маълум гардидааст, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ заминаи боэътимод барои ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ, техника ва технологияҳои пешрафта, таъсиси корхонаҳои муштараки истеҳсолию саноатӣ ва хизматрасонӣ, рушди бахшҳои воқеии иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои корӣ пурмаҳсул, ивазкунии воридот ва ташкили содирот, инчунин, болоравии вазъи иқтисодӣ-иҷтимоӣ барои ҳар як кишвар ба шумор меравад" [66, с. 49].

“... Муқоисаи савдои байналмилалӣ ва таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ дар таҳлили моделҳои макроиқтисодӣ нишон медиҳад, ки афзоиши муҳоҷирати мутахассисон ва ғайримутахассисон боиси коҳиш ёфтани сармоягузорӣ, сатҳи даромаднокӣ ва истеҳсолоти иқтисодӣ мегардад. Ҳамчунин, зиёд шудани муҳоҷирати меҳнатии баландихтисос метавонад сатҳи музди меҳнатро дар кишвар баланд кунад, аммо ин, дар навбати худ, боиси коҳиш ёфтани нархи сармоя ва захираҳои табиӣ ва замин мегардад” [121, с. 223].

Дуюм, афзоиши шумораи аҳолии ҷумҳурӣ аз ҳисоби васеъ гардидани аҳолии шаҳрӣ ва нигоҳ доштани сатҳи мусбати афзоиши табиии аҳолӣ ба амал меояд. Баланд будани сатҳи таваллуд нисбат ба фавт, ки дар тули солҳои зиёд мушоҳида мегардад, боиси зиёд шудани талабот ба маҳсулоти озуқаворӣ гардида, зарурати рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ ва самаранок истифода намудани захираҳои истеҳсолиро тақозо менамояд.

«...Тадқиқоти таҳлили вазъи кишоварзӣ бо дарназардошти аҳолӣ ба беҳтар фаҳмидани ниёзҳо ва тамоюлҳои дар соҳаи кишоварзӣ рухдода мусоидат мекунад, ки метавонад ба истифодаи беҳтари захираҳо ва баланд бардоштани самаранокии пешбурди соҳаҳои кишоварзӣ оварда расонад” [15].

Тибқи маълумоти расмии омори давлатӣ, дар соли 2023 соҳаҳои асосии кишоварзӣ рушди устувори истеҳсолиро таъмин намуда, аз рӯйи баъзе намудҳои маҳсулот ба натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд. Дар соли 2023 ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ 63 миллиард сомониро дар муқоиса бо 41,4 миллиард сомонӣ дар соли 2017 ташкил дод. Ҳаҷми маҳсулоти растанипарварӣ дар давраи таҳлилшаванда аз 29,5 то 43,3 миллиард сомонӣ афзуда, маҳсулоти чорводорӣ аз 11,8 то 19,6 миллиард сомонӣ афзудааст (расми 2.2).



Расми 2.2. - Динамикаи истеҳсолоти кишоварзӣ

Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023, с.275.

Дар ҷумҳурӣ истеҳсоли маҳсулоти асосии озуқавории кишоварзӣ тамоюли афзоиш дорад. Дар соли 2024 ғалла ба ҳар сари аҳолӣ 174,1 кг истеҳсол карда шуд, ки дар муқоиса бо соли 2019 беш аз 14,3 % зиёд шудааст.

Истеҳсоли картошка ба ҳар сари аҳолӣ низ 12,6%, сабзавот – 34,0%, полезӣ – 44,6 %, мева ва буттамеваҳо -54,0 %, гӯшт – 35,1, шир – 4,4 %, тухм – 2,0 маротиба афзудааст (ҷадв. 2.2).

Ҷадвали 2.2. - Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ, кг

	2019	2020	2021	2022	2023	2024	Соли 2024 нисбат ба соли 2019 бо %
Ғалладона	152,2	165,0	161,8	175,0	172,3	174,1	114,3
Картошка	107,9	108,7	106,2	109,6	112,4	121,6	112,6
Сабзавот	236,7	263,5	264,9	272,0	297,2	317,2	134,0
Полезӣ	76,1	80,5	83,5	84,4	99,2	110,1	144,6
Меваҳо ва буттамеваҳо	51,4	49,7	45,3	51,3	65,2	79,2	154,0
Ангур	26,8	25,4	27,3	30,2	18,7	27,9	104,1
Гӯшт (дар вазни кушташуда)	14,8	16,0	16,7	17,5	19,6	20,0	135,1
Шир	108,5	108,5	106,3	106,6	109,8	113,3	104,4
Тухм, дона	78,7	104,5	107,4	121,4	120,2	121,7	154,6

Манбаъ: Омори кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025, саҳ. 15.

Раванди рушди соҳаи чорводорӣ бо афзоиши мунтазами нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва зиёдшавии саршумори чорвои кишоварзӣ тавсиф мегардад. Аз ҷумла, дар соли 2024 ҳаҷми истеҳсоли гӯшт нисбат ба соли

2023 афзоиши назаррас нишон додааст. Таҳлили тағйирёбии истеҳсоли чорво ва паранда барои забҳ ва шумораи саршумор нисбат ба соли 2019 нишон медиҳад, ки афзоиши истеҳсолот асосан аз ҳисоби зиёд шудани забҳи ҳайвонот ба даст омадааст. Ҳамин тариқ, афзоиши мазкур бештар хусусияти экстенсивӣ дошта, бо баландшавии ҳосилнокии чорводорӣ камтар алоқаманд мебошад (ҷадв. 2.3).

Ҷадвали 2.3. - Истеҳсоли маҳсулоти асосии чорводорӣ

Нишондиҳандаҳо	2019	2020	2021	2022	2023	2024	Соли 2024 нисбат ба соли 2019 бо %
Гӯшт (бо вазни чорвои кушта), ҳаз. т.	136,3	150,1	179,1	190,8	239,2	399,2	292,8
Шир, ҳаз. т	1000,6	1020,9	1042,6	1064,2	1118,5	1177,3	117,6
Тухм, млн дона	725,7	983,1	1053,5	1212,2	1223,7	1265,5	174,3

Манбаъ: Омори кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025, саҳ. 282-290.

Дар давраи таҳлилшудаи истеҳсолот шир аз 983,0 то 1177,3 ҳазор тонна ё 19,7 % афзуд. Истеҳсоли тухм бо суръати кайҳонӣ афзоиш ёфт: зиёда аз 3,6 маротиба афзуд. Ин дар натиҷаи рушди парандапарвории саноатӣ дар ҷумҳурӣ ба амал омад.


Натиҷаҳои фаъолияти соҳаи растанипарварӣ дар соли 2024 дар афзоиши устувори истеҳсоли ғалла, картошка, сабзавот, полезиҳо ифода ёфтаанд. Муқоисаи ҳаҷми умумии ҷамъоварии маҳсулот бо масоҳати кишт нишон медиҳад, ки сустшавии суръати афзоиши истеҳсоли ғалладона асосан ба коҳиши ночизи ҳосилнокии зироатҳо вобаста мебошад, зеро масоҳати кишти ғалладона дар ин давра тамоюли афзоишро нигоҳ доштааст. Дар баробари ин, афзоиши истеҳсоли сабзавот ва картошка асосан аз ҳисоби баланд гардидани ҳосилнокӣ таъмин шуда, васеъшавии масоҳати кишти онҳо низ ба афзоиши ҳаҷми умумии истеҳсолот мусоидат намудааст.

«...Андозаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ нишондиҳандаи муҳим барои арзёбии устувории ҳолати системаҳои кишоварзӣ

ва имконияти ин низом барои таъмини амнияти озуқавории кишвар мебошад. Тадқиқи динамикаи чунин нишондиҳандаҳо имкон медиҳад, ки вазъи кунунии сатҳи рушди кишоварзӣ дар ин қаламрав арзёбӣ карда шавад ва инчунин, арзишҳои мақсадноки нишондиҳандаҳои стратегияи рушди соҳаҳои кишоварзӣ бо расидан ба сатҳи зарурии самаранокӣ ва устуворӣ таҳия карда шаванд» [15].

Истеҳсоли ғалла ба ҳар сари аҳолӣ яке аз меъёрҳои муҳимми муайянкунандаи сатҳи таъминоти озуқавории кишвар ба шумор меравад. Ин нишондиҳанда имкон медиҳад, ки ҳолати таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти асосии ғизоӣ, дараҷаи худтаъминкунӣ ва сатҳи вобастагии кишвар аз воридоти маҳсулоти ғалладона арзёбӣ карда шавад. Ғалладона дар низоми истеҳсолоти аграрӣ аҳаммияти стратегӣ дошта, ҳамчун манбаи асосии ғизо барои аҳолӣ ва воситаи муҳимми таъмини чорводорӣ бо хӯроки мутамарказ баромад менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми истеҳсоли ғалла ба ҳар сари аҳолӣ аз 152,2 кг дар соли 2019 то 174,1 кг дар соли 2024 расидааст. Афзоиши ин нишондиҳанда аз беҳтар гардидани имкониятҳои истеҳсолии соҳаи ғаллапарварӣ ва тақвияти заминаҳои таъмини дохилии бозори озуқаворӣ шаҳодат медиҳад.



Расми 2.3. - Таносуби минтақаҳо дар ҷамъоварии умумии ҳосили ғалладона ва лӯбиёиҳо

Манбаъ: Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷмуаи оморӣ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. - С. 134.

Тавре ки аз расми 2.3 бармеояд, истеҳсолкунандагони асосии ғалладонагиҳо вилояти Хатлон мебошанд, минтақа зиёда аз 61% тамоми ғалладонагиҳои ҷумҳуриро истеҳсол мекунад. Ин натиҷа аҳаммияти калон

дорад, зеро агар истеҳсоли ғалла дар кишвар ба сатҳи муайяни ҳадди ақал расад, кишвар метавонад на танҳо талаботи худро ба маҳсулоти аз ғалла коркардшуда таъмин намояд, балки соҳаи чорводориро низ дастгирӣ кунад, чунки ғалла яке аз манбаъҳои муҳимми ғизои серғизо барои ҳайвонот мебошад. Гуфтаҳои дар боло овардашуда бо афзоиши нишондиҳандаҳои таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти чорводорӣ тасдиқ карда мешавад. Бояд қайд кард, ки «вилояти Хатлон бо комплекси агросаноатии хеле рушдкардаи худ фарқ мекунад. Ин вилоят ҳанӯз аз замони шуравӣ ба парвариши меваҳои субтропикӣ ва навъҳои пахтаи маҳиннах ихтисос ёфтааст. Ин соҳаҳо дар шароити муосир аз нигоҳи таҳкими тамоюли содиротии иқтисодиёти минтақа ва сарчашмаҳои муҳимми афзоиши даромади субъектҳои хоҷагидорӣ ва воридоти асъор барои минтақа ва дар маҷмуъ, кишвар муҳимтарин боқӣ мемонанд» [91, с. 165].


Истеҳсоли чорво ва паранда барои забҳ дар соли 2024, ки бо вазни кушташуда чен карда шудааст, ба ҳар сари аҳолӣ 20,0 кг-ро ташкил дод, дар ҳоле ки дар соли 2019 ин нишондиҳанда 14,8 кг буд. Меъёри аз ҷиҳати илмӣ исботшудаи истеъмоли гӯшт вобаста ба хусусиятҳо ва шароити зиндагии шахс 70-75 кг аст. Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки ҷумҳурӣ ҳанӯз ба сатҳи қобили қабули худтаъминкунӣ нарасидааст. Танҳо барои баъзе маҳсулоти хӯрокворӣ он ба сатҳи зарурии таъминоти озуқавории дохилӣ наздик мешавад.


Ҳаҷми истеҳсоли шир ба ҳар сари аҳолӣ дар солҳои охир тамоюли афзоишро нишон медиҳад, ки ин раванд аз соли 2019 оғоз гардидааст. Бо вуҷуди ин, нишондиҳандаи соли 2024, ки 113, 3 кг ба ҳар як нафарро ташкил медиҳад, ҳанӯз ҳам аз сатҳи соли 1992 хеле ақиб мемонад. Дар он давра таъминоти аҳолӣ бо шир ба 318 кг барои як нафар баробар буд. Мувофиқи меъёрҳои тиббӣ, ҳаҷми зарурии истеъмоли шир барои як нафар дар як сол 392 кг муайян шудааст, ки аз он 116 кг бояд ҳиссаи шири пурраро ташкил диҳад. Бинобар ин, рушди минбаъдаи чорводории ширӣ бояд ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати аграрии ҷумҳурӣ баррасӣ гардад. Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бояд на танҳо ба зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсол, балки ба баланд шудани дастрасии иқтисодии он барои аҳолӣ низ равона карда шавад.

Зеро таъмини амнияти озуқаворӣ танҳо дар ҳолате имконпазир аст, ки шаҳрвандон тавонанд маҳсулоти зарурии ғизоиро бе таъсири манфӣ ба дигар харочоти рӯзмарраи худ харидорӣ намоянд.

Таҳлили нишондиҳандаҳои истеҳсолии соҳаи растанипарварӣ нишон медиҳад, ки картошка дар таъмини талаботи дохилии аҳолӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Дар соли 2024 ҳаҷми истеҳсоли картошка ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ 121,6 кг-ро ташкил дода, ин нишондиҳанда аз меъёри тавсияшудаи истеъмолӣ - 90 кг ба ҳар нафар - ба андозаи 31,6 кг зиёд мебошад. Зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нисбат ба талаботи физиологии истеъмолӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми таъмини худтаъминкунии аҳолӣ ва таҳкими заминаҳои устувори амнияти озуқавории кишвар баромад менамояд. Ин ҳолат аз беҳтар гардидани имкониятҳои таъминоти аҳолӣ бо яке аз маҳсулоти муҳимми ғизоӣ шаҳодат медиҳад.

Афзоиши таъминоти аҳолӣ бо картошка тамоюли пешгӯишаванда ба афзоиши минбаъда дорад, ки ин аз тамоюли афзоиши истеҳсоли картошка дар минтақаҳои кишвар шаҳодат медиҳад (расми 2.4).





Расми 2.4. - Таносуби минтақаҳо дар ҷамъоварии умумии ҳосили картошка
Манбаъ: Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷмуаи оморӣ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025, саҳ. 161.

Дар асоси хатҳои тамоюли таҳияшуда, ки тағйироти нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро ба ҳар сари аҳолӣ инъикос менамоянд, муайян гардид, ки ҳангоми нигоҳ доштани низоми мавҷудаи фаъолияти соҳаҳои кишоварзӣ дар давраи оянда ҳаҷми истеҳсоли ғалла, картошка, инчунин, саршумори чорво ва паранда барои истеҳсоли гӯшт метавонад тамоюли афзоишро нигоҳ дорад. Дар баробари ин, натиҷаҳои пешбинишуда дорои хусусияти эҳтимолӣ буда, дар ҳолати тағйир ёфтани шароити идоракунии иқтисодии соҳа метавонанд аз нишондиҳандаҳои воқеии рушди он фарқ намоянд. Аз ин рӯ, ҳангоми арзёбии натиҷаҳои пешбинишуда таъсири омилҳои идоракунӣ ва тағйирёбии муҳити иқтисодӣ бояд ба назар гирифта шавад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти асосии кишоварзӣ нишон медиҳад, ки танҳо дар мавриди гӯшт тамоюли коҳиши сатҳи таъминот ба мушоҳида мерасад. Ин ҳолат зарурати андешидани тадбирҳои иловагиро ҷиҳати рушди истеҳсоли гӯшт ба миён оварда, аз ҷумла баланд бардоштани маҳсулнокии чорво, истифодаи самараноки захираҳои истеҳсолӣ ва таҳкими иқтидори истеҳсолии соҳаи чорвои гӯштиро тақозо менамояд.

Дар баробари тамоюлҳои пешбинишудаи рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ва бо назардошти тағйироти эҳтимолии шумораи аҳолии кишвар, зарур аст, ки

маҷмуи масъалаҳои иқтисодӣ ва сохторие муайян карда шаванд, ки ҳалли онҳо бояд яке аз вазифаҳои асосии барномаҳои стратегии рушди соҳаи кишоварзӣ дар ояндаи наздик гардад.

Ба ҷумлаи омилҳои асосии маҳдудкунандаи рушди кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ метавон масъалаҳои зеринро дохил намуд:

- фарсуда будани инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва нақлиётӣ, махсусан дар минтақаҳои деҳот;

-сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат ва музди меҳнати кормандони соҳаи кишоварзӣ;

-маҳдуд будани имкониятҳои дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ.

Коҳиши захираҳои табиӣ, таназзули экосистемаҳо ва афзоиши хавфҳои экологӣ метавонанд ба маҳсулнокии кишоварзӣ таъсири манфӣ расонида, барои таъмини рушди устувори соҳа монеаҳои ҷиддӣ ба вуҷуд оранд.

Барои бартараф намудани мушкилоти мавҷуда кишвар бояд татбиқи ислоҳоти иловагиро дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди деҳот идома диҳад. Самаранокии татбиқи ин раванд аз ташаккули муносибати маҷмуӣ ба рушди соҳаи кишоварзӣ вобаста буда, татбиқи технологияҳои муосир ва инноватсионӣ, истифодаи таҷрибаи пешқадами истеҳсолӣ бо дарназардошти шароити маҳаллӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсолотро ҳамчун самтҳои афзалиятнок муайян менамояд. Ҳамзамон, таъмини устувории экологӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ бояд ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати аграрӣ баррасӣ гардад.

Дар шароити муосир ташаккули низоми самараноки фурӯш ва тақсимоти маҳсулоти кишоварзӣ яке аз унсурҳои муҳимми таъмини рушди устувори соҳа ба ҳисоб меравад. Чунин низом бояд дастрасии баробар ва рақобатпазири ҳамаи истеҳсолкунандагонро ба бозор таъмин намуда, маҳдудиятҳои вобаста ба шакли моликият ва сатҳи фаъолияти иқтисодии онҳоро коҳиш диҳад. Дар ин замина, нигоҳ доштани тавозуни нархҳои бозорӣ аҳаммияти махсус дорад. Ташаккули сиёсати самараноки нархгузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ бояд ба нигоҳ

доштани тавозуни иқтисодии байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон равона гардад.

Дар марҳилаи муосир бояд суръати татбиқи сиёсати воридотивазкунӣ тақвият дода шавад. Он ҳанӯз соли 2016 амалӣ шуда буд, аммо натиҷаҳои ниҳоӣ ба даст наомаданд.

Дар марҳилаи кунунӣ суръат бахшидан ба татбиқи сиёсати воридотивазкунанда зарур аст. Ин сиёсат соли 2016 оғоз ёфт, аммо ҳанӯз натиҷаҳои ниҳоӣ ба даст наомадаанд.

Тағйирёбии вазъи бозори ҷаҳонӣ ва халалдор гардидани занҷирҳои таъминоти байналмилалӣ маҳдудиятҳои навро барои рушди технологии соҳаи кишоварзӣ ба вуҷуд овард. Вобастагии мавҷуда аз воридоти техникаву таҷҳизот, тухмии зироатҳои кишоварзӣ ва чорвои зотӣ метавонад устувории истеҳсолотро коҳиш дода, ба афзоиши хароҷоти истеҳсолӣ ва тағйирёбии арзиши маҳсулоти кишоварзӣ оварда расонад. Аз ин рӯ, рушди иқтидори истеҳсолии ватанӣ ва коҳиш додани вобастагӣ аз омилҳои беруна аҳаммияти стратегӣ касб менамояд. Мушкилоти норасоии кадрҳо дар оянда бо роҳи ҷорӣ кардани технологияҳои навтарин ба кишоварзӣ, роботикунонии амалиётҳои алоҳида ҳал карда мешавад. Аммо, ин вақтро талаб мекунад ва талафоти солонаи ҳосил аллакай амнияти озуқавориро таҳдид мекунад.

Масъалаҳои дастрасӣ ба маводи ғизоӣ дар иқтисодиёт бо сатҳи даромади воқеии аҳолӣ робитаи мустақим ва зич доранд, зеро қобилияти харидории аҳолӣ маҳз аз ҳамин нишондиҳанда вобаста аст. Дар шароити таваррум, ҳатто агар даромади номиналӣ афзоиш ёбад, қудрати воқеии харидорӣ метавонад коҳиш ёбад, зеро болоравии нархи молу хизматрасонӣ аз афзоиши даромад пеш гузашта, сатҳи зиндагии аҳолиро паст мекунад. Дар натиҷа, гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа ба мушкилоти дастрасӣ ба ғизои босифат рӯ ба рӯ мегарданд, ки ин ҳолат метавонад ба афзоиши нобаробарии иҷтимоӣ ва шиддат гирифтани мухолифати иҷтимоӣ оварда расонад.

Аз нуқтаи назари иҷтимоӣ-иқтисодӣ, норасоии ғизо ва паст шудани арзиши энергетикии истеъмоли ғизо ба як қатор оқибатҳои манфӣ сабаб

мешавад. Аз ҷумла, вазъи умумии саломатии аҳолӣ бад шуда, сатҳи муқовимати организм паст мегардад, қобилияти кории неруи меҳнат коҳиш меёбад ва дар натиҷа самаранокии иқтисоди миллӣ низ зери таъсир қарор мегирад. Дар дарозмуддат ин раванд метавонад ба кӯтоҳ шудани давомнокии умр ва афзоиши хароҷоти иҷтимоӣ ва тандурустӣ оварда расонад.

Ҳалли масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ ва татбиқи сиёсати протексионизми аграрӣ бояд аз ду ҷиҳат баррасӣ карда шавад: аз ҷониби талабот ва аз ҷониби пешниҳод. То имрӯз ҳадафҳои дар консепсияи амнияти озуқаворӣ гузошташуда ҳанӯз пурра ба даст наомадаанд, аммо динамикаи мусбати ҳаҷми истеҳсоли намудҳои асосии ғизо мушоҳида мегардад. Мушкилоти асосии истеҳсоли озуқаворӣ норасоии қувваи корӣ ва вобастагӣ аз техника ва таҷҳизоти воридотӣ дар бахши кишоварзӣ мебошад, ки боиси пурра ҷамъоварӣ нашудани ҳосил ва талаф ёфтани қисми назаррас ҳосил мегардад. «Истифодаи техника дар байни хоҷагиҳо як зарурати объективӣ мебошад, ки онро таҷрибаи таърихӣ ва муосири дохилӣ, намунаҳои кишварҳои хориҷӣ, инчунин, мавҷудияти бозори пинҳонии (теневой) хизматрасониҳои механикӣ тасдиқ мекунанд. Ин ҳолат ҳангоми омӯзиши низоми ташаккул ва истифодаи потенсиали техникӣ дар минтақаи таҳқиқшаванда муайян карда шудааст» [124, с. 297].

Аз ҷониби талабот мушкилоти асосӣ коҳиши даромади воқеии аҳолӣ мебошад, ки дар коҳиши қобилияти харидорӣ ифода меёбад. Дар натиҷа, хонаводаҳо маҷбур мешаванд, ки маҳсулотро аз категорияи нархи паст харидорӣ кунанд ва истеъмоли намудҳои алоҳидаи маҳсулот (аз ҷумла гӯшт, моҳӣ ва сабзавот) кам карда шавад. Дар ин ҷо бояд фарқияти назарраси аҳолиро аз рӯйи сатҳи даромад қайд кард, ки ба афзоиши танишҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

2.2. Тамоюлҳои татбиқи модели воридотивазкунӣ дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ

Дар тули 8-10 соли охир соҳаи кишоварзии ватанӣ дар воридотивазкунӣ пешрафт нишон додааст. Аз як ҷониб, татбиқи ин тадбирҳо ба пешбурди сиёсати хориҷӣ ва сиёсати иқтисодии хориҷии кишвар мусоидат мекард, аз ҷониби дигар, самаранокии онҳо аз сатҳи дастгирии давлатӣ нисбат ба соҳаи кишоварзӣ ва маҷмуи агросаноатӣ вобаста буд. Таҳвияти истеҳсолоти дохилӣ ва коҳиш додани вобастагӣ аз маҳсулоти воридотӣ зарурати татбиқи чораҳои мақсадноки давлатӣ ба миён овард. Дар ин замина, солҳои 2016–2020 Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардид, ки мақсади муҳимми он «... мусоидат ба татбиқи сиёсати давлатии иқтисодии хориҷӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, ки ба афзоиши ҳаҷми содироти ғайриманқул, коҳиш додани ҳиссаи молҳо ва хидматҳои истеъмолӣ дар ҳаҷми умумии воридот равона шудааст» [5].

Дар шароити зарурати диверсификатсияи сохтори иқтисоди миллӣ ва тавсеаи робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, рушди иқтидори содиротӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии кишвар табдил ёфтааст. Бо ин мақсад, Барномаи давлатии рушди содирот барои солҳои 2021–2025 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, №169 тасдиқ гардида, барои фароҳам овардани заминаҳои мусоид ҷиҳати афзоиши ҳаҷми содирот, рушди истеҳсолоти рақобатпазир ва таҳкими мавқеи маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои хориҷӣ равона шудааст.

Мазмун ва вазифаҳои Барнома ба ташаккули заминаҳои устувори рушди истеҳсолоти миллӣ ва тавсеаи иқтидори содиротии кишвар нигаронида шудаанд. Аз ҷумла, рушди истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, коҳиш додани вобастагии иқтисоди миллӣ аз воридоти молҳои истеъмолӣ, беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ ва ташкили заминаҳои зарурӣ барои татбиқи самараноки сиёсати давлатии иқтисодии хориҷӣ низ аз

ҷумлаи самтҳои асосии он маҳсуб меёбад. Дар баробари ин, Барнома ба диверсификатсияи сохтори содирот, васеъ намудани номгӯи маҳсулоти содиротӣ ва баланд бардоштани арзиши иловашудаи маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ аҳаммияти махсус медиҳад.

Заминаи методологӣ ва институтсионалии Барномаи мазкурро афзалиятҳои сиёсати давлатии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайянгардида ва натиҷаву таҷрибаи дар ҷараёни татбиқи Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ барои солҳои 2016–2020 бадастомада ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, рушди савдои хориҷӣ, ҳавасмандгардонии содирот, диверсификатсияи истеҳсолоти содиротгаро ва такмили расмиёти савдо ҳамчун самтҳои муҳимми татбиқи сиёсати мазкур муайян гардидаанд.

Амалисозии маҷмуи тадбирҳои мазкур метавонад ҳамчун омили муҳимми таҳкими иқтидори содиротӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ хизмат намуда, барои густариши ҷуғрофияи содирот, афзоиши ҳузури маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои байналмилалӣ, таҳкими рақобатпазирии истеҳсолкунандагони миллӣ ва баланд бардоштани нақши кишвар дар низоми иқтисоди ҷаҳонӣ замина фароҳам оварад.

Дар Барнома рушди кишоварзӣ ҳамчун раванди фарогир ва ба ҳам алоқаманди рушди истеҳсолот, технология ва хизматрасониҳо муайян гардида, барои баланд бардоштани самаранокӣ ва устувории соҳа маҷмуи тадбирҳои дахлдор пешбинӣ шудааст. Бо мақсади таъмини рушди устувори комплекси агросаноатӣ, рақамикунонии равандҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ, таҳкими инфрасохтори соҳавӣ, рушди бозори миллии озуқаворӣ, ташкили фондҳои тухмии худӣ ва такмили заминаи генетикии чорводорӣ ба сифати самтҳои афзалиятнок муайян карда мешаванд. «Ҳар як соҳибкори истеҳсолоти саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бояд нағз бидонад, ки бозори моли кишоварзӣ на танҳо ниҳоят ҷалбкунанда мебошад, вале ниҳоят хавфнок ҳам ҳаст» [64, с. 218].

Яке аз натиҷаҳои муҳимми татбиқи сиёсати воридотивазкунӣ дар солҳои охир афзоиши ҳаҷм ва гуногуншаклии истеҳсолоти дохилӣ мебошад.

Тадбирҳои ба рушди истеҳсолоти дохилӣ ва васеъ намудани истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда равонагардида ба таҳкими иқтидори истеҳсолии кишвар ва коҳиш ёфтани вобастагии бозори миллӣ аз маҳсулоти воридотӣ мусоидат намудаанд. Дар натиҷа, мувофиқи нишондиҳандаҳо, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии воридотивазкунанда аз 35 миллиард сомонӣ гузаштааст. Аз ин ҷумла, ба нахи пахта 6,5 миллиард сомонӣ, маҳсулоти трикотажӣ 3,5 миллиард сомонӣ, нон ва маҳсулоти нонӣ 3,3 миллиард сомонӣ, орд 2,9 миллиард сомонӣ ва тухм 1,6 миллиард сомонӣ, нӯшокиҳои спиртӣ 1,3 миллиард сомонӣ, маҳсулоти дӯзандагӣ 0,9 миллиард сомонӣ, биринҷ 0,7 миллиард сомонӣ, равғани растанӣ 0,5 миллиард сомонӣ ва консерваҳои меваю сабзавот 0,5 миллиард сомониро ташкил медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки рушди истеҳсолоти ватанӣ дар самти таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ нақши муҳим дошта, ба таҳкими амнияти озуқавории кишвар мусоидат намудааст. Ин тағйирот аз ҷумлаи натиҷаҳои мусбати дорои аҳаммияти дарозмуддат барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатӣ маҳсуб меёбад. Дар робита ба ин, барои арзёбии раванди воридотивазкунӣ динамикаи рушди он дар соҳаи кишоварзӣ дар давоми даҳ соли охир мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Натиҷаҳои таҳлил барои муайян намудани тамоюлҳои калидии рушди воридотивазкунӣ, инчунин ошкор ва арзёбии мушкилот ва омилҳои эҳтимолии маҳдудкунандае, ки ба равандҳои навсозӣ ва рушди устувори соҳа таъсир мерасонанд, истифода мегарданд.


«Монеаҳои баланди воридотӣ ва субсидияҳои давлатӣ истеҳсоли навъҳои зиёди маҳсулоти кишоварзиро аз ҷониби деҳқонони аврупоӣ бидуни мушкилоти фурӯши маҳсулоти тайёр мусоидат мекунанд. Сиёсати протексионизми аграрӣ ба воридоти ашёи хоми кишоварзӣ бо коркарди минбаъдаи он дар қаламрави ассотсиатсия мусоидат мекунад ва молҳое, ки арзиши изофаи баланд доранд, аллакай ба бозори хориҷӣ содир карда мешаванд» [56, с. 69].

Тавре дар боло қайд гардид, аз соли 2021 сиёсати давлатӣ дар самти рушди содирот ва воридотивазкунӣ дар доираи Барномаи давлатии рушди содирот барои солҳои 2021–2025 марҳилаи нави татбиқи худро оғоз намуд, ки аз ҷумла ба татбиқи тадбирҳо оид ба воридотивазкунӣ дар истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва ашёи хоми дахлдор равона карда шудааст, ҳаҷми умумии истеҳсолот аз ҷиҳати арзиш дар давраи солҳои 2015-2023 қариб 1,8 маротиба афзудааст. Суръати миёнаи солонаи афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 7,2%-ро ташкил дод (ҷадв. 2.4, расми 2.5).

Ҷадвали 2.4. - Индекси маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ (дар тамоми категорияҳои иқтисодиёт бо нархҳои муқоисашаванда соли 2023, бо фоизи соли гузашта)

Нишондиҳандаҳо	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023
Ҳамагӣ:	106,8	104,0	107,1	108,8	106,6	108,0	109,0
аз он ҷумла:							
растанипарварӣ	106,8	107,4	103,4	107,8	108,2	105,9	107,7
чорводорӣ	105,6	105,3	105,7	110,5	108,4	108,7	114,1

Манбаъ: Маҷмуаи омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. - С.175.




Расми 2.5. - Индекси маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ (дар тамоми категорияҳои иқтисодиёт бо нархҳои муқоисашаванда соли 2023, бо фоизи соли гузашта)

Манбаъ: Маҷмуаи омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. - С.175.

Дар маҷмуъ, чунин тамоюли афзояндаи хаттӣ динамикаи истеҳсолотро дар соҳаи кишоварзӣ боэътимод инъикос мекунад. Аммо дар айни замон тағйирёбии солона нишондиҳандаи афзоиши ноустувор аст ва шароити объективии осебпазирии бозори хориҷиро муайян мекунад. Агар мо динамикаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро аз рӯйи категорияҳои хоҷагиҳо таҳлил

кунем, дар ин ҷо бояд қайд кард, ки ҳадди аксар дар бахши ҷамъиятӣ ба даст омадааст ва дар он ҳаҷми истеҳсолот 3,3 маротиба дар соли 2023 нисбат ба соли 2017 афзоиш ёфтааст. Маълумоти расми 2.6 нишон медиҳад, ки суръати афзоиши нишондиҳандаи мазкур дар хоҷагиҳои деҳқонӣ нисбат ба қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ баландтар буда, мутаносибан 1,4 ва 1,2 маротибаро ташкил медиҳад.



Расми 2.6. - Динамика ва сохтори маҳсулоти умумии кишоварзӣ аз рӯйи намудҳои хоҷагидорӣ (млн сомонӣ, бо нархҳои муқоисавии соли 2021)
Манбаъ: дар асоси Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмуаи оморӣ), 2023. - С. 16. ҳисоб карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки дар давраи баррасишаванда суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсолот аз рӯйи арзиш вобаста ба категорияи хоҷагидорӣ фарқ мекард. Аз ҷумла, дар бахши ҷамъиятӣ нишондиҳандаи мазкур ба ҳисоби миёна 8,2 фоиз дар як солро ташкил дода, баландтарин буд. Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) суръати афзоиш ба 6,5 фоиз баробар гардида, дар хоҷагиҳои хонаводагӣ бошад, пасттарин сатҳ - 3,2 фоиз дар як сол ба қайд гирифта шудааст.

Бояд қайд кард, ки дар маҷмуъ, “чунин тамоюли динамикӣ ба қонуниятҳои таҳаввулоти иқтисодиёти рӯ ба тараққӣ мувофиқат мекунад, вақте ки аз хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, ки моҳиятан ғайритиҷоратӣ мебошанд ва

ҳамчун манбаи худтаъминкунии аҳолӣ бо маҳсулоти асосии ғизоӣ хизмат мекунанд, даст кашида мешавад ва инчунин, табдил ёфтани хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мушоҳида мегардад” [93, с. 65].

Субъектҳои ин гурӯҳ асосан фаъолияти тиҷоратӣ дошта, истеҳсоли маҳсулоти озуқавории фармоишӣ ва мутобиқгардонидашударо дар ҳаҷми хурд амалӣ менамоянд. Бар хилофи истеҳсолоти оммавӣ, онҳо ба қонеъ намудани талаботи мушаххаси истеъмолкунандагон ва бозор таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Мутобиқсозии маҳсулот имкон медиҳад, ки арзиши иловашуда тавассути фароҳам овардани хусусиятҳои беназири сифатӣ, функсионалӣ ва маркетингӣ афзоиш ёбад. Ҳамзамон, зиёд намудани ҳиссаи хизматрасониҳо ва технологияҳои истифодашаванда дар таркиби арзиши маҳсулот метавонад ба баланд гардидани рақобатпазирӣ ва арзиши ниҳоии он мусоидат намояд.

Бояд қайд кард, ки дар маҷмуъ, чунин тамоюли динамикӣ: «... ба қонуниятҳои таҳаввулоти иқтисодиёти рӯ ба тараққӣ мувофиқат мекунад, вақте ки аз хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, ки моҳиятан ғайритиҷоратӣ мебошанд ва ҳамчун манбаи худтаъминкунии аҳолӣ бо маҳсулоти асосии ғизоӣ хизмат мекунанд, даст кашида мешаванд ва инчунин табдил ёфтани хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мушоҳида мешавад» [65, с. 198].

Аммо аз тарафи дигар, мутобиқсозӣ метавонад ба коҳиши шиддатнокии фаъолияти кишоварзӣ оварда расонад, зеро усули "кишоварзии органикӣ", аз ҷумла "суперфудҳо", яъне кишоварзӣ, ки танҳо нуриҳои табиӣ (масалан, партовҳои фаъолияти ҳайвоноти кишоварзӣ) - ро барои истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза»[39, с. 95] истифода мебарад, истифода мешавад.


Таваҷҷуҳи рӯзафзун ба кишоварзии органикӣ ва маҳсулоти дорои арзиши баланди ғизоӣ, аз ҷумла «суперфудҳо», имкониятҳои нави рушди бозори озуқавориро фароҳам меорад. Маҳсулоти мазкур бо хусусиятҳои сифатӣ, ғизоӣ ва экологӣ фарқ намуда, метавонад ба афзоиши арзиши бозорӣ ва даромаднокии истеҳсолот мусоидат кунад. Бо вуҷуди ин, рушди ин самт бояд

ба меъёрҳои воқеии экологӣ ва истеҳсолӣ асос ёфта, истифодаи танҳо воситаҳои маркетингӣ барои баланд бардоштани арзиши маҳсулот маҳдуд карда шавад.

Ҳамзамон, рушди занҷираи арзиши агросаноатӣ аз таъмини корхонаҳои коркард бо ашёи хоми ватанӣ вобастагӣ дорад. Ашёи хоми истеҳсоли дохилӣ барои коркарди минбаъда ва истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши иловашуда замина фароҳам оварда, истифодаи самараноки он барои рушди истеҳсолоти дохилӣ, баланд бардоштани иқтидори коркарди маҳсулоти ватанӣ, афзоиши арзиши иловашуда, коҳиш додани вобастагӣ аз воридот ва беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ имконият фароҳам меорад.

“Мақсади рушди ҳар як низоми иқтисодӣ қонеъ гардонидани ниёзҳои ҷомеа мебошад. Барои қонеъ кардани ниёзҳои иқтисодӣ неъматҳое хизмат мекунанд, ки натиҷаи раванди истеҳсолот буда, дар ҳолати барои мубодила пешбинӣ шуданашон ба шакли мол баромад мекунанд. Аз оғози муносибатҳои молӣ-мубодилавӣ иштирокчиёни онҳо масъалаҳои мутобиқати мубодила ва муайян кардани омилҳоеро, ки имкон медиҳанд ҳаҷми сарват афзоиш ёбад, мавриди таваҷҷуҳ қарор медоданд. Бо рушди институтҳои давлатдорӣ, дар баробари манфиатҳои соҳибкории хусусӣ, масъалаҳои макроиқтисодӣ низ объекти таҳқиқи сиёсатмадорон ва олимон гардиданд: таҳлили такрористеҳсоли маҳсулоти умумии ҷамъиятӣ, ташаккули буҷети давлат, инчунин, заминаҳои иқтисодии савдои ҷаҳонӣ” [124, с. 18].

Таҳлили давраи солҳои 2017–2024 нишон медиҳад, ки сохтори истеҳсолоти кишоварзии ҷумҳурӣ тадриҷан тағйир ёфта истодааст. Агар соли 2017 ҳиссаи маҳсулоти растанипарварӣ дар ҳаҷми умумии истеҳсолоти кишоварзӣ тақрибан 71,1 фоизро ташкил дода бошад, соли 2024 он ба қариб 68 фоиз баробар шудааст. Ҳамин тариқ, дар ин давра ҳиссаи растанипарварӣ каме коҳиш ёфта, тағйироти сохторӣ дар самти нисбатан мутавозин гардидани истеҳсолоти кишоварзӣ ба мушоҳида мерасад (расми 2.7).



Расми 2.6. - Сохтори умумии истеҳсолот дар бахши кишоварзӣ, бо фоиз нисбат ба ҳаҷми умумӣ аз рӯйи арзиш

Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. - С.275.

Ташаккули чунин динамика, эҳтимол, аз соли 2019 оғоз гардида, бо тағйирёбии самти тахассусии ташкилотҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ алоқаманд мебошад.

Аз нигоҳи иқтисодӣ ва ғизошиносӣ, сохтори мазкури истеҳсолот ба талаботи ташаккули парҳези мутавозин то андозае мувофиқат мекунад. Бо мақсади таъмини сохтори мутавозини ғизои аҳолӣ, ҳиссаи сабзавот, мева, полезиҳо ва зироатҳои решадор бояд дар сатҳи 50–60 фоиз ва ҳиссаи маҳсулоти чорводорӣ тақрибан 25–30 фоиз муайян карда шавад.

Аз ин ҷиҳат, афзоиши тахассус ба истеҳсоли зироатҳо метавонад ба таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти растанигӣ ва дастгирии саломатии ҷамъиятӣ мусоидат намояд. Бо вуҷуди ин, сохтори истеҳсолот дар байни гурӯҳҳои хоҷагиҳо якхела нест. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар хоҷагиҳои шахсӣ ҳиссаи маҳсулоти чорводорӣ дар ҳаҷми умумии истеҳсолоти кишоварзӣ нисбат ба маҳсулоти растанипарварӣ бештар буда, чунин таносуб мавҷудияти номутавозунии сохториро дар истеҳсолоти кишоварзӣ инъикос менамояд.

Арзёбии динамикаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ифодаи натуралӣ нишон медиҳад, ки ҳарду самти истеҳсолот тамоюли афзоиш доштаанд. Ҳамин тариқ, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар давраи таҳлилшаванда ба ҳисоби миёна солона 3,4 фоиз афзоиш ёфта, суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ ба ҳисоби миёна 6,2 фоизро ташкил додааст. Ин нишондиҳандаҳо дурустии ҳарду фарзияи пешниҳодшударо тасдиқ менамоянд.

Яке аз самтҳои муҳимми сиёсати воридотивазкунӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди истеҳсолоти дохилӣ ва коркарди ашёи хом мебошад. Бо ин мақсад, имтиёзҳои андозию гумрукӣ барои ашёи хоми воридшавандаи истеҳсолӣ пешбинӣ шуда, номгӯйи ашёи хоми истеҳсоли дохилӣ муайян гардидааст. Бо мақсади ҳифзи манфиатҳои иҷтимоии аҳолӣ ва таъмини дастрасии он ба молҳои муҳим, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2018, №287 низоми танзими давлатии нархи молҳои дорои аҳаммияти иҷтимоӣ ҷорӣ гардидааст.

Дар баробари ин, сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва молиявӣ амалӣ карда мешавад. Низоми давлатии дастгирӣ дар маҷмуъ 109 намуди имтиёзро дар бар мегирад, ки аз ҷумла 57 намуд имтиёзҳои андозӣ, 35 намуд имтиёзҳои гумрукӣ ва 17 намуд имтиёзҳои молиявӣ ва грантҳои давлатӣ мебошанд. Дар сохтори умумии механизмҳои дастгирӣ 92 намуд ба шаклҳои молиявӣ ва 17 намуд ба шаклҳои ғайримолиявӣ рост меояд.

Дар баробари ин, ҷиҳати ҳавасмандгардонии истеҳсолоти ватанӣ воридоти як қатор молҳои дорои аҳаммияти стратегӣ аз пардохти боҷҳои гумрукӣ пурра ё қисман озод карда шудааст, ки ҳамчун яке аз воситаҳои дастгирии истеҳсолкунандагони миллӣ истифода мегардад.

Номгӯйи мазкур доираи васеи воситаҳои истеҳсолӣ ва захираҳои барои рушди соҳаҳои иқтисодӣ заруриро дар бар мегирад. Аз ҷумла, таҷҳизоти истеҳсолӣ ва технологӣ, техникаи кишоварзӣ, ашёи хоми корхонаҳои коркард, таҷҳизоту технологияҳои парандапарварӣ ва моҳипарварӣ ва масолеҳи сохтмонии иншооти сайёҳӣ ба он дохил мешаванд. Ҳамчунин, тухмии зироатҳои кишоварзии репродуксияҳои суперэлитаву элита, чорвои зотӣ, хӯроки омехта барои парандаю чорво ва воситаҳои нақлиётии нави автомобилӣ низ ба ин гурӯҳ дохил карда шудаанд.

Дар самти рушди бозори сармоя ва ташаккули занҷираи арзиши ашёи хоми ватанӣ тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ низ пешбинӣ шудаанд. Дар доираи сиёсати давлатии дастгирии фаъолияти иқтисодӣ, барои субъектҳои бозори

коғазҳои қиматнок ва корхонаҳои ба коркарди амиқи нахи пахта то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ машғулбуда имтиёзҳои андозӣ ва тарифию гумрукӣ пешбинӣ шудаанд. Татбиқи чунин механизмҳои дастгирӣ мутобиқи уҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «... дар доираи Созмони умумиҷаҳонии савдо амалӣ гардида, ба баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ, рушди саноати коркард ва тавсеаи иқтидори содиротии кишвар мусоидат менамояд» [7].

Татбиқи тадбирҳои мазкур ба рушди истеҳсолоти чорводорӣ ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти он дар ифодаи натуралӣ мусоидат намуд. Аз ҷумла, истеҳсоли як қатор маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ, ки қаблан талаботи дохилӣ ба онҳо асосан тавассути воридот қонеъ мегардид, афзоиш ёфта, заминаҳои коҳиш додани вобастагӣ аз воридоти чунин маҳсулот фароҳам омад.

Тағйирёбии бозорҳои ҷаҳонӣ аҳаммияти стратегии рушди кишоварзиро ҳамчун омили таҳкими амнияти иқтисодӣ ва озуқавории кишвар боз ҳам бештар менамояд. Бинобар ин, сиёсати барномавии давлатӣ бояд ба таври ҳамгиро рушди соҳаҳои афзалиятнок, тавсеаи истеҳсолоти ватанӣ ва ташаккули низоми устувори таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти асосии озуқавориро таъмин намояд. Дар ин раванд, масъалаи мутавозин намудани сохтори истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ аз ҷониби аҳолӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати рушди кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ арзёбӣ мегардад (ҷадв. 2.5).

Ҷадвали 2.5. - Маълумот дар бораи динамика ва ҳаҷми истеъмоли гурӯҳҳои алоҳидаи хӯрокворӣ аз ҷониби шаҳрвандон

Гурӯҳи маҳсулот	Ҳаҷми воқеии истеъмол, кг дар як сол		Ҳаҷми истеъмоли тавсияшуда, кг дар як сол		Дуршавӣ аз меъёри миёнаи тавсияшаванда, дар %	
	2020	2023	минималӣ	меъёри ҳадди ақал	2020	2023
Маҳсулоти нонӣ	119	116	95	105	19,0	16,0
Картошка	96	86	95	100	-1,5	-11,8
Сабзавот ва полезӣ	102	107	120	140	-21,5	-17,7
Мева ва буттамева	59	61	90	100	-37,9	-35,8
Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ	71	76	70	75	-2,1	4,8
Шир ва маҳсулоти ширӣ	243	240	320	340	-26,4	-27,3
Моҳӣ ва маҳсулоти моҳӣ	25	20	18	22	25,0	0,0
Ҷамъ	715	706	808	882	-15,4	-16,5

Манбаъ: дар асоси омӯзиши меъёрҳои истеъмолӣ ва тавсияшуда тартиб дода шудааст.

Ҳамин тавр, шаҳрвандони ҷумҳурӣ солҳои охир маҳсулоти нониро аз меъёри тавсияшуда хеле зиёдтар истеъмол мекарданд. Натиҷаҳои таҳлил аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар аксари гурӯҳҳои маҳсулоти озуқаворӣ сатҳи воқеии истеъмоли аҳолӣ ба меъёрҳои тавсияшуда ҷавобгӯ нест. Натиҷаҳои таҳлил аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳаҷми миёнаи истеъмоли маҳсулоти гурӯҳҳои таҳлилшаванда нисбат ба меъёрҳои муқарраргардида 15,4 фоиз кам мебошад. Дар соли 2023 ин номувофиқӣ боз 1 фоиз афзоиш ёфта, дар маҷмуъ, дар давоми даҳ соли охир сатҳи истеъмоли маҳсулоти барои ғизои солим аҳаммияти муҳимдошта 1,3 фоиз коҳиш ёфтааст.

Ҳангоми муқоисаи сохтори ғизои аҳолӣ бо меъёрҳои тавсияшудаи истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ маълум мегардад, ки дар байни гурӯҳҳои алоҳидаи маҳсулот номутавозунии назаррас ҷой дорад. Ин ҳолат аз фарқияти байни сатҳи воқеии истеъмол ва сохтори оптималии ғизои тавсияшуда шаҳодат медиҳад. Аз ҷумла, истеъмоли маҳсулоти нонӣ аз меъёри тавсияшуда боло буда, дар муқобил, истеъмоли шир ва маҳсулоти ширӣ ва инчунин, меваю буттамева мутаносибан 5 ва 2, 5 фоиз аз сатҳи меъёрӣ камтар мебошад.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки арзёбии динамикаи воридотивазкунӣ дар соҳаи кишоварзӣ барои муайян намудани натиҷаҳои асосии ин раванд замина фароҳам меорад.

Якум, афзоиши истеҳсоли дохилии маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводорӣ аз мавҷудияти тамоюли мусбат дар рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, муқоисаи нишондиҳандаҳои арзишӣ ва натуралӣ нишон медиҳад, ки суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсолот дар ифодаи натуралӣ нисбатан маҳдудтар мебошад. Фарқи мазкур метавонад бо таъсири тағйирёбии нархҳо ва таваррум, ки боиси афзоиши арзиши номиналии маҳсулоти кишоварзӣ мегардад, шарҳ дода шавад;

- дуюм, татбиқи маҳдудиятҳо нисбат ба воридоти маҳсулоти озуқаворӣ ба рушди истеҳсолоти дохилӣ, махсусан дар соҳаи чорводорӣ, мусоидати назаррас намуд. Дар натиҷаи ин раванд иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ташаккул ёфта, барои иваз намудани қисми маҳсулоти гӯштӣ ва ширии воридотӣ бо маҳсулоти

истеҳсоли дохилӣ имкониятҳои бештар фароҳам омаданд. Ҳамин тариқ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ бо ифодаи натуралӣ нисбат ба маҳсулоти растанипарварӣ суръати баландтар касб намуд. Дар натиҷа, суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар ифодаи натуралӣ нисбат ба маҳсулоти растанипарварӣ баландтар гардид;

- сеюм, таҳлили натиҷаҳои татбиқи чораҳои воридотивазкунӣ дар соҳаи кишоварзӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки натиҷаҳои бадастомада дар самти таҳкими амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ ба гурӯҳҳои асосии маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳамаи ҳадафҳои муайяншуда пурра мутобиқат намекунанд. Дар аксари гурӯҳҳои маҳсулоти озуқаворӣ, ба истиснои нон ва маҳсулоти нонӣ, сатҳи воқеии истеъмоли аҳолӣ аз меъёрҳои тавсияшуда паст боқӣ мемонад.

Бо дарназардошти ин, марҳилаи минбаъдаи сиёсати воридотивазкунӣ дар соҳаи кишоварзӣ бояд, пеш аз ҳама, ба ҳавасмандгардонии истеҳсоли дохилии маҳсулоти ширӣ, меваю буттамева, моҳӣ ва маҳсулоти моҳипарварӣ, инчунин дигар намудҳои маҳсулоти дорои аҳаммияти стратегӣ равона карда шавад. Тадбиқи оқилонаи воридотивазкунӣ ва рушди босуръати комплекси агросаноатӣ аз ҷумлаи муҳимтарин унсурҳои сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат мебошанд.

Аҳаммияти стратегии масъалаи мазкур дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» низ мавриди таъкид қарор гирифта, дар он чунин омадааст, ки «...дар натиҷаи чораҳои андешидаи Ҳукумати кишвар ва меҳнати софдилонаи деҳқонон, сатҳи таъминоти аҳолӣ бо маводи асосии ғизоӣ афзоиш ёфтааст. Дар соли 2023 истеҳсоли ғалла нисбат ба соли 1991 шаш маротиба, аз ҷумла гандум 5,6 маротиба, шолӣ 6,7 маротиба, картошка 10,8 маротиба, сабзавот 9 маротиба, полезиҳо 17,5 маротиба, мева 10 маротиба ва ангур 2 маротиба афзоиш ёфтааст. Таҳлили нишондиҳандаҳои рушди соҳаи чорводорӣ аз густариши иқтидори истеҳсолии он шаҳодат медиҳад. Дар давраи мавриди омӯзиш саршумори чорвои калон 2 баробар

афзоиш ёфта, ба 2,6 миллион сар, чорвои хурд ба 6,6 миллион сар ва паранда ба 12,2 миллион сар расидаанд, ки мутаносибан 2,0 ва 1,9 баробар зиёд шудани онҳоро нисбат ба давраи муқоисавӣ инъикос менамояд.

Рушди истеҳсолоти дохилӣ ба коҳиш ёфтани вобастагии кишвар аз воридоти маҳсулоти чорводорӣ мусоидат кардааст. Аз ҷумла, ҳаҷми воридоти гӯшт дар соли 2023 нисбат ба соли 2014 аз 10,7 ҳазор тонна то 144 тонна коҳиш ёфта, воридоти шир низ дар сатҳи ҳадди ақал нигоҳ дошта шудааст. Ин ҳолат аз баланд гардидани сатҳи худтаъминкунии бозори дохилӣ бо маҳсулоти асосии чорводорӣ шаҳодат медиҳад.

Бо вуҷуди ин, таҳаввулоти бозори ҷаҳонии озуқаворӣ, афзоиши хавфҳои беруна ва болоравии нархи маҳсулоти ғизоӣ зарурати такмили сиёсати давлатӣ дар самти рушди бахши аграрӣ ва маҷмааи агросаноатиро тақвият мебахшанд. Дар ин замина, афзоиши истеҳсолоти рақобатпазири кишоварзӣ, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда ва баланд бардоштани сатҳи амнияти озуқавории кишвар бояд ҳамчун самтҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ арзёбӣ шаванд. Ҳамзамон, дар паёми худ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудан, ки “Бо мақсади ҳифзи амнияти озуқавории кишвар ва афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти худӣ майдони кишти асосӣ ва такрории зироатҳои кишоварзӣ дар масоҳати даҳҳо ҳазор гектар афзоиш дода шуд” [2]

Дар асл, вазифаи баланд бардоштани худтаъминкунии кишвар бо гӯшти гов, шир, сабзавот яке аз афзалиятҳо гузошта шуд. Ҷиҳати рушди истеҳсолоти дохилӣ ва таъмини тадриҷии коҳиши вобастагӣ аз воридоти маҳсулот, воридотивазкунӣ дар Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020 ҳамчун самти стратегии рушди комплекси агросаноатӣ пешбинӣ гардидааст.

Аз ин лиҳоз, «...воридотивазкунӣ омили муҳимми таъмини амнияти миллӣ, яке аз вазифаҳои стратегии комплекси агросаноатии кишвар гардид ва дар айни замон пешбарандаи рушди иқтисодӣ табдил ёфтааст»[29, с.44].

Таҳлили нишондиҳандаҳои соҳаи кишоварзӣ шаҳодат медиҳад, ки дар солҳои охир раванди афзоиши истеҳсолот идома ёфта, дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ аз рӯи як қатор намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ натиҷаҳои назаррас ба даст омадаанд. «... Дар соли 2023 таҳвили маҳсулоти асосии озуқавории ватанӣ дар кишвар ба 85 фоиз расонида шуд, ки нисбат ба соли 1991 2,5 баробар зиёд мебошад. Истеҳсоли картошка (122%), сабзавот (174%), пиёз (527%), сабзӣ (360%), полезиҳо (313%), шир ва гӯшт (ҳар кадоме 100%) аз ниёзҳои истеъмолкунандагон зиёдтар буд. Яъне, имрӯз кишвари мо аз ҳисоби истеҳсоли дохилӣ пурра бо ин намуди озуқаворӣ таъмин аст»[2].

Бо вуҷуди афзоиши истеҳсолоти кишоварзӣ ва беҳтар гардидани таъминоти дохилӣ, масъалаи худтаъминкунӣ аз рӯи баъзе намудҳои маҳсулоти озуқаворӣ ҳанӯз пурра ҳал нашудааст. Аз ҷумла, ҳиссаи маҳсулоти ширӣ ва картошкаи истеҳсоли ватанӣ дар сохтори умумии истеъмол ба сатҳи зарурӣ ҷавобгӯ нест. Илова бар ин, нишондиҳандаҳои худтаъминкунии кишвар аз рӯи сабзавот, мева ва гӯшти гов нисбатан паст буда, ин ҳолат ба сатҳи истеъмоли аҳолӣ низ таъсир мерасонад. Дар натиҷа, истеъмоли як қатор маҳсулоти озуқаворӣ аз меъёрҳои тавсияшудаи оқилонаи тиббӣ камтар боқӣ мемонад.

Мувофиқи арзёбии коршиносон, консепсияи амалкунандаи амнияти озуқаворӣ ба навсозӣ ниёз дорад, аз ҷумла бо назардошти тағйирёбии шароити беруна ва дохилии хоҷагидорӣ. Як мисол набудани меъёрҳои худтаъминкунӣ бо сабзавот, мева ва буттамева ҷузъҳои асосии сабади истеъмолӣ дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ мебошад.

Дар шароити муосир мафҳуми амнияти озуқаворӣ бояд ҳамчун маҷмуи омилҳои иқтисодӣ, истеҳсолӣ ва технологӣ баррасӣ гардад. Он на танҳо сатҳи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоиро дар асоси имкониятҳои дохилӣ ифода мекунад, балки рушди истеҳсоли захираҳои моддию техникии худии маҷмааи агросаноатиро низ дар бар мегирад. Зеро вобастагии соҳаи кишоварзӣ аз воридоти техника, технология ва дигар воситаҳои истеҳсолӣ то ҳол яке аз монеаҳои асосии таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Таҷрибаи татбиқи барномаҳои давлатии рушди КАС нишон медиҳад, ки ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии соҳа ва таҳкими амнияти озуқаворӣ аз рушди заминаи техникию технологии истеҳсолот, ташаккули низоми муосир ва самараноки чорводории зотпарварӣ, такмили корҳои селексионӣ ва таҳкими иқтидори тухмипарварии ватанӣ вобаста мебошад.

Дар ин замина, таъмини соҳаи чорводорӣ бо чорвои ҷавони хушсифати самтҳои ширӣ ва гӯштӣ бо истифода аз иқтидорҳои истеҳсолии дохилӣ дар якҷоягӣ бо воридоти маводи зотӣ таъмин карда мешавад.

Бо вуҷуди тамоюли мусбати афзоиши истеҳсоли гӯшти паранда, таъмини рушди устувори ин самт ҳанӯз ба ҳалли масъалаи вобастагӣ аз маводи зотпарварии воридотӣ алоқаманд мебошад. Махсусан, вобастагии соҳа аз шаклҳои ибтидоии генетикӣ зарурати таҳкими заминаи зотпарварӣ ва захираҳои генетикии дохилиро ба миён меорад. Ин ҳолат зарурати рушди заминаи дохилии селексионӣ ва зотпарвариро тақвият медиҳад.

Масъалаи коҳиш додани вобастагии воридотӣ дар соҳаи тухмипарварӣ низ аҳаммияти хос дорад. Дар сохтори тухмиҳои истифодашаванда барои як қатор зироатҳои кишоварзӣ ҳиссаи тухмии воридотӣ беш аз 50 фоизро ташкил дода, ин ҳолат осебпазирии истеҳсолоти кишоварзиро нисбат ба омилҳои беруна зиёд менамояд. Бо мақсади коҳиш додани вобастагии соҳаи кишоварзӣ аз захираҳои зотию генетикии воридотӣ, дар Барномаи рушди системаи агросаноатӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2023, №54 тасдиқ гардидааст, рушди заминаи дохилии тухмипарварӣ ва чорводории наслӣ ҳамчун самти афзалиятнок пешбинӣ шудааст. Ҳадафи Барнома коҳиш додани вобастагӣ ба воридот тавассути ҷорӣ ва истифодаи технологияҳо барои истеҳсоли тухмии растаниҳои кишоварзии босифат; технологияҳои истеҳсоли маҳсулоти зотпарварӣ; технологияҳои истеҳсоли хӯроки чорво ва иловаҳои хӯроки чорвои босифат; технологияҳои истеҳсоли доруҳои байторӣ ва ғайра мебошад.

Барнома зербарномаҳои дахлдорро таҳия ва тасдиқ мекунад, ташаббусҳоро дастгирӣ ва механизмҳои ҳифзи зотҳои ҳайвонот ва навъҳои растаниҳоро

муқаррар мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зотҳои гуногуни кишоварзии худ машҳур аст. Нигоҳ доштани гуногунии биологии мавҷудаи кишоварзӣ калиди нигоҳдории устуворӣ мебошад. «...Ҳифзи навъҳои растаниҳо ва зоти чорво, аз ҷумла инвентаризатсияи муфассал ва муайян кардани намудҳо ва зотҳои маҳаллӣ, инчунин, таъсиси як бонки муассири генҳо ташвиқ карда мешавад» [6].

Омӯзиши барномаҳои амалкунанда дар соҳаи селексия ва тухмипарварӣ нишон медиҳад, ки бо вуҷуди муайян гардидани самтҳои асосии рушди соҳа, масъалаи коҳиш додани вобастагӣ аз тухмиҳои воридотӣ то ҳол бо нишондиҳандаҳои мушаххаси миқдорӣ ва замонӣ таъмин нашудааст. Яъне, муайян намудани он ки вобастагӣ аз тухмиҳои хориҷӣ дар кадом давра ва то кадом сатҳ бояд коҳиш дода шавад, дар санадҳои барномавӣ ба таври возеҳ инъикос наёфтааст.

Ҳамзамон, дар низоми нишондиҳандаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ меъёрҳои ҳадди худтаъминкунӣ бо тухмиҳои зироатҳои алоҳида, бо дарназардошти рушди навъҳои нави ватанӣ ва имкониятҳои истеҳсолии дохилӣ, пешбинӣ нашудаанд. Дар ин робита, ташаккули низоми самараноки тухмипарварии ватанӣ, муайянсозии нишондиҳандаҳои стратегии худтаъминкунӣ ва рушди иқтидори селексионӣ ҳамчун шартҳои муҳимми таъмини устуворииаграрӣ баромад мекунанд.

Норасоии сармоягузорӣ ҳалли масъалаи воридотивазкуниро бозмедорад ва ба навсозии васеи техникӣ ва технологии КАС имкон намедиҳад. Сарфи назар аз чораҳои андешидашуда барои беҳтар кардани фазои сармоягузории кишвар, сармоягузорӣ ба кишоварзӣ на бештар аз 3 фоизи сармоягузории умумӣ ба иқтисодиёт боқӣ мемонад. Тибқи маълумоти Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид, кишоварзӣ 6 фоизи сармояи умумии сармоя ва 8,5 фоизи қарзҳои умумии ба иқтисодиёт додашударо ташкил медиҳад, ки дар асоси аҳаммияти кишоварзӣ барои иқтисодиёти кишвар чандон зиёд нест.

Мувофиқи таҳлили Бонки Ҷаҳонӣ, сохтори функсионалии хароҷоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки «... хароҷот барои таҳқиқоти

кишоварзӣ ва хизматрасониҳои машваратӣ, идоракунии захираҳои табиӣ, рушди бахшҳои тухмипарварӣ, растанипарварӣ, тадбирҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ, агрология, кишоварзии рақамӣ ва ғайра хеле кам буда, каме бештар аз 1 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва 0,7 фоизи буҷаи солонаи тасдиқшударо ташкил медиҳад ва аз маблағгузории донорҳо (54 фоиз) вобастагии зиёд дорад. Дар ҳоле ки дар дигар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, ба монанди Қафқози Ҷанубӣ ва Узбекистон, хароҷот дар аввали давраи гузариш 10-20 фоизро ташкил медиҳад, сипас ҳар сол устувор мешавад ё кам мешавад» [6].

Яке аз мушкилоти рушди сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ тақсимоти нобаробари захираҳои сармоявӣ байни зерсоҳаҳои алоҳида мебошад. Таҳлили самтҳои ҷалби сармоягузорӣ нишон медиҳад, ки захираҳои асосии молиявӣ бештар ба растанипарварӣ, чорводорӣ ва хизматрасониҳои агротехникӣ равона мешаванд. Ҳамзамон, нобаробарии тақсимоти сармоягузорӣ боиси он мегардад, ки имкониятҳои рушди дигар самтҳои дорои иқтидори иқтисодӣ пурра истифода нашаванд.

Ҷолибияти сармоягузории бахши аграрӣ бо сабаби мавҷудияти як қатор мушкилоти сохторӣ, аз ҷумла нопурра будани равандҳои ислоҳот, парокандагии истеҳсолкунандагон ва номукаммалии механизмҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои соҳа маҳдуд мегардад. Ба роҳ мондани механизми шаффофу самараноки ҳамкории байни субъектҳои истеҳсолӣ, корхонаҳои коркардкунанда ва сармоягузорон яке аз омилҳои муҳимми ҷалби сармояи иловагӣ, таҳкими эътимоди сармоягузорон ва истифодаи самараноки иқтидори сармоягузории соҳа мусоидат намояд.

Вобастагии баланди истеҳсолкунандагони ватанӣ аз техника ва технологияҳои хориҷӣ нигоҳ дошта шудааст. Таҳлили вазъи кунунии соҳаи кишоварзӣ нишон медиҳад, ки масъалаи таъмини мустақилияти истеҳсолӣ аз рӯйи як қатор захираҳои муҳим ҳанӯз пурра ҳал нашудааст. Истеҳсолкунандагони ватанӣ дар самти таъмини худ бо иловаҳои хӯрокворӣ,

воситаҳои ҳифзи растаниҳо, доруҳои байторӣ ва компонентҳои барои саноати хӯрокворӣ зарурӣ то ҳол ба воридот вобастагии назаррас доранд.

Дар баробари ин, иқтидори истеҳсоли маҳсулоти органикӣ, ки метавонад яке аз самтҳои афзалиятноки рушди содироти кишоварзӣ гардад, пурра истифода намешавад. Набудани заминаи кофии истеҳсолӣ ва технологӣ барои рушди ин бахш имкониятҳои васеи ворид шудан ба бозорҳои хориҷиро маҳдуд месозад. Ҳамчунин, вобастагии истеҳсолкунандагони ватанӣ аз техника ва технологияҳои хориҷӣ зарурати тақвияти сиёсати воридотивазкунӣ, рушди истеҳсолоти дохилии воситаҳои истеҳсолӣ ва баланд бардоштани сатҳи технологияи аграриро тақозо менамояд.

«...Механизми татбиқи чораҳои ҳифзи бозори дохилӣ дар замони ҳозира вобаста ба тамоюлҳои нави рушди иқтисоди ҷаҳонӣ хусусияти мураккаб пайдо кардааст. Хусусан барои кишварҳои дар давраи гузариш қарордошта чораҳои ҳифзи бозори дохилӣ ҳамчун механизми муҳимми суръатбахшии рушди иқтисодӣ ва тақвияти мавқеи байналмилалӣ дар бозори ҷаҳонӣ хизмат мекунанд» [21, с. 47].

Сиёсати воридотивазкунӣ бояд ҳамчун воситаи рушди иқтидори истеҳсолии миллӣ баррасӣ гардад. Мақсади он на танҳо таъмини бозори дохилӣ бо молҳои истеҳсоли ватанӣ ва кам намудани вобастагӣ аз воридот мебошад, балки фароҳам овардани шароит барои ташаккули истеҳсолкунандагони рақобатпазири миллӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва баланд бардоштани имкониятҳои содиротии иқтисодиёт мебошад.

Протексионизми аграрӣ дар низоми мазкур ҳамчун яке аз механизмҳои муҳимми дастгирии истеҳсолоти миллӣ баромад мекунад. Бо вуҷуди ин, истифодаи он дар шароити иқтисоди бозорӣ масъалаи мураккаб ва баҳснок буда, зарурати муайян намудани ҳудуд ва самаранокии тадбирҳои ҳимоявиро ба миён меорад.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки раванди воридотивазкунӣ дар комплекси агросаноатӣ ҳанӯз бо як қатор омилҳои маҳдудкунанда рӯ ба рӯ мебошад. Ин омилҳо ба рушди истеҳсолоти дохилӣ, рақобатпазирии

маҳсулоти ватанӣ ва коҳиши вобастагӣ аз воридот таъсири назаррас мерасонанд. Ба ҷумлаи онҳо нокифоя будани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, махсусан маҳсулоти дорои сатҳи баланди коркард, рақобатпазирии пасти баъзе намудҳои маҳсулоти ватанӣ, инчунин заиф будани механизмҳои пешбурд, тақсимот ва муаррифии маҳсулоти истеҳсолкунандагони дохилӣ дохил мешаванд.

Бо мақсади таъмин намудани рушди устувори воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзӣ ва баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии он татбиқи чораҳои зерин муҳим мебошад:

- ташаккули инфрасохтори муосири савдои яклухт ва марказҳои логистикӣ барои беҳтар намудани низоми ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкории хурд дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла тавассути осон намудани дастрасӣ ба қарз, коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ ва васеъ намудани имкониятҳои истифодаи манбаъҳои алтернативии маблағгузорӣ;

- таҳкими муҳити сармоягузорӣ дар соҳаи аграрӣ ва ташаккули низоми самараноки идоракунии хавфҳо бо истифода аз механизмҳои суғуртавӣ ва воситаҳои муосири молиявӣ;

- таъмини истифодаи мақсаднок ва самараноки маблағҳои буҷетӣ ва қарзӣ бо роҳи такмили механизмҳои тақсимоти захираҳои молиявӣ ва афзалият додан ба дастгирии субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи кишоварзӣ;

- такмили заминаи илмӣ, селексионӣ ва генетикии соҳаи кишоварзӣ ва ташкили занҷири устувори истеҳсол ва таъминоти тухмиҳои хушсифат;

- баланд бардоштани сатҳи технологӣ ва рақобатпазирии комплекси агросаноатӣ тавассути таҷдид ва ҷорӣ намудани техникаву технологияҳои нав;

- ташаккули иқтидорҳои муосири коркарди амиқи маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади афзоиши арзиши иловашуда ва рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ;

- рушди инфрасохтори рақамии кишоварзӣ ва ҷорӣ намудани механизмҳои ҳавасмандгардонӣ барои ҷалби мутахассисони технологияҳои иттилоотӣ ба минтақаҳои деҳот.

Татбиқи маҷмуи тадбирҳои пешниҳодшуда метавонад ҳамчун омили муҳимми рушди устувори бахши кишоварзӣ баромад намуда, ба баланд гардидани самаранокии истеҳсолот, таҳкими устувории иқтисодӣ ва беҳтар намудани сатҳи амнияти озуқавории кишвар мусоидат намояд.

Бо мақсади муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи кишоварзӣ дар дурнамои дарозмуддат, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд таҳияи ҳадафҳо ва нишондиҳандаҳои стратегии соҳаро барои давраҳои 5, 10 ва 15-сола ба роҳ монда, татбиқи онҳоро тавассути механизмҳои самараноки маблағгузорӣ таъмин намояд. Дар ин самт зарур аст:

- таҳияи пешгӯиҳои илмӣ асосноки истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ ва озуқаворӣ барои давраҳои гуногуни банақшагирӣ бо дарназардошти талаботи воқеии бозори дохилӣ, тағйирёбии талабот ва зарурати таъмини мутаносиби ҳаҷм ва сифати маҳсулот;

- муайян намудани самтҳои калидии сиёсати воридотивазкунӣ дар бахши аграрӣ, аз ҷумла рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии гармхонагӣ ва мавсимӣ, такмили истеҳсоли техника ва таҷҳизоти кишоварзӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва рушди иқтидори корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;

- муайянсозии самтҳои афзалиятноки комплекси агросаноатӣ барои татбиқи сиёсати воридотивазкунӣ ва муайян намудани соҳаҳое, ки аз нуқтаи назари иқтисодӣ татбиқи чунин сиёсат дар онҳо самаранок нест;

- арзёбии мунтазами самаранокии барномаҳои давлатии рушди кишоварзӣ дар асоси нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва иқтисодӣ бо мақсади муайян намудани таъсири онҳо ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, коҳиши вобастагии иқтисоди миллӣ аз воридоти маҳсулоти кишоварзӣ ва рушди иқтидори содиротии соҳа;

- такмили воситаҳои иқтисодӣ ва молиявӣ бо мақсади коҳиш додани хароҷоти истеҳсол ва арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти истеҳсолкунандагон ва таҳкими рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои дохилию хориҷӣ;

- такмили заминаи истеҳсолӣ ва технологии саноати хӯрокворӣ ва коркарди ашёи хоми кишоварзӣ тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои нав, зиёд намудани дараҷаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ташаккули занҷираҳои арзиши иловашуда ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазиру аз ҷиҳати экологӣ тоза;

- таъмини дастгирии ҳадафманд ба хоҷагиҳо ва корхонаҳои истеҳсолию коркардие, ки ба парвариш ва нигоҳдории чорвои зотӣ машғуланд, бо мақсади баланд бардоштани маҳсулнокии чорводорӣ;

- таҳкими низоми назорати давлатӣ оид ба сифат ва бехатарии маҳсулоти меваю сабзавоти воридотӣ, такмили воситаҳои иқтисодӣ ва маъмурии танзими бозор ва таъмини шаффофияти рақобат бо мақсади ташаккули муҳити рақобатии одилона;

- ташаккули муҳити мусоиди иқтисодӣ ва молиявӣ тавассути истифодаи механизмҳои дастгирӣ ва институтсионалии ҳавасмандгардонӣ барои рушди гулпарварӣ ва дигар самтҳои афзалиятноки кишоварзӣ, ки дорои иқтидори баланди бозорӣ, даромаднокӣ ва имкониятҳои рушди содиротӣ мебошанд;

- такмили механизмҳо ва густариши барномаҳои давлатии дастгирии истеҳсоли шир, маҳсулоти ширӣ, гӯшти гов ва маҳсулоти меваю сабзавот, бо мақсади таъмини навсозии технологии истеҳсолот, истифодаи самараноки захираҳои ашёи хоми ватанӣ ва зиёд намудани арзиши иловашуда дар марҳилаҳои гуногуни занҷираи таъминот.

Иҷрои босамари тадбирҳои мазкур метавонад ба фароҳам овардани заминаи устувор барои модернизатсияи соҳаи кишоварзӣ, баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва рақобатпазирӣ ва таҳкими иқтидори таъминоти бозори дохилӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, рушди истеҳсолоти ватанӣ, коркарди амиқи ашёи хоми кишоварзӣ, воридотивазкунӣ ва тавсеаи

имкониятҳои содиротӣ ба таҳкими мавқеи бахши аграрӣ дар рушди иқтисоди миллӣ мусоидат хоҳад кард.

2.3. Нақши кишоварзӣ дар содирот ва вазъи кунунии самти содиротии соҳа дар ҷумҳурӣ

Бо мақсади рушди иқтидори содиротии кишвар ва фароҳам овардани заминаҳои мусоид барои афзоиши ҳаҷми содирот, Барномаи давлатии рушди содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, №169, тасдиқ гардид: «... ба ташаккули иқтидори содиротии кишвар ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ равона гардидааст. Дар доираи барнома самтҳои афзалиятноки зерин муайян шудаанд: васеъ намудани истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва воридотивазкунанда, коҳиш додани вобастагии бозори истеъмолии дохилӣ аз маҳсулоти воридотӣ, беҳтар намудани шароити сармоягузорӣ, густариши ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ, инчунин рушди инфрасохтори логистикӣ ва коммуникатсионии байналмилалӣ» [5].

Иқтидори содиротии кишоварзӣ, ки бахши асосии комплекси агросаноатии кишвар аст, дар ҳалли ин мушкилот нақши калидӣ мебозад. Дар кишварҳои рӯ ба инкишоф ва дорои сатҳи пасти даромад соҳаи кишоварзӣ ҳамчун яке аз бахшҳои муҳимми иқтисоди миллӣ нақши назаррас дошта, қисми асосии аҳолии қобили меҳнатро бо ҷойи кор таъмин менамояд. Ҳиссаи баланди шуғли аҳолӣ дар кишоварзӣ, ки зиёда аз 62 фоизро ташкил медиҳад, аз хусусияти аграрии сохтори иқтисодии кишвар шаҳодат медиҳад. Дар муқоиса, дар кишварҳои дорои даромади миёна ин нишондиҳанда тақрибан 30 фоиз ва дар кишварҳои саноатӣ ҳамагӣ 4 фоиз аст. Чунин тафовут нишон медиҳад, ки раванди саноатикунонӣ ва диверсификатсияи иқтисод ба коҳиши вобастагии шуғл аз кишоварзӣ ва тағйирёбии сохтори иқтисодӣ мусоидат менамояд. Аз ҷумла, «... дар кишварҳои камбизоат кишоварзӣ манбаи асосии асъори хориҷӣ ва даромад, таъминоти озуқаворӣ ва ҳаётӣ барои ҳиссаи бештари аҳолӣ мебошад» [30, с. 249].

Дар иқтисодиёти кишварҳои дорои самти афзалиятноки кишоварзӣ, фаъолияти тиҷоратӣ ва рушди бозорҳои марбут ба маҳсулоти аграрӣ метавонанд ҳамчун омили муҳимми афзоиши даромад ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ хизмат намоянд. Даромадҳои бадастомада аз ин соҳа барои маблағгузории самтҳои калидии рушди инсон, аз ҷумла соҳаҳои тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ имкониятҳои иловагӣ фароҳам меоранд.

«Имрӯз робитаи зичи иқтисоди аксари кишварҳои рӯ ба инкишоф бо тамоюлҳои ҷараёндоштаи иқтисоди ҷаҳонӣ ва сатҳи баланди ноустувории нархҳои захираҳои энергетикӣ масъалаҳои истифодаи равишҳои муосири сиёсати протексионизмро ҳамчун механизми самараноки ҳифзи бозори дохилӣ мубрам мегардонад. Дар асоси ин, масъалаи омӯзиши тамоюлҳои рушди сиёсати протексионизм дар шароити риояи принсипҳо ва меъёрҳои созишномаҳои бисёрҷонибаи савдо ва ҷустуҷӯи шаклҳои мувофиқтарини татбиқи он аҳаммияти хос пайдо мекунад» [21, с. 26].

Таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии он барои афзоиши даромади аҳолӣ, васеъ намудани имкониятҳои шуғл ва ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати давлатӣ оид ба коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ аҳаммияти калон дорад. Дар бисёр кишварҳои рӯ ба тараққӣ кишоварзӣ ҳамчун яке аз заминаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои рушди инсонӣ баромад мекунад. Дар кишварҳои аграрӣ дар 30 соли охир тақрибан сеяки афзоиши истеҳсолот ба кишоварзӣ рост меояд. Дар кишварҳои мазкур шумораи аҳолӣ тақрибан ба 500 миллион нафар баробар буда, 68 фоизи онҳо дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Ҳамзамон, қисми назарраси аҳолӣ 49 фоиз бо даромади камтар аз 1 доллар дар як рӯз таъмин мебошанд, ки аз сатҳи пасти некуаҳволии иқтисодии аҳолӣ шаҳодат медиҳад.

Дар кишварҳои дорои иқтисоди аграрӣ кишоварзӣ яке аз сарчашмаҳои асосии рушд буда, 32% афзоиши ММД-ро ташкил медиҳад. Аҳаммияти баланди кишоварзӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои рӯ ба тараққӣ асосан ба он вобаста мебошад. Соҳа дар ташаккули ММД, таъмини шуғл ва

даромади аҳолӣ, махсусан дар минтақаҳои деҳот, саҳми назаррас дошта, барои таъмини устувории иқтисодӣ ва иҷтимоӣ замина фароҳам меорад.

Баррасии вазъи аҳолии деҳот аз нуқтаи назари имкониятҳои истеҳсолии кишоварзӣ ва пайвастагии онҳо бо бозорҳои фурӯш нишон медиҳад, ки 61 фоизи аҳолии деҳот дар минтақаҳои дорои потенсиали нисбатан баланди агроэкологӣ ва иқтисодӣ зиндагӣ мекунанд. Мавҷудияти заминҳои обёришаванда, шароити мусоиди иқлимӣ, дастрасии кофӣ ба захираҳои обӣ ва имконияти баромадан ба бозор аз ҷумлаи омилҳои асосии муайянкунандаи иқтидори истеҳсолии ин минтақаҳо ба ҳисоб мераванд. Ҳамзамон, наздикӣ ба марказҳои тиҷоратӣ ва бозорҳои фурӯш барои коҳиш додани хароҷоти интиқол, беҳтар намудани дастрасии истеҳсолкунандагон ба бозор ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти кишоварзӣ аҳаммияти муҳим дорад. Ба гурӯҳи мазкур минтақаҳои дорои иқтидори мусоиди кишоварзӣ ва бозорӣ дохил мешаванд, ки дар онҳо заминҳои обёришаванда, шароити иқлимии намнок ё муътадил намнок мавҷуд буда, дастрасӣ ба наздиктарин маркази тиҷоратии дорои беш аз 5 000 нафар аҳолӣ дар доираи 5 соати роҳ таъмин мегардад.

Яке аз мушкилоти асосии рушди кишоварзӣ дар кишварҳои рӯ ба инкишоф нобаробарии дастрасии аҳолии деҳот ба захираҳои истеҳсолӣ, бозорҳо ва инфрасохтор мебошад. Тақрибан аз се ду ҳиссаи аҳолии деҳот дар минтақаҳои осебпазир ба хушксолӣ ва дорои маҳдудиятҳои бозорӣ ва нақлиётӣ зиндагӣ мекунанд, ки ин имкониятҳои рушди истеҳсолот ва афзоиши даромадро маҳдуд менамояд.

Гуногунрангии сохтори хоҷагидории деҳот дар ҳамзистии хоҷагиҳои калони фермерӣ ва хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ зоҳир мегардад. Дар доираи хоҷагиҳои хурд низ вобаста ба ҳаҷми истеҳсолот, иқтидори захиравӣ ва сатҳи ҳамгироӣ бо бозор гурӯҳҳои гуногунро метавон ҷудо намуд.

Хоҷагиҳои молӣ маҳсулоти изофиро ба бозор пешниҳод карда, аз афзоиши талабот ва тағйирёбии сохтори истеъмолӣ истифода мебаранд. Дар ҳамин ҳол, хоҷагиҳои дорои захираҳои маҳдуд ва дар шароити номусоиди экологӣ қарордошта бештар ба кишоварзии натуралӣ такя мекунанд ва бинобар

истеъмоли қисми зиёди маҳсулоти истеҳсолшуда, дар сохтори муносибатҳои бозорӣ асосан аз ҷониби онҳо талабот ба маҳсулоти озуқаворӣ ташаккул ёфта, ҳамзамон қувваи корӣ пешниҳод карда мешавад. «... Мансубият ба ин ё он гурӯҳ на танҳо аз рӯйи мавҷудияти дороиҳо, балки аз рӯйи қавмият ва мақоми иҷтимоӣ низ муайян карда мешавад, зеро ҳамаи ин қобилияти гуногуни истифодаи ҳамон дороиҳо ва захираҳоро дар посух ба имкониятҳои пайдошуда нишон медиҳанд»[103, с. 8].

Дар раванди рушди таърихии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ташкилотҳои калони кишоварзии дорои хусусияти саноатӣ барои ташаккули заминаҳои истеҳсолӣ ва гузариш ба шаклҳои интенсивии кишоварзӣ нақши муайян доштааст.

Бояд қайд намуд, ки «...дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои бузурги истифоданашуда барои рушди истеҳсоли ватанӣ мавҷуданд. Дар назари аввал чунин менамояд, ки татбиқи амалии стратегияҳои протексионизм ва ивазкунии воридот бо истеҳсоли дохилӣ бо соддагӣ ва ҷолибияти нисбӣ тавсиф мешавад. Тадбирҳои протексионистӣ дар шакли боҷҳои баланди гумрукӣ одатан ҳамчун манбаи пур кардани даромадҳои буҷети давлатӣ баррасӣ карда мешаванд, зеро ҷамъоварии онҳо нисбатан осон ва қулай мебошад» [117, с. 263]

Дар айни замон, дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар, дигаргунсозии саноатии соҳаҳои КАС, аз ҷумла кишоварзӣ ба амал меояд. Дар натиҷа, рушди иқтидори содиротии кишоварзӣ ба назар мерасад. Дар таҳқиқоти мазкур иқтидори содиротии соҳаи кишоварзӣ ҳамчун маҷмуи имкониятҳои истеҳсолӣ, молиявӣ, инфрасохторӣ ва бозории соҳа барои истеҳсол ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ фаҳмида мешавад. Ин иқтидор ҳаҷми имконпазири содиротро дар ифодаи миқдорӣ ва арзишӣ муайян намуда, бо дарназардошти қонеъ намудани талаботи бозори дохилӣ, сифати маҳсулот ва қобилияти рақобатпазирии он дар бозорҳои хориҷӣ арзёбӣ мегардад.

Нокифоя будани истеҳсоли дохилии равғани растанӣ ва баъзе намудҳои маҳсулоти озуқаворӣ боиси нигоҳ доштани вобастагии кишвар аз воридот мегардад. Бо мақсади муайян намудани самтҳои афзалиятноки истеҳсол ва

содироти маҳсулоти кишоварзӣ, онҳоро метавон аз рӯйи сатҳи истеҳсолот, дараҷаи қонеъ намудани талаботи бозори дохилӣ ва имкониятҳои фурӯш тасниф намуд. Ҳамзамон, арзёбии талаботи дохилӣ бояд бо дарназардошти сатҳи даромади аҳолӣ ва қобилияти харидории он анҷом дода шавад. Аз ин лиҳоз "... протексионизми оқилона дар шароити афзоиши вобастагии иқтисоди кишвар аз шокҳои берунӣ барои таъмини амнияти иқтисодии давлат ва мавқеи он дар бозори ҷаҳонӣ аҳаммияти муҳим дорад, ки он метавонад то андозае тақсимоти баробари манфиатҳои савдои озодро байни кишварҳои тараққикарда ва рӯ ба инкишоф таъмин намояд" [21, с. 165].

Гурӯҳи якуми маҳсулот гӯшт, шир, сабзавот, ғалладонаро дар бар мегирад. Ин маҳсулот ба сатҳи оптималии таъминоти аҳолӣ расидаанд ва ҳатто миқдори зиёди содирот ба кишварҳои дигар доранд.

Гурӯҳи дуюмро маҳсулоти кишоварзие ташкил медиҳанд, ки аз ҷиҳати таъмини бозори дохилӣ мавқеи нисбатан устувор дошта, имкониятҳои содиротии онҳо ҳанӯз пурра истифода нашудаанд. Ба ин гурӯҳ сабзавот, мева, пахта ва гӯшт дохил мешаванд.

Иқтидори содиротии чунин маҳсулот танҳо дар сурати рушди мутаносиби инфрасохтори логистикӣ, ташкили марказҳои яклухт ва тақсимотӣ, таҳкими иқтидорҳои нигоҳдорӣ ва коркард ва такмили низоми маркетинг ва пешбурди маҳсулот метавонад ба таври пурра истифода шавад. Дар баробари ин, паст будани ҳосилнокӣ ва хароҷоти баланди интиқол яке аз омилҳои маҳдудкунандаи рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, муайян намудани бозорҳои афзалиятноки содиротӣ бояд дар асоси омӯзиши талабот, монеаҳои воридшавӣ, хароҷоти логистикӣ ва расмиёти гумрукӣ анҷом дода шавад.

"Робитаҳои тиҷоратию иқтисодии байни Чин ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар 10 соли аввали баъди пошхӯрии Шуравӣ ҳанӯз таҳти таъсири инерсияи даврони Шуравӣ буданд. Яъне, Чин зимни инкишофи робитаҳои мазкур хеле эҳтиёткорона муносибат мекард ва ҳар замон кӯшиш мекард, ки мавқеи Федератсияи Россияро маҳдуд намояд" [59, с. 189].

Самаранокии рушди содироти маҳсулоти кишоварзӣ аз сатҳи рушди инфрасохтор ва логистика, осонии гузаштани расмиёти гумрукӣ ва дастрасии истеҳсолкунандагон ба механизмҳои дастгирии давлатӣ вобаста мебошад. Дар доираи сиёсати диверсификатсияи содирот, азхуд намудани бозорҳои нави фурӯш, аз ҷумла бозори Чин, ҳамзамон, бо арзёбии тағйироти талабот ва шароити бозорҳои анъанавии содиротӣ, ҳамчун яке аз самтҳои муҳим арзёбӣ мегардад. «Ҳамкорӣ бо диаспораи тоҷик дар хориҷа ба маъруфияти маҳсулоти аграрии тоҷик мусоидат хоҳад кард. Таҳияи нақшаҳои стратегии маркетингии кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат оид ба фарҳангҳои мушаххас, аз ҷумла баланд бардоштани огоҳии муштариёни хориҷӣ пешбинӣ шудааст»[6]. Ин барнома, инчунин, субсидияи хароҷоти нақлиётро барои ҳама намудҳои нақлиёт, ба истиснои ҳамлу нақли ҳавоӣ, пешбинӣ мекунад.

“Вақте ки Ҷумҳурии Мардумии Чин якчанд сол пеш бо мушкилоти буҳрони ҷаҳонии молиявӣ рӯ ба рӯ шуд ва ҳаҷми савдои хориҷӣ дар ин кишвар коҳиш ёфт, роҳбарияти кишвар ба тарғиби фаъолонаи ташаббуси «Камарбанд ва роҳ» ҳамчун яке аз роҳҳои халосӣ аз вазъи бавуҷудомада шуруъ кард. Чин барои таҳким бахшидани имконоти иқтисоди миллӣ, рушди савдои хориҷӣ ва афзун намудани канори худ ба ташаббуси «Камарбанд ва роҳ» ниёз дорад. Ин аст, ки Чин мақсаднок ба кишварҳои Осиёи Марказӣ маблағҳои калонро сармоягузорӣ мекунад” [44, с. 10]

Яке аз самтҳои афзалиятноки Барнома ҳавасмандгардонии содироти маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва маҳсулоти озуқаворӣ тавассути фароҳам овардани шароити мусоиди содиротӣ ва бартараф намудани монеаҳои сунъӣ мебошад. Барои таҳкими мавқеи маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои байналмилалӣ такмили низоми пайгирии маҳсулот дар тамоми марҳилаҳои занҷираи истеҳсолу таъминот, аз истеҳсолкунанда то истеъмолкунанда, аҳаммияти муҳим дорад.

Таҳкими иқтидори илмӣ, технологӣ ва инноватсионии соҳаи кишоварзӣ ҳамчун заминаи асосии навсозии истеҳсолот ва баланд бардоштани рақобатпазирии он баромад менамояд. Бо ин мақсад, рушди селексия ва

генетикаи ватанӣ, афзоиши истеҳсоли тухмии хушсифат, тақвияти иқтидори илмӣ-таҳқиқотӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосири кишоварзии дақиқ, органикӣ ва хокнигоҳдор бояд таъмин карда шавад. Ин раванд барои коҳиши вобастагӣ аз технологияҳои хориҷӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва рушди иқтидори содиротии маҳсулоти кишоварзӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Пахта яке аз маҳсулоти стратегии кишоварзӣ ва унсури муҳимми иқтидори содиротии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати пахта метавонад заминаи асосии тавсеаи имкониятҳои содиротии онро ташкил диҳад. Дар ин замина, вилояти Хатлон, ки беш аз нисфи пахтаи хоми кишвар дар он истеҳсол мешавад, дорои имкониятҳои назарраси истеҳсолӣ мебошад. Хусусан, шароити агроиқлимии водии Вахш барои парвариши пахтаи баландсифат мусоид арзёбӣ мегардад.

Соли 2024 Аз Тоҷикистон ба зиёда аз 26 кишвари хориҷӣ маҳсулоти кишоварзӣ содир карда шуд. Аз маҳсулоти кишоварзии содиротӣ 85 фоиз ба кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва 15 фоиз ба давлатҳои хориҷи дур рост меояд. Соли 2024 268,3 ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзӣ ба маблағи 226,7 миллион доллар содир карда шуд.

Мувофиқи таҳлил, аз маҳсулоти содиротӣ нахи пахта 100,5 ҳазор тонна, сабзавот 30,8 ҳазор тонна (аз ҷумла пиёз 29,2 ҳазор тонна), мева 40,1 ҳазор тонна (аз ҷумла ангур 23,7 ҳазор тонна), меваҳои хушк 90,1 ҳазор тонна ва дигар намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ 6,8 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. Дар доираи сиёсати таъмини амнияти озуқавории кишвар ва рушди истеҳсолоти кишоварзии ватанӣ, нишондиҳандаҳои истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар соли 2024 мавриди таҳлил қарор дода мешаванд. Натиҷаҳои таҳлил аз рӯйи намудҳои алоҳидаи маҳсулот чунин мебошанд, аз ҷумла: ғалладона ба 179,0 кг, картошка ба 123,7 кг, сабзавот ва полезӣ ба 434,1 кг, мева ва буттамева ба 108,9 кг, гӯшт (дар вазни зинда) 40,7 кг, шир 115,2 кг, тухм - 123,9 дона, аҳаммияти калон дорад. Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда дар соли 2024 истеҳсоли картошка аз талабот 134 фоиз,

сабзавот 2,4 маротиба, пиёз 5,5 маротиба, сабзӣ 3,6 маротиба, харбуза 3,7 маротиба, гӯшт ва шир 100 фоиз зиёд шуд.

Дар маҷмуъ, содироти маҳсулоти кишоварзӣ аз Тоҷикистон дар соли 2024 ба 56,7 миллион доллар расид, ки нисбат ба соли қаблӣ 18% афзоишро нишон медиҳад. Аммо, ҳаҷми воқеии онҳо метавонад бештар бошад, зеро баъзе интиқолҳо тавассути кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё интиқол дода мешаванд ва дар омори онҳо дохил карда шудаанд. Сарфи назар аз афзоиши содироти мева ва меваҳои хушк, интиқоли сабзавот ба таври назаррас коҳиш ёфтааст, ки аз мушкилоти логистикӣ ва рақобати бозор шаҳодат медиҳад.

Ба ақидаи директори Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти расмӣ тасвири пурраи содиротро инъикос намекунад. Ба гуфтаи ӯ, бисёре аз содиркунандагони тоҷик интиқоли маҳсулотро тавассути кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё барои коҳиш додани боҷҳои гумрукӣ авлотар медонанд. Дар натиҷа, молҳо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун маҳсулоти давлатҳои дигар ба қайд гирифта мешаванд. Тибқи арзёбии коршиносон, ҳаҷми воқеии интиқол метавонад аз 100 миллион доллар зиёд бошад.

«Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё як шакли ҳамгироии тиҷоратию иқтисодии тарафҳо ба ҳисоб рафта, ҳудуди ягонаи гумрукиро пешбинӣ карда, дар доираи он боҷҳои гумрукӣ, танзими ғайритарифӣ, чораҳои махсуси муҳофизатӣ, зиддидемпингӣ, ҷубронӣ татбиқ карда намешаванд ва тарифи ягонаи гумрукӣ амал мекунад. Ин раванд имкон медиҳад, ки муҳлати фиристодани мол хеле кӯтоҳ, нархи мол дастрас, сифати мол хуб ва харидорони зиёд дошта бошад. Дар баробари ин, ба инкишофи муносибатҳои савдои берунӣ мусоидат мекунад» [67, с. 197].

Дар ин ҳолат сохтори содирот динамикаи гуногунро нишон медиҳад. Соли 2024 содироти сабзавот 51% коҳиш ёфта, 30,9 ҳазор тоннаро ба маблағи 3,5 миллион доллар дар муқоиса бо 60,7 ҳазор тонна (6,3 миллион доллар) дар як соли пеш ташкил дод. Махсусан, интиқоли пиёз зарар дид, ки қариб ду баробар кам шуд. Дар айни замон, содироти мева аз рӯйи ҳаҷм 44,8% ва аз рӯйи

арзиш 57,1% афзоиш ёфт. Афзоиши назаррасӣ ангур нишон дод содироти он аз рӯйи ҳаҷм 140% ва аз рӯйи арзиш 130% афзоиш ёфт. Дар сегменти меваҳои хушк низ динамикаи мусбат қайд карда мешавад: содирот ба 90 ҳазор тонна ба маблағи 31,6 миллион доллар расид, ки нисбат ба соли 2023 8,1% зиёд аст.

Дар байни мушкилоти асосии боздоштани содирот, норасоии инфрасохтори логистикӣ, мушкилоти транзитӣ ва коркарди нокифояи маҳсулот барҷастаанд. Дар Тоҷикистон марказҳои калони ҷамъоварӣ ва нигоҳдории ҳосил мавҷуд нестанд. Ин интиқоли молҳои зудвайроншавандаро душвор мегардонад. «Набудани қарорҳои муосири бастабандӣ ва тамғаҳои молӣ рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзиро низ коҳиш медиҳад. Ҳалли ин мушкилот имкон медиҳад, ки таъминоти содиротӣ афзоиш ёбад ва мавқеи Тоҷикистон дар тиҷорати ҷаҳонӣ мустаҳкам карда шавад. Барои ин зарур аст, ки марказҳои логистикӣ инкишоф дода шаванд, технологияҳои коркард ҷорӣ карда шаванд ва дастгирии деҳқонон васеъ карда шавад» [16].

«Содироти маҳсулоти кишоварзӣ аз Тоҷикистон ба Россия дар моҳҳои январ – сентябри соли 2024 беш аз 30% афзоиш ёфтааст. Тоҷикистон, аз ҷумла, интиқоли нахи пахтаро 62%, меваву сабзавотро 47%, меваҳои хушкро 60% афзоиш додааст. Зардолуи хушк ду маротиба содирот шудааст. Ҳиссаи молҳои агросаноатӣ дар ҳаҷми умумии тавозуни савдои хориҷии ду кишвар зиеда аз 70% - ро ташкил медиҳад» [13].

Гузашта аз ин, ҷумҳурӣ ба афзоиши содирот манфиатдор аст ва метавонад маҳсулоти гуногуни кишоварзиро пешниҳод кунад. Дар он ҳамчунин мехоҳанд, ки таъминотро гуногунранг кунанд, ки ин боиси фаъол шудани ҳамкорӣ дар ин самт мегардад. Таъсиси корхонаи муштарак бо мақсади ба низом даровардани занҷирҳои комплексии истеҳсолӣ-логистикии содироти маҳсулоти кишоварзӣ на танҳо ба Федератсияи Россия, рушди имкониятҳои содиротии истеҳсолкунандагони ватанӣ тавассути фароҳам овардани каналҳои устувори фурӯш дар бозорҳои хориҷӣ, таъмини мутобиқати маҳсулот ба стандартҳои байналмилалӣ ва коҳиш додани хароҷоти содиротиро пешбинӣ менамояд. Дар айни замон, Тоҷикистон бо дастрасӣ ба тухмиҳо, ниҳолҳо ва

маводи ниҳолшинонӣ мушкилот дорад. Россия, аз ҷумла, бо таъмини тухмиҳои баландсифат, барои бартараф кардани ин мушкилот мусоидат мекунад.

«Барои беҳтар намудани вазъи содиротии кишвар баробари зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва муътадил нигоҳ доштани арзиши аслии он, масъалаҳои дигари ҳалталаб хеле зиёданд. Ба меъёру стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ набудани сифати маҳсулот ва бандубаст, таваҷҷуҳи нокифоя ба низоми маркетинг ва менеҷмент, дараҷаи пасти ҷалби бахши хусусӣ ва пешгӯии аз ҳад некбинонаи умедворӣ аз сармоягузории хориҷӣ» [97, с. 117].

Ҳамкорӣ бо Тоҷикистон яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии Россия ва фаъолияти байнипарлумонӣ мебошад. Махсусан муваффақиятҳо дар гардиши мол ба назар мерасанд. Нишондиҳандаҳои омори савдои хориҷӣ шаҳодат медиҳанд, ки муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон ва Россия дар соли 2024 рушди мусбатро нигоҳ доштаанд. Аз ҷумла, ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ дар давоми ҳашт моҳи соли мазкур ба зиёда аз 1,2 миллиард доллари ИМА баробар шуда, дар муқоиса бо давраи мушобеҳи соли гузашта 14,3 фоиз зиёд шудааст. Россия имрӯз бузургтарин шарики тиҷоратии ҷумҳурӣ боқӣ мемонад.

«Ҳамкориҳои байналмилалии гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси як қатор Созишномаҳои байниҳукуматии дуҷониба ва бисёрҷонибаи баимзорасида ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ба амал бароварда мешавад» [51, с. 376]

Иқтидори содиротии соҳаи меваю сабзавоти ҷумҳурӣ яке аз самтҳои муҳимми рушди аграрӣ ба ҳисоб меравад. Афзалияти асосии ин бахш дар мавҷудияти захираҳои дохилии истеҳсолӣ, таҷрибаи бисёрсолаи хоҷагиҳои кишоварзӣ, имкониятҳои истеҳсолӣ ва логистикии ташаккулёфта, инчунин мавҷудияти бозорҳои анъанавии фурӯш дар кишварҳои ҳамсояи фазои пасошӯравӣ ифода меёбад.

Бояд қайд кард, ки дар ҷаҳон танҳо чанд ҷой бо шароити монанд мавҷуданд - Чили, Туркия ва Калифорния (ИМА). «Миқдори микроэлементҳои муҳим, аз қабили шакар, фруктоза, кислотаи аскорбин ва дигар моддаҳои

муфид дар мева аз маҳсулоти шабеҳи дигар минтақаҳо ба таври назаррас зиёдтар аст. Ғайр аз таъми худ, арзиши маҳсулоти растанӣ дар муқоиса бо дигар кишварҳо, ба монанди содиркунандаи асосӣ - Иёлоти Муттаҳида, ки дар он ҷо арзиши истеҳсоли картошка, сабзӣ, карам ва харбуза 5-6 маротиба ва парвариши помидор 10 маротиба гаронтар аст, паст боқӣ мемонад» [9].

Ин омилҳо яке аз бартариҳои рақобатии маҳсулоти меваву сабзавоти ватанӣ ба ҳисоб мераванд. Имрӯз бахши меваву сабзавоти кишвар босуръат ва динамики рушд мекунад. Тоҷикистон имкониятҳои назаррас барои коҳиш додани харочоти истеҳсолӣ тавассути баланд бардоштани ҳосилнокии меваю сабзавот, истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва заминӣ, аз қабили заминҳои азхуднашуда ва майдонҳое, ки барои истеҳсоли меваю сабзавот озод карда шудаанд, тавассути кам кардани майдонҳои пахта ва ғалладонагиҳо мебошад.

Муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди иқтидори содиротӣ таҳлили тамоми занҷираи арзиши маҳсулоти меваю сабзавот ва ошкор намудани захираҳои камистифодашаванда, инчунин арзёбии имкониятҳои истифодаи самараноки онҳоро дар равандҳои истеҳсол, коркард, логистика ва содирот баҳодиҳӣ карда шаванд. Мушкилот ва камбудиҳои умумӣ, ки ташаккули занҷири истеҳсолӣ-фурӯшро душвор мекунанд ва мувофиқан афзоиши имкониятҳои содиротӣ инҳоянд:

1. Дар истеҳсолот:

- истифодаи ғайримантиқӣ ва бесамари захираҳои табиӣ;
- назорати қатъии мақомоти давлатӣ;
- вобастагӣ аз воридоти тухмӣ ва нуриҳо;
- таҷрибаи нокифоя ва дониши деҳқонон дар агротехнологияи муосир;
- сатҳи пасти назорати сифат;
- хатари баланди бемориҳои растанӣ ва зарари ҳашарот.

Ҳангоми коркарди маҳсулот:

- тарҳрезии корхонаҳои коркард бе дарназардошти талаботи санитарӣ-гигиенӣ;
- бартарии принсипи сарфакорӣ ба ҷойи афзалияти сифат.

3. Ҳангоми интиқол ва нигоҳдорӣ (логистика):

- нокифоя будани иқтидори анборҳо ва таҷҳизоти муосири хунуккунии маҳсулоти тару тоза;

- сатҳи пасти рушди низоми логистикӣ;

- норасоии воситаҳои нақлиёти махсусгардонидашуда, вагонҳои яхдондор ва контейнерҳои мувофиқ.

4. Дар самти савдо ва рушди содирот:

- норасоии инфрасохтори муосири логистикӣ ва иқтидорҳои махсус барои нигоҳдорӣ, коркард ва интиқоли маҳсулоти меваю сабзавот;

- нокифоя будани донишу малакаи субъектҳои истеҳсолӣ ва содиротӣ дар самти таҳлили бозорҳои хориҷӣ, арзёбии конъюнктура ва муайян намудани имкониятҳои нави содиротӣ;

- номукаммал будани мутобиқати маҳсулоти ватанӣ ба стандартҳои байналмилалии сифат ва бехатарӣ;

- вобастагии баланд аз харидорони анъанавии хориҷӣ ва мавҷудияти ҳолатҳои монопсония дар бозорҳои содиротӣ.

Аз ин рӯ, дар марҳилаи нави рушди кишоварзӣ ва бахши меваю сабзавоти он, ҳалли мушкилоти дар боло зикршуда зарур аст.

Тақвияти рушди кишоварзӣ ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти аграрӣ барои ташаккули иқтидори устувори содиротӣ, афзоиши рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва таҳкими рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар аҳаммияти стратегӣ дорад. Иқтидори агроиқтисодии ҷумҳурӣ иқтидори парвариши зироатҳои органикӣ ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро дар бар мегирад. Аз ин иқтидори мавҷуда ҳатто нисфи он истифода нашудааст.

Таҳқиқи ин консепсия дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ барои ҳалли масъалаҳои афзалиятноки соҳаи кишоварзӣ, коҳиш додани вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти озуқаворӣ ва ташаккули мавқеи рақобатпазири кишвар дар бозори байналмилалии маҳсулоти органикӣ аҳаммияти муҳим дорад. Рушди содироти маҳсулоти кишоварзӣ тақозо менамояд, ки мафҳуми «иқтидори

содиротӣ» аз нигоҳи иқтисодӣ дақиқ муайян гардида, омилҳои асосии ташаккул ва истифодаи самараноки он асоснок карда шаванд.

Иқтидори содиротии кишвар бо қобилияти истеҳсолкунандагон барои баровардани маҳсулоти рақобатпазир ба бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ алоқаманд мебошад. Дар доираи васеътар, ин мафҳум имкониятҳои мавҷудаи кишвар ва минтақаҳои онро барои истифодаи самараноки захираҳо ва ташкили истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда дар бар мегирад. Ба андешаи М. Сейфуллоев ва В. Капицин, «... иқтидори содиротии минтақа ин заминаи захиравӣ ва ашёи хом ва ҳолати умумии рушди иқтисодии қаламрави мушаххас мебошад, ки аз ҷониби рушди илмӣ – техникӣ, технологӣ, саноатӣ, иҷтимоию иқтисодӣ таъмин карда мешавад» [10].


Дар ташаккули иқтидори содиротии кишоварзии минтақа як қатор ҷузъҳои муҳим нақши калидӣ доранд, ки сохтор ва таркиби онҳо дар расми 2.6 нишон дода шудааст.



Расми 2. 6. - Ҷузъҳои иқтидори содиротии соҳаҳои минтақа
Коркарди муаллиф

Истифодаи самараноки иқтидори содиротии соҳаи кишоварзӣ метавонад ба марҳилаи сифатан нави рушди комплекси агросаноатӣ замина гузорад. Самти содиротии истеҳсолот дар шароити муосир яке аз воситаҳои асосии модернизатсияи технологӣ, афзоиши самаранокии фаъолияти иқтисодӣ ва густариши рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

Баррасии назарияҳои муосири кушодагии иқтисодӣ ва ҷаҳонишавӣ дар якҷоягӣ бо таҳлили осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ имкон медиҳад, ки заминаҳои назариявию объективии ташаккули модели самараноки содиротмеҳвари бозори маҳсулоти кишоварзӣ муайян карда шаванд. Ин раванд зарурати истифодаи васеи иқтидори содиротии соҳаи кишоварзиро ҳамчун воситаи таъмини рушди устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирии бозори аграрӣ асоснок менамояд (расми 2.7).



Расми 2.7. - Асосноккунии имконпазирӣ ва дурнамои самти содиротии кишоварзӣ [69, с. 61]

«…Рушди тиҷорати байналмилалии маҳсулоти озуқаворӣ ва ашёи хоми кишоварзӣ дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодиёти ҷаҳонии кишоварзӣ ба кишварҳо (минтақаҳо) имкон медиҳад, ки тавассути амиқтар кардани тахассус аз иқтидори захиравии мавҷуда самараноктар истифода баранд, ҳаҷми истеҳсол ва содироти маҳсулоти озуқавориро афзоиш диҳанд, ки бешубҳа, ба афзоиши некуаҳволии аҳолӣ ва таҳкими мавқеъ дар бозори ҷаҳонии кишоварзӣ мусоидат мекунад» [113, с. 13].

Тақвияти иқтидори содиротии кишоварзӣ аз такмили сиёсати давлатӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодию институтсионалӣ оғоз мегардад. Самтҳои асосии он бояд модернизатсияи корхонаҳои истеҳсолӣ ва коркард, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ, рушди инфрасохтори нигоҳдорӣ ва логистика, таъмини сифати баланди маҳсулот ва диверсификатсияи бозорҳои содиротиро дар бар гиранд.

Дар баробари ин, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти нави содиротӣ бо арзиши иловашудаи баланд, ташкили низоми муосири логистикӣ ва тақсимоти маҳсулот, коҳиши маҳдудиятҳои тиҷоратӣ ва васеъ намудани ҳузури маҳсулоти кишоварзии ватанӣ дар бозорҳои мақсаднок бояд ҳамчун самтҳои афзалиятнок муайян карда шаванд. Барои ин ташаккули низоми ҳамоҳангшудаи маркетинг, брендинг ва пешбурди маҳсулоти аграрӣ дар сатҳи байналмилалӣ низ зарур аст.

«Боиси тазаккур аст, ки содирот ҳамчун қисми таркибии асосии савдои хориҷӣ дар таъмини гуногуншаклии истеҳсоли молу маҳсулот ва хизматрасониҳои ватанӣ ва рақобатпазирии онҳо нақши стратегӣ дорад. Ҳамчунон, рушди савдои хориҷӣ, бахусус фаъолияти савдои хориҷии субъектҳои содиротӣ ба яке аз ҳадафҳои стратегӣ ва афзалиятноки кишварҳо, бо мақсади рушди иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани нуфузи кишварҳо дар рейтингҳои байналмилалӣ табдил ёфтааст» [95, с. 86].

Ба ҷорӣ намудани технологияҳои навтарин дар тамоми соҳаҳои комплекси агросаноатӣ бо истифода аз комбайнҳои сермаҳсул, технологияҳои дақиқи кишоварзӣ ва ғайра бояд диққати ҷиддӣ дода шавад. Истифодаи технологияҳои дақиқи кишоварзӣ омили асосии рақобатпазирии

истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори ҷаҳонӣ мегардад. Кишварҳои Осиё ба сифати маҳсулоти кишоварзии воридотӣ талаботи баланд мегузоранд, ки ин аз содиркунандагони маҳсулоти кишоварзӣ талаб мекунад, ки ба раванди сертификатсия диққати бештар диҳанд.

БОБИ 3. МУКАММАЛГАРДОНИИ СИЁСАТИ ПРОТЕКСИОНИСТИИ ДАВЛАТ ДАР ВОРИДОТИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

3.1. Муаммоҳои фаъолгардонии сиёсати институтсионалии протексионизм ва роҳҳои ҳалли он дар вориди маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити ҷаҳонишавии босуръати иқтисодӣ ва тағйирёбии муназзами равандҳои бозорӣ, сиёсати протексионизм ҳамчун як механизми муҳим ва стратегӣ барои ҳимояи манфиатҳои миллии кишвар ва тақвияти истеҳсолоти дохилӣ нақши калидӣ ва асосиро бозида истодааст. Ҷаҳонишавӣ боиси ворид шудани молу маҳсулоти бо сифати баланд ва нархи рақобатпазир ба бозорҳои миллӣ гардидааст, ки ин имконоти нав ва ҳамзамон таҳдидҳои ҷиддӣ барои иқтисодҳои хурду миёна ва бахусус бахши кишоварзӣ дар кишварҳои рӯ ба инкишоф ба ҳисоб меравад.

Соҳаи кишоварзӣ яке аз бахшҳои калидии иқтисодиёти Тоҷикистон буда, дар таъмини амнияти озуқаворӣ, фароҳам овардани имкониятҳои шуғл ва таҳкими иқтидори иқтисодии кишвар аҳаммияти стратегӣ дорад. Маҳз ҳамин бахш барои Тоҷикистон ҳамчун давлати аграрӣ ва дар ҳолати тағйироти иқтисодӣ аҳаммияти беназир дорад. Вале воридоти беш аз ҳадди маҳсулоти кишоварзӣ, махсусан бо нархи арзон ва сифати паст, таҳдиди ҷиддӣ ва мустақим ба истеҳсолкунандагони маҳаллӣ ба вуҷуд меорад, ки ин боиси коҳиши сатҳи истеҳсолоти дохилӣ ва заифшавии иқтидори рақобатпазирии бахш мегардад.

Дар чунин шароит сиёсати протексионистӣ бояд ҳамчун василаи муҳим ва муассир барои ҳифзи истеҳсолоти ватанӣ, махсусан маҳсулоти кишоварзӣ, фаъол гардонида шавад, то ки бо роҳи ҷорӣ намудани чораҳои танзимӣ ва муҳофизатӣ истеҳсолкунандагон тавонанд дар бозори дохилӣ бо молу маҳсулоти воридотӣ рақобат кунанд ва иқтисоди миллӣ устувор ва босуръат рушд намояд.

Аммо татбиқи сиёсати муҳофизатӣ дар Тоҷикистон бо миқдори зиёди мушкилоти ҷиддӣ ва мушкилӣ рӯ ба рӯ мебошад. Яке аз мушкилоти аслии ин раванд ин камбуди инфрасохтори институтсионалӣ мебошад. Ин инфрасохтор бояд ба таври муассир ва самаранок танзим ва назорати воридоти маҳсулотро ба зимма гирад, вале дар асл дар Тоҷикистон чунин системаи ташкилёфта ва мукаммал вуҷуд надорад. Набудани ниҳодҳои мустақил, салоҳиятдор ва муташаккил барои татбиқи сиёсати протексионизм низ ба рушди самараноки он монеа эҷод мекунад. Ҳолати ноустувории қонунгузорӣ, танзими маъмурӣ ва набудани ҳамоҳангии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ, ки ҳар кадом ба таври ҷудогона амал мекунанд, инчунин норасоии стратегияи ягона ва ҳамоҳангшудаи протексионистӣ, сабабгори таъсири манфӣ ва нобаробарии чорабиниҳо мегардад. Дар ин ҳолат нақшаҳои ҷудогонаи идоракунӣ самараи ками амалӣ мешаванд, ки ин ба заифшавии иқтидори ҳифзи бозори дохилӣ ва ворид шудани маҳсулоти пастсифат бо нархҳои арзон мусоидат мекунад.

Илова бар ин, Тоҷикистон ҳамчун узви Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва дигар созмонҳои байналмилалӣ ба уҳдадориҳои муайян мутобиқ мешавад, ки доираи истифодаи чораҳои протексионистиро маҳдуд месозад. Дар чунин шароит барои Тоҷикистон ҳамчун кишвари рӯ ба тараққӣ масъалаи ташаккули сиёсати мутавозини савдо, ки ҳамзамон ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалиро таъмин намояд, аҳаммияти хос пайдо мекунад.

Боз як мушкилоти ҷиддӣ ин сатҳи баланди фасод ва ноустувории идоракунии давлатӣ мебошад, ки ба суст шудани самаранокии татбиқи протексионизм сабаб мешавад. Вориди молҳои арзон ва баъзан пастсифат, бахусус тавассути каналҳои ғайрирасмӣ яке аз омилҳои маҳдудкунандаи рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ мебошад. Чунин вазъ метавонад боиси коҳиши талабот ба маҳсулоти дохилӣ, маҳдуд гардидани ҳаҷми истеҳсолот ва заиф шудани мавқеи истеҳсолкунандагони кишоварзӣ дар бозор гардад. Дар натиҷа, вобастагӣ аз воридот афзоиш ёфта, барои таъмини устувори амнияти озуқавории кишвар хавфҳои иловагӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳарчанд

имконоти зиёде барои рушди кишоварзӣ ва баланд бардоштани иқтидори истеҳсолкунандагон вуҷуд дорад, аммо набудани механизмҳои самарабахши ҳифзи бозор ва дастгирии муассир ин раванди рушди устуворро бозмедорад.

Барои ҳалли ин мушкилот зарур аст, ки аввалан заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ бо ҷиддият ва мутобиқ ба талаботи муосир тақвият дода шавад. Таҳияи қонунҳои мукаммал, равшан ва муосир оид ба танзими воридот ва ҳифзи бозори дохилӣ бояд дар маркази диққат қарор гирифта, барои амалӣ кардани сиёсати протексионизм ҳамчун як афзалият қабул шавад. Иҷрои ин қонунҳо бояд тавассути таъсиси ниҳодҳои мустақил ва салоҳиятдор бо шаффофият ва масъулияти баланд таъмин гардад. Барои таъмини рақобати одилона дар бозори дохилӣ зарур аст, ки ин ниҳодҳо бо ваколат, захира ва механизмҳои муассири назоратӣ таъмин карда шаванд. Ин имконият медиҳад, ки воридоти маҳсулот мунтазам мониторинг гардида, воридоти маҳсулоти пастсифат ва ғайриқонунӣ пешгирӣ карда шавад ва дар ҳолати зарурӣ чораҳои иқтисодӣ ва маъмурии ҳифзи истеҳсолоти ватанӣ татбиқ гарданд.

“... Ҳангоми татбиқи стратегияи воридотивазкунии озуқаворӣ ҳукумат бояд чораҳои муайяни протексионистӣ, ки ба уҳдадориҳои дар доираи созишномаҳои байналмилалӣ гирифташуда мувофиқанд, амалӣ намояд. Дар баробари ин, чунин тадбирҳо набояд боиси паст шудани сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ нисбат ба ҳамин намуди истеҳсоли хориҷӣ шаванд. Ҳамзамон, ҳукумат бояд талаботи истеъмолкунандагони дохилиро ба маҳсулоти ватанӣ ҳавасманд гардонад ва агар лозим ояд, ки онро ба маҳсулоти ивазкунанда равона созад, агар имконияти истеҳсол барои баъзе маҳсулот бошад.” [57, с. 181].

“... Иловаи муҳимми инноватсионӣ ба низоми муосири воситаҳои воридотивазкунӣ дар КАС низоми ягонаи шартномавӣ мебошад, ки ба низомдарориву якхелакунии равандҳои татбиқи шартномаҳои давлатӣ оид ба харид, ки ба фондҳои асосии молистеҳсолкунандагони агросаноатӣ муносибат доранд, имкон медиҳад. Ин, ҳамзамон, ба муносибгардонии тақсимоти маблағҳои буҷети тамоми сатҳҳо мусоидат менамояд ва назорати самараноки

давлатиро аз болои вазъи молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ меафзояд” [85, с. 458].

Дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ, ки яке аз рукнҳои муҳимми сиёсати протексионистӣ мебошад, бояд бештар ва ба таври систематикӣ амалӣ гардад. Баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ истифодаи маҷмуи воситаҳои дастгирии давлатиро тақозо менамояд. Ба ин воситаҳо қарзҳои имтиёзнок, субсидияҳо, сабукиҳои андозӣ ва дигар шаклҳои ҳавасмандгардонии молиявӣ дохил шуда, онҳо барои навсозии таҷҳизот, афзоиши иқтидори истеҳсолӣ ва беҳтар намудани сифати маҳсулот замина фароҳам меоранд. Дар баробари ин, таҳкими мавқеи маҳсулоти ватанӣ тавассути брендинг, тамғаҳои махсус ва баланд бардоштани огоҳии истеъмолкунандагон бояд ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати давлатӣ амалӣ гардад. Ин амалҳо на танҳо талаботро ба маҳсулоти дохилӣ зиёд мекунанд, балки ба паст шудани воридоти маҳсулоти пастсифат мусоидат мекунанд.

“Яке аз масъалаҳои муҳимми методологии истифодаи квотаи миқдории воридотӣ - ин муайян намудани ҳаҷми талаботи дохилӣ ва ҳиссаи истеҳсолоти ватанӣ дар истеъмоли он мебошад, ки ба таври дақиқ муайян накардани он ба ғайрисамаранокии чораи мазкур сабаб мегардад” [74, с. 309].

Ҳамзамон, дар ҳамоҳангӣ бо уҳдадориҳои байналмилалӣ ва бо дарназардошти принсипҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо бояд мавқеи миллии Тоҷикистон дар масъалаи танзими воридоти маҳсулот бо таври ҷиддӣ ва стратегӣ дида баромада шавад. Дар шароити густариши равандҳои ҷаҳонишавӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ истифодаи маҷмуи воситаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва дипломатӣ дар доираи меъёрҳо ва уҳдадориҳои байналмилалӣ мебошад. Дар баробари ин, таҳкими назорати давлатӣ аз болои сифату бехатарии маҳсулоти воридотӣ, таъмини мутобиқати онҳо ба талаботи фитосанитарӣ ва стандартҳои байналмилалӣ, инчунин, ташаккули низоми шаффофу самараноки сертификатсия барои таъмини рақобати одилона, ҳифзи бозори миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ зарур

мебошад. Ин чораҳо, ҳамчунин, ба баланд бардоштани эътибори маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ мусоидат мекунанд.

Ташаккули низоми самараноки институтсионалии танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ бояд ба ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони дохилӣ, таъмини рақобати одилона ва рушди устувори истеҳсолоти миллӣ равона гардида, ҳамчун қисми муҳимми механизми танзими давлатии иқтисодиёт истифода шавад. Ин равиш имкон медиҳад, ки бозори дохилӣ ҳифз гардида, рақобатпазирии истеҳсолкунандагони миллӣ баланд бардошта шавад, вобастагӣ аз воридот коҳиш ёбад ва заминаҳои зарурӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди устувори соҳаи аграрӣ фароҳам оварда шаванд. Танҳо тавассути таҳкими ниҳодҳои дахлдор, мустаҳкамсозии заминаи ҳуқуқӣ, ташаккули механизми идоракунии ҳамоҳангшуда ва дастгирии доимии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ метавон ба натиҷаҳои дилхоҳ ва устувор даст ёфт ва бозори кишоварзиро аз таъсири манфии рақобати ғайримусоиди хориҷӣ эмин нигоҳ дошт.

Ин равиш барои таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар бозорҳои байналмилалӣ, рушди иқтидори кишоварзӣ ва афзоиши рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Ҳамзамон, он ба таҳкими амнияти озуқаворӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд.

“Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва рушди равандҳои бозорӣ, сиёсати протексионизм ҳамчун василаи муҳим барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таҳкими истеҳсолоти дохилӣ нақши калидӣ мебозад” [24, с. 245]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахши кишоварзӣ яке аз соҳаҳои асосӣ буда, барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди иқтисоди миллӣ нақши муҳиме дорад. Аммо воридоти беш аз ҳадди маҳсулоти кишоварзӣ бо нархи арзон ва сифати паст таҳдиди ҷиддӣ барои истеҳсолкунандагони маҳаллӣ эҷод мекунад. Дар ин шароит сиёсати протексионистӣ бояд барои ҳифзи истеҳсолоти ватанӣ, ба вижа маҳсулоти кишоварзӣ фаъол гардонида шавад.

Аммо татбиқи ин сиёсати муҳофизатӣ дар Тоҷикистон бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ мебошад. “Яке аз мушкилоти асосӣ камбуди инфрасохтори институтсионалӣ аст, ки наметавонад ба таври муассир танзим ва назорати воридоти маҳсулотро ба зимма гирад”. Ҳолати ноустувории қонунгузорӣ ва танзими маъмурӣ, инчунин, набудани ниҳодҳои мустақил ва муташаккил барои амалӣ кардани сиёсати протексионизм, дар амалӣ шудани он монеа эҷод мекунад. Танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ бо зарурати ҳамоҳанг намудани манфиатҳои ҳифзи истеҳсолоти дохилӣ бо талаботи низоми савдои байналмилалӣ алоқаманд мебошад. Аз ин рӯ, чораҳои протексионистӣ бояд дар доираи меъёрҳо ва уҳдадориҳои байналмилалии кишвар татбиқ карда шаванд. Аз ин рӯ, барои Тоҷикистон ҳамчун кишвари рӯ ба тараққӣ масъалаи ташаккули сиёсати мутавозини савдо, ки ҳамзамон, ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалиро таъмин намояд, аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Дар давраи муосир, ки “рақобати ҷаҳонӣ ҳар рӯз шадидтар мешавад, рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти бештар пайдо мекунад” [110, с. 17]. Бо дарназардошти аҳаммияти стратегӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии соҳаи кишоварзӣ, татбиқи сиёсати протексионистӣ бояд аз доираи маҳдуд намудани воридоти маҳсулоти хориҷӣ берун рафта, ба таъмини муҳити рақобатии одилона ва таҳкими мавқеи истеҳсолкунандагони ватанӣ равона карда шавад. Дар ин замина, протексионизм метавонад ҳамчун воситаи мувозинатбахш барои баробарсозии имкониятҳои рақобатӣ, дастгирии истеҳсолоти дохилӣ ва рушди устувори бахши аграрӣ хизмат намояд.

“Барои ҳалли мушкилот зарур аст, ки аввалан заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ тақвият дода шавад. Таҳияи қонунҳои мукаммал ва муосир дар бораи танзими воридот ва ҳифзи бозори дохилӣ бояд ба авлавият табдил ёбад. Иҷрои ин қонунҳо тавассути таъсиси ниҳодҳои салоҳиятдор ва мустақил таъмин гардад” [112, с. 120]. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии сиёсати протексионистӣ зарур аст, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин самт

дар доираи механизми ягонаи ҳамоҳангсозӣ ба роҳ монда шавад. Ташкили сохтори муттаҳидшудаи институтсионалӣ барои мониторинг, таҳлил, арзёбии таъсири чораҳои ҳифзӣ ва ҳамоҳангсозии тадбирҳои давлатӣ метавонад ба баланд бардоштани самаранокии сиёсати мазкур мусоидат намояд. Бояд қайд намуд, ки "маблағгузорӣ дар соҳаи кишоварзии деҳотро ба роҳ монда, аз ин раванд метавонем ба пуррагї талаботи бозори дохила ва берунаро қонеъ гардонем. Чӣ тавре дар боло ишора намудем, имрӯзҳо қисме аз заминҳои мо дар ҳоли бекорхобӣ ва ё аз фаъолияти истеҳсолӣ боз мондаанд" [84, с. 58].

Дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ низ нақши муҳимеро мебозад. Ин дастгирӣ метавонад бо роҳи пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, субсидияҳо ва имтиёзҳои андозӣ таъмин гардад. Ғайр аз он, "тарғибу ташвиқи маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон тавассути эҷоди тамғаҳои махсус ва афзун намудани сатҳи огоҳии истеъмолкунандагон аз сифати маҳсулоти ватанӣ муҳим аст" [116, с. 48].

Дар баробари такмили заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, бояд ба масъалаи таҳкими потенсиали инсонӣ низ таваҷҷуҳ дода шавад. Омӯзиши кадрҳои баландихтисос дар бахши танзими сиёсати протексионизм ва омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ барои кормандони ниҳодҳои марбут аҳаммияти калон дорад. Ин ба афзоиши малака ва самаранокии идоракунӣ мусоидат мекунад ва имкон медиҳад, ки чораҳои ҳимоявӣ дар муҳити мураккаби бозори ҷаҳонӣ босамар татбиқ шаванд.

Ҳамчунин, зарур аст, ки аҳолӣ ва бахусус истеҳсолкунандагони маҳаллӣ бо манфиатҳои протексионизм ва роҳҳои ҳифзи худ шинос гарданд. "Ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои истеҳсолкунанда ба муҳокима ва қабули қарорҳо боиси тақвияти масъулият ва шаффофият мегардад. Илова бар ин, тавассути чунин ҳамкорӣ, сиёсати протексионистӣ метавонад бештар ба ниёзҳои воқеии соҳа мутобиқ гардад ва таъсири мусбат расонад" [99, с. 54].

Дар доираи стратегияи инкишофи иқтисоди миллӣ, ки барои солҳои наздик таҳия шудааст, бояд ба фаъолгардонии чораҳои протексионистӣ таваҷҷуҳ ва дастгирии бештар дода шавад. Ин амалҳо бояд ҳамзамон бо

таҷдиди сиёсати савдои хориҷӣ ва ҳамкории байналмилалӣ сурат гиранд, то Тоҷикистон тавонад дар шароити тағйирёбии бозори ҷаҳонӣ мавқеи устуворро нигоҳ дорад.

“Сиёсати савдои хориҷӣ вобаста ба вазъи иқтисоди миллии кишвар метавонад хусусияти ҳавасмандгардонии ҳаҷми содирот ва маҳдуд кардани ҳаҷми воридотро дошта бошад. Дар ин ҳолат, одатан, дар бораи сиёсати протексионизм, яъне ҳифзи истеҳсолкунандагони миллӣ аз таъсири рақибони хориҷӣ сухан меравад. Агар кишвар ба васеъ намудани ҳаҷми бозори миллӣ ва либерализатсияи амалиёти савдои хориҷӣ манфиатдор бошад, дар ин сурат, сухан дар бораи сиёсати фритредерӣ (савдои озод) меравад. Дар ҳар сурат, татбиқи сиёсати савдои хориҷӣ бояд ба самтҳои асосии ҳадафноки рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мутобиқ бошад” [117, с. 172]

Аз нуқтаи назари рушди устувори бахши аграрӣ, сиёсати институтсионалии протексионизм дар самти танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ метавонад ҳамчун механизми муҳимми дастгирии истеҳсолоти миллӣ ва танзими бозори дохилӣ истифода шавад. Самаранокии чунин сиёсат аз ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти давлатӣ, асоснокии иқтисодии чораҳои ҳифзӣ, шаффофияти механизмҳои татбиқ ва мутобиқати онҳо ба уҳдадориҳои байналмилалии кишвар вобаста мебошад. “Равандҳои иваз кардани маҳсулоти воридотӣ дар бозори озуқаворӣ бо баландшавии нархҳо, коҳиши талаботи истеъмолкунандагон ва паст шудани истеъмоли миёнаи ҳар сари шахс ҳамроҳ мешаванд. Дар шароити коҳиш ёфтани қобилияти харидории аҳолӣ, зарурати дастгирии буҷетии васеъмиқёси соҳаи кишоварзӣ зери шубҳа қарор мегирад. Барои баҳогузорӣ ба сатҳи амнияти озуқаворӣ лозим аст на ҳиссаи воридот дар захираҳои озуқаворӣ, балки нишондиҳандаҳои дастрасии иқтисодии озуқаворӣ барои аҳолӣ истифода бурда шаванд” [60, с. 296].

Таъмини тавозун миёни ҳифзи истеҳсолоти миллӣ ва иштироки Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсати аграрӣ ба шумор меравад. Дар ин раванд, чораҳои протексионистӣ бояд ҳамчун воситаи иловагии дастгирии

истеҳсолкунандагони ватанӣ истифода шуда, бо тадбирҳои рушди технологӣ, беҳтар намудани сифати маҳсулот ва такмили сиёсати маркетингӣ муттаҳид карда шаванд.

Дар ин раванд, рушди инфрасохтор, аз ҷумла, роҳҳои интиқол, анборҳо ва марказҳои коркарди маҳсулот нақши муҳим мебозад. “Зеро маҳдудиятҳои мавҷуд дар ин бахшҳо метавонанд ба сустшавии рақобатпазирии маҳсулоти дохилӣ таъсир расонанд ва нақши протексионизмро камсамара гардонанд” [53, с. 18].

Илова бар ин, бояд иқдомҳо барои ворид намудани системаҳои стандартгузорӣ ва сертификатсия дар бахши кишоварзӣ ба роҳ монда шаванд, ки ин барои беҳтар кардани эътимоднокии маҳсулот ва ҷалби бозори дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат мекунад. Инчунин, истифодаи усулҳои нави ташвиқот ва брендинг метавонад ба афзуншавии талабот ба маҳсулоти ватанӣ ва коҳиши воридоти маҳсулоти пастсифат кумак расонад.

Ҳамзамон, зарур аст, ки сиёсати протексионизм бо дигар самтҳои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ҳамоҳанг карда шавад, то ки таъсири манфии он ба истеъмолкунандагон ва иқтисоди умумӣ маҳдуд шавад. Барои ин таҳлили таъсири чораҳои протексионистӣ ба нархи маҳсулот ва сифати он, инчунин, баррасии имкони истифодаи захираҳои иловагии ҳукуматӣ барои коҳиши таъсири манфӣ муҳим аст.

Дар ҷамъбаст, фаъолгардонии сиёсати институтсионалии протексионизм дар бахши воридоти маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо масъалаи муҳофизати истеҳсолоти маҳаллӣ, балки ҷузъи муҳимми барномаи умумии рушди иқтисодӣ мебошад. Самаранокии татбиқи сиёсати мазкур аз сатҳи рушди заминаҳои ҳуқуқию институтсионалӣ, мавҷудияти механизмҳои самараноки дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои марбута ва баланд бардоштани донишҳои иқтисодии аҳолӣ вобаста мебошад. Маҳз ин омилҳо метавонанд барои ташаккули муҳити мусоиди иқтисодӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии соҳа замина фароҳам оваранд.

Дар оянда барои рушди устувори бахши кишоварзӣ ва ҳифзи истеҳсолоти миллӣ таваҷҷуҳ ба тавсеаи ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ низ зарур аст. Тоҷикистон метавонад бо кишварҳои ҳамсоя ва шарикони иқтисодии худ дар самтҳои мубодилаи технология, таҷрибаи идоракунӣ ва ташкили бозорҳои муштарак ҳамкорӣ намояд. Ин ҳамкорӣ метавонад на танҳо сифати маҳсулотро беҳтар кунад, балки имкониятҳои воридшавии маҳсулоти ватаниро ба бозорҳои хориҷӣ васеъ намояд.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии сиёсати протексионистӣ ва таъмини назорати натиҷаҳои татбиқи он, ташаккули механизми ягонаи мониторинг ва баҳодиҳӣ мувофиқи мақсад мебошад. Ин механизм бояд имкон фароҳам оварад, ки таъсири чораҳои протексионистӣ ба ҳаҷми истеҳсолоти дохилӣ, рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ, сатҳи воридот ва ҳолати бозори дохилӣ мунтазам арзёбӣ карда шавад. Чунин низом имкон медиҳад, ки таъсири чораҳои андешидашуда мунтазам таҳлил гардида, самтҳои такмили минбаъдаи сиёсат муайян карда шаванд. Ин барнома бояд натиҷаҳои татбиқи чораҳои муҳофизатиро ба таври мунтазам таҳлил намуда, пешниҳодҳои такмилӣ пешниҳод намояд.

Дар доираи сиёсати протексионистӣ риояи таносуби манфиатҳои истеҳсолкунандагон, истеъмолкунандагон ва давлат аҳаммияти калидӣ дошта, интихоби воситаҳои танзим бояд ба таъмини рушди устувори истеҳсолоти миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои иҷтимоии аҳолӣ равона карда шавад. Ин кор метавонад бо ҷалби васеи ҷомеа, ташкилотҳои касбӣ ва коршиносон дар муҳокимаи сиёсати иқтисодӣ ба даст ояд.

“Амалӣ намудани сиёсати иқтисодии давлат дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, боэътимод таъмин намудани аҳолии мамлакат бо маводи озуқа, рушди комплекси агросаноатӣ ва таъҷилан эътино кардан ба хатарҳои беруна ва дохилии бозори озуқа, иштироки самарабахш дар ҳамкории байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ, зарурати таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи Барномаи амнияти озуқавориро (дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028 минбаъд Барнома) талаб

менамуд, ки ниҳоят барномаи мазкур таҳия гардида, аз ҷониби ҳукумат қобили қабул дониста шуд ва мавриди татбиқ қарор гирифта истодааст” [19, с, 17].

Муаммоҳои фаъолгардонии сиёсати институтсионалии протексионизм дар бахши воридоти маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мушкилоти институтсионалӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ алоқаманданд. Барои ҳаллу фасли онҳо тақвияти заминаҳои ҳуқуқӣ, тақвияти ниҳодҳои марбут, баланд бардоштани малакаи кадрҳо, дастгирии истеҳсолкунандагон ва ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо зарур аст. Илова бар ин, чораҳои протексионистӣ бояд дар контексти ҳамкориҳои байналмилалӣ ва таҳкими инфрасохтори соҳа татбиқ шаванд. Танҳо дар сурати татбиқи маҷмуи тадбирҳои иқтисодӣ, технологӣ ва институтсионалӣ метавон рақобатпазирии соҳаи кишоварзиро дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ баланд бардошта, устувории низоми таъминоти озуқаворию кишварро таъмин намуд.

Пеш аз ҳама, татбиқи сиёсати протексионизм бояд дар доираи барномаи миллии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ба роҳ монда шуда, ҳадафҳои стратегӣ, вазифаҳои афзалиятнок ва нишондиҳандаҳои мушаххаси натиҷавӣ барои арзёбии самаранокии чораҳои ҳифзӣ муайян карда шаванд. Ин барнома бояд дорои нақшаи амалӣ ва ҷадвали иҷрои дақиқ бо муайян кардани масъулияти мақомоти дахлдор бошад, то ҳар як қадам ва чорабинӣ дар доираи он равшан ва мушаххас бошад. Муайян намудани нишондиҳандаҳои аниқ ва устувор, мисли афзоиши ҳиссаи маҳсулоти дохилӣ дар бозори миллӣ, коҳиши воридоти маҳсулоти нисбатан рақобатнопазир ва пастсифат, инчунин, баланд бардоштани сатҳи даромади фермерон ва истеҳсолкунандагони кишоварзӣ имконият медиҳад, ки натиҷаҳои сиёсати протексионизм ба таври возеҳ арзёбӣ шаванд ва дар сурати зарурат тағйироти коркардашуда ва ислоҳот ба роҳ монда шаванд. Ин равиш кафолат медиҳад, ки сиёсати муҳофизатӣ ҳамзамон бо ҳадафҳои миллии рушди соҳа мутобиқ шуда, таъсири мусбат ва устувор дошта бошад.

Дуюм, ташаккули ниҳодҳои муташаккил ва салоҳиятнок барои амалӣ кардани сиёсати протексионизм, аз ҷумла, ниҳодҳои танзимкунанда ва

мониторингӣ яке аз омилҳои муҳим ва бунёдӣ ба шумор меравад. Масалан, таъсиси Агентии махсуси танзими воридот ва ҳифзи истеҳсолот метавонад ҳамчун маркази ягона барои назорат ва танзими воридоти маҳсулот амал намуда, муомилоти ғайриқонуниро пешгирӣ кунад ва дар ҳамоҳангӣ бо дигар ниҳодҳои давлатӣ фаъолияти худро ҷараён диҳад. Ин ниҳод бояд бо истифода аз технологияҳои муосир, аз ҷумла, системаҳои рақамӣ ва платформаҳои иттилоотӣ муҷаҳҳаз гардад, то маълумотҳо дар вақти воқеӣ дастрас ва таҳлил карда шаванд. Бо ҷорӣ намудани чунин механизмҳои пешрафта ва шаффоф, бахши кишоварзӣ метавонад бо воридоти маҳсулоти пастсифат, қалбакӣ ва номатлуб бо усули муассир мубориза барад ва имкони ҳифзи бозори дохилӣ ва истеҳсолкунандагонро таъмин намояд.

Сеюм, ташвиқи истифодаи технологияҳои нави истеҳсолӣ ва самаранокии истифодаи замин, инчунин, дастгирии омӯзиши фермерон ва истеҳсолкунандагон барои баланд бардоштани сифати маҳсулот ва афзоиши истеҳсолот аз омилҳои асосӣ мебошанд. Ба ин маънӣ, бояд барномаҳои таълимӣ ва тренингҳои касбӣ бо иштироки мутахассисони ватанӣ ва байналмилалӣ, ҳамчунин, ташкили курсҳо ва семинарҳои амалӣ барои фермерон ва коргарони соҳаи кишоварзӣ доир шаванд. Истифодаи технологияи нав ба фермерон имконият медиҳад, ки на танҳо ҳаҷми истеҳсолотро зиёд намоянд, балки сифати маҳсулоти кишоварзиро ба сатҳи баланди байналмилалӣ бардоранд. Ҳамзамон, дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҷдиди таҷҳизоти кишоварзӣ, истифодаи усулҳои агротехникии муосир ва муҳити зистсозӣ метавонад иқтидори истеҳсолии бахши кишоварзиро дарозмуддат устувор ва рақобатпазир созад.

“Инкишофи равандҳои инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии кишвар дар даврaҳои гуногун ба воситаи талаботҳои истеҳсолот, мавҷудияти захираҳои моддӣ-техникӣ, дастовардҳои прогрессивии илму техника ва таҷрибаи пешқадами истеҳсолӣ муайян карда мешавад. Вазифаҳои дар истеҳсолот амалигардонии таҳқиқоти илмталаби бо дараҷаҳои гуногуни интенсивӣ ва натиҷанокро ҷузъҳои ба фаъолияти татбиқнамоӣ машғулбудаи

мақомотҳои идоракунии давлатии комплекси агросаноатӣ, низомҳои илмӣ-истеҳсолӣ ва истеҳсолӣ-илмӣ, марказҳои ҷумҳуриявии таъминоти илмӣ, институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва мактабҳои олии соҳавӣ, хоҷагиҳои таҷрибавӣ-истеҳсолї ва илмӣ-таҷрибавӣ баррасӣ менамоянд” [37, с. 12].

Чорум, барқарорсозии системаи дастгирии молиявӣ ва маблағгузорӣ, аз ҷумла, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, субсидияҳои мақсаднок ва имтиёзҳои андозӣ барои истеҳсолкунандагон бояд ба таври равшан, шаффоф ва бо дарназардошти талаботи воқеии бахш амалӣ шавад. Таъмини дастрасии фермерон ва корхонаҳои кишоварзӣ ба маблағҳои қарзӣ бо шартҳои қулай, мисли фоизҳои паст, муҳлати дароз ва мутобиқ ба вазъи иқтисодӣ имкон медиҳад, ки онҳо таҷҳизот, техника ва маводи заруриро харидорӣ намоянд ва иқтидори истеҳсолиро ба таври назаррас васеъ кунанд. Барои ин зарур аст, ки низоми қарздиҳӣ ва тақсими субсидияҳо шаффоф, муассир ва бидуни бюрократия бошад, то маблағҳо дар дасти воқеии ниёзмандон ва шахсони салоҳиятдор қарор гиранд.

Панҷум, татбиқи стратегияи муназзами коммуникатсионӣ ва маркетингӣ, ки тавассути он маҳсулоти кишоварзии миллӣ ба таври васеъ тарғиб ва пазируфта шавад, вазифаи муҳимми сиёсати протексионизм мебошад. Созмони маъракаҳои иттилоотӣ, баргузории ярмаркаҳо ва намоишгоҳҳои маҳаллӣ ва байналмилалӣ, таъсиси брендҳои миллии маҳсулот ва сертификатсияҳои сифат ба ҷалби диққати истеъмолкунандагон ва баланд бардоштани эътибори маҳсулоти ватанӣ мусоидат мекунад. Илова бар ин, истифодаи васоити ахбори омма ва платформаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ метавонад маърифати истеъмолкунандагонро дар бораи бартариҳои маҳсулоти ватанӣ ва таъсири мусбати дастгирии истеҳсолот афзоиш диҳад ва талабот ба маҳсулоти дохилӣ дар бозорро баланд бардорад.

Шашум, ба масъалаи рушди инфрасохтор таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардан лозим аст. Инфрасохтори муосир ва босифат, аз ҷумла, роҳҳои нақлиётӣ, анборҳои нигоҳдории маҳсулот, корхонаҳои коркард, марказҳои логистика ва тақсимот, шароити мусоид барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзиро

фароҳам меоранд. Бо беҳтар шудани инфрасохтори техникӣ ва логистикӣ самаранокии истеҳсолот ва расонидани маҳсулот ба бозорҳо зиёд мегардад, ки ин боиси баландшавии рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ мегардад. Ҳамчунин, рушди инфрасохтори муассир имконият медиҳад, ки миқёси истеҳсолот васеъ шуда, маҳсулот дар ҳолати хуб ва тару тоза ба истеъмолкунанда расонида шавад.

Ҳамчунин, сиёсати протексионизм бояд бо дигар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва рушди устувор ҳамоҳанг карда шавад, то таъсири манфии эҳтимолии он ба нарх ва сифати маҳсулот ба истеъмолкунандагон коҳиш ёбад. Барои ин зарур аст, ки таҳлили систематикии таъсири чораҳои протексионистӣ гузаронида шуда, барномаҳои мувозинаткунандаи кумак ва дастгирӣ таҳия ва амалӣ гарданд, ки ҳамзамон ниёзҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҳамаи субъектҳои иқтисодӣ дар назар гирифта шаванд.

Таъмини иштироки фарогири ҷонибҳои манфиатдор метавонад яке аз воситаҳои муҳимми арзёбӣ ва такмили сиёсати протексионистӣ бошад. Ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, мутахассисони соҳавӣ ва намояндагони бахши хусусӣ дар таҳия ва татбиқи қарорҳои сиёсӣ баланд бардошта шавад. Ҷалби чунин субъектҳо ба раванди идоракунӣ барои таъмини шаффофият, асоснокии қарорҳо ва мутобиқсозии чораҳои дастгирӣ ба талаботи воқеии иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Иштироки васеи ҷонибҳои манфиатдор дар таҳия ва амалиётҳои протексионизм кафолати рушди устувор ва бомуваффақияти соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон хоҳад буд.

Дар заминаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва шиддати рақобат дар бозорҳои байналмилалӣ, сиёсати институтсионалии протексионизм барои ҳифзи истеҳсолоти ватанӣ, бахусус бахши муҳимми кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши муассир дорад. Воридоти маҳсулоти арзон ва сифати паст таҳдидҳои ҷиддиро барои истеҳсолкунандагони дохилӣ эҷод мекунад, ки бе татбиқи чораҳои самараноки протексионистӣ метавонанд ба коҳиши сифати маҳсулот ва паст шудани сатҳи даромадҳо оварда расонанд.

Барои ҳалли ин мушкилот зарур аст, ки сиёсати протексионизм дар доираи барномаи миллии рушд бо вазифаҳо ва нишондиҳандаҳои равшан амалӣ гардад. Ташкили ниҳодҳои муташаккил ва муҷаҳҳаз бо технологияи нав, дастгирии молиявӣ ва техникавӣ, татбиқи стратегияи маркетингӣ, инчунин, беҳбуди инфрасохтор ва ҳамоҳангсозии чораҳо бо дигар соҳаҳои иқтисодӣ метавонанд самаранокии ин сиёсати муҳимро таъмин намоянд.

Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор ба муҳокима ва қабули қарорҳои давлатӣ на танҳо ба таҳкими принсипҳои шаффофият ва иштироки ҷамъиятӣ мусоидат мекунад, балки барои ташаккули эътимоди устувори аҳолӣ ба сиёсати давлатӣ ва тақвияти мавқеи истеҳсолоти ватанӣ низ замина фароҳам меорад. Танҳо бо ин роҳ Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад рушди устуворро дар бахши кишоварзӣ таъмин намуда, амнияти озуқаворию миллиро пойдор созад ва бозори дохилиро аз таъсири манфии рақобати ғайримусоид эмин нигоҳ дорад.

Дар ин замина, таҳлили пешгӯии ҳаҷми воридоти озуқаворӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Бо мақсади таҳқиқи хусусияти вобастагии иқтисодиёти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз воридоти маҳсулоти аграрӣ ва ошкор намудани тамоюлҳои асосии рушди равандҳои воридотӣ дар давраи мавриди омӯзиш, таҳлили сохторӣ ва динамикии ҳаҷми воридоти гурӯҳҳои асосии молҳо дар асоси маълумоти оморӣ гузаронида шуд. Натиҷаҳои таҳлил дар ҷадвали 3.1 инъикос ёфтаанд.

Ҷадвали 3.1. - Воридоти гурӯҳҳои алоҳидаи мол бо миллион доллари ИМА

	2010	2011	2012	2013	2014	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022
Чорвои зинда ва маҳсулоти чорводорӣ	47,1	58	62,5	68,1	88,4	70	50,2	62,5	62,3	67,6	57,1	46,9	44,9
Маҳсулоти растанӣ	220	289,3	392,8	384,9	408,5	383,2	318,3	264,9	240,3	305,4	351,2	387,5	478,9
Равғанҳо ва равғанҳои растанӣ ва чорво	72,8	88,2	90,5	94,2	102,5	96	92,1	93,7	83	106,4	114,4	148	172,8
Маҳсулоти хӯрокворию тайёр, нӯшокиҳои спиртӣ ва ғайриспиртӣ, тамоку ва ивазкунандаҳои он	152,5	214	234	258,2	291,7	243,2	190,6	216,8	232	277,5	295,2	390,2	458,2

Манбаъ: аз ҷониби муаллиф дар асоси фаъолияти тиҷорати хориҷӣ тартиб дода шудааст.

Бо мақсади баҳодиҳии дурнамои воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон усули таҳлили коршиносӣ-мантиқӣ истифода гардид. Арзёбии омилҳои таъсиррасон ба талаботи маҳсулоти воридотӣ дар давраи солҳои 2010–2022 нишондиҳандаҳои афзоиши аҳолӣ ва тағйироти сохтори истеъмоли дохилиро фаро гирифта, нақши онҳо дар ташаккули талаботи воридотӣ таҳлил карда шуд. Дар заминаи ин омилҳо сенарияи пешгӯии рушди воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ таҳия гардид, ки ба омилҳои зерин асос меёбад:

- афзоиши устувори шумораи аҳолӣ (то соли 2030 то 11 миллион нафар);
- тадриҷан урбанизатсия ва тағйир додани одатҳои хӯрокхӯрӣ;
- имкониятҳои маҳдуди истеҳсоли дохилӣ дар категорияҳои алоҳидаи маҳсулот;
- рушди саноати коркард ва барномаи ивазкунии воридот;
- тағйироти конъюнктураи иқтисодии хориҷӣ ва динамикаи нархҳо дар бозори ҷаҳонии озуқаворӣ.

Ҷадвали 3.2. - Пешгӯии воридоти гурӯҳҳои алоҳидаи молҳо то соли 2030

Категорияи маҳсулот	Дар соли 2022, млн долл.	Пешгӯӣ барои соли 2030, млн долл.	Тағйирот, %
Чорвои зинда ва маҳсулоти чорводорӣ	44,9	50	+11%
Маҳсулоти растанӣ	478,9	630	+32%
Равғанҳо ва равғанҳои растанӣ ва чорво	172,8	210	+22%
Хӯрокҳои тайёр, нӯшокиҳо, тамоку ва ивазкунандаи он	458,2	540	+18%
Дар маҷмуъ, аз рӯйи озуқаворӣ	1 154,8	≈1 430–1 500	+25–30%

Ҳисоби муаллиф.

То соли 2030 ҳаҷми умумии воридоти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба 1,5 млрд доллари ИМА расад, ки аз сатҳи соли 2022 25-30% баландтар аст. Афзоиши асосӣ маҳсулоти растанӣ ва маҳсулоти хӯроквории тайёрро таъмин мекунад, ки ҳиссаи онҳо аз се ду ҳиссаи воридоти умумӣ зиёд аст. Сарфи назар аз талошҳои пайваста барои таҳкими истеҳсолоти кишоварзии дохилӣ, алоқамандии таъминоти бозори дохилии озуқаворӣ аз маҳсулоти воридотӣ ҳанӯз коҳиши назаррас наёфтааст. Ин вазъ, пеш аз ҳама, дар бозори маҳсулоти ғалладонагӣ ва равғанӣ ба мушоҳида мерасад. Татбиқи барномаҳои

ивазкунии воридот ва дастгирии агрокоркарди қодир аст афзоиши воридотро коҳиш диҳад, аммо онро пурра бартараф накунад. Ҳаҷм ва сохтори воридот ба устувории қурб, робитаҳои сиёсати хориҷӣ ва тамоюлҳои ҷаҳонии нархҳои озуқаворӣ таъсир мерасонанд.

Барои пешгӯӣ маълумоти оморӣ дар бораи ҳаҷми воридот аз рӯйи гурӯҳҳои асосии молҳои озуқаворӣ барои солҳои 2010-2022, инчунин, нишондиҳандаҳои демографӣ (шумораи аҳолӣ) истифода шуданд. Ҳамчун муайянкунандаи асосии афзоиши воридот шумораи аҳолӣ интихоб карда шуд, зеро воридоти озуқаворӣ бевосита бо талаботи дохилӣ ба маҳсулоти хӯрокворӣ алоқаманд аст. Ҳамин тариқ, фарзияи асосии пешгӯӣ чунин ифода карда мешавад:

$$I_t = f(P_t) \ (1)$$

дар ин ҷо I_t-ҳаҷми воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ дар соли t;

P_t шумораи аҳолӣ дар як сол t.

Барои арзёбии тамоюли миқдорӣ, тақрибан хатти қатори динамикии воридот ва пешгӯии шумораи аҳолӣ то соли 2030 истифода шудааст. Дар асоси омор суръати миёнаи солонаи афзоиши аҳолӣ r_p=1,7% ва суръати миёнаи афзоиши воридот барои солҳои 2010-2022 аз рӯйи категорияҳо ҳисоб карда шудааст.

Сипас пешгӯии ҳар сол бо формулаи:

$$I_{t+1} = I_t \times (1 + \alpha \cdot r_p) \ (2)$$

дар ин ҷо α - коэффитсиенти ҳассосияти воридот ба афзоиши аҳолӣ, ки аз ҷониби коршиносон барои ҳар як гурӯҳи молҳо муайян карда шудааст:

Ҷадвали 3.3. - Натиҷаҳои коэффитсиенти α

Гурӯҳи маҳсулот	Коэффисиент α	Интерпретатсия
Маҳсулоти чорво	0,6	Вобастагии заиф, афзоиш бо истеҳсоли дохилӣ маҳдуд аст
Маҳсулоти растанӣ	1,2	Вобастагии баланд аз шумораи аҳолӣ
Чарбу ва равғанҳо	1,0	Таносуби мустақим байни талабот ва аҳолӣ
Маҳсулоти тайёр	0,9	Афзоиши муътадил, бо унсури сершавӣ

Ҳамин тариқ, пешгӯӣ на танҳо афзоиши демографӣ, балки хусусиятҳои рафтори бозорро дар ҳар як категория инъикос мекунад.

Ҳисобҳои миқдорӣ бо таҳлили сифатии экспертӣ, ки ба муайян кардани тағйирёбии имконпазир аз тамоюли оморӣ равона шудааст, пурра карда шуданд. Дар доираи таҳлил омилҳои зерин ба назар гирифта шуданд:

- сиёсати давлатӣ оид ба амнияти озуқаворӣ ва ивазкунии воридот;
- рушди истеҳсолоти дохилии агросаноатӣ;
- тағйир додани сохтори истеъмол дар шароити урбанизатсия;
- тағйирёбии асъор ва маҳдудиятҳои иқтисодии хориҷӣ;
- муносибатҳои тиҷоратӣ бо шарикони асосӣ (Россия, Қазоқистон, Узбекистон).

«Шарикони асосии Тоҷикистон дар соҳаи савдои хориҷӣ дар солҳои охир Россия, Қазоқистон, Чин, Швейтсария, Узбекистон ва Туркия маҳсуб меёбанд. Ба ҳиссаи ин мамлакатҳо тақрибан 80%-и ҳамаи гардиши мол рост меомад. Талаботи беруна ба молҳои содиротии ҷумҳурӣ ба дараҷаи бештар аз устувории рушди иқтисодиёти Швейтсария, Қазоқистон, Туркия ва Чин вобаста аст (ҳиссаи онҳо дар содироти молҳои мамлакат қариб 77%-ро ташкил медиҳад)» [42, с. 80].

«… раванди муваффақонаи ислоҳоти институтсионалӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, ба мисли Узбекистон, метавонад ба раванди бошиддати диверсификатсияи савдову тиҷорат бештар мусоидат намояд. Ин чунин маънӣ дорад, ки раванди пурра ва комилан ворид шудани кишварҳои Осиёи Марказӣ ба бозори Аврупо татбиқи бомуваффақияти ислоҳоти иқтисодӣ ва институтсионалиро тақозо менамояд» [26, с. 53].

Ҳар як омил аз рӯйи миқёси таъсир (паст, миёна, баланд) баҳо дода шуд ва дар асоси арзёбии умумии онҳо арзишҳои пешбинишуда ислоҳ карда шуданд, масалан: α=1, пас воридот мутаносибан ба афзоиши аҳолӣ меафзояд (масалан, 1,7 % аҳолӣ →+1,7% воридот).

α > 1-воридот нисбат ба аҳолӣ тезтар меафзояд (афзоиши истеъмол ба ҳар сари аҳолӣ, афзоиши даромад, урбанизатсия).

α<1-воридот нисбат ба аҳолӣ сусттар меафзояд (иваз кардани истеҳсоли дохилӣ, тағйир додани парҳез ва ғ.). Барои ҳар сол ҳисоб кардан мумкин аст:

$$r_i = \frac{It-(It-1)}{It-1}, \qquad (3)$$

$$r_p = \frac{Pt-(Pt-1)}{Pt-1}, \qquad (4)$$

$$\alpha = \frac{r_i}{p_i}, \qquad (5)$$

Яъне, α = афзоиши нисбии воридот нисбат ба афзоиши аҳолӣ тақсим карда мешавад.

Дар асоси таҳлили оморӣ ва арзёбии динамикаи демографӣ, пешгӯӣ нишон медиҳад, ки воридоти маҳсулоти озуқавории Тоҷикистон то соли 2030 бо суръати миёнаи 25-30 фоиз афзоиш меёбад. Афзоиши асосӣ ба гурӯҳи маҳсулоти растанӣ ва маҳсулоти тайёр рост меояд, ки вобастагии баланд аз бозори хориҷиро инъикос мекунад. Ҳисобҳои иқтисодию математикӣ нишон медиҳанд, ки шумораи аҳолӣ омилҳои калидии афзоиши талабот ва воридот мебошанд, дар ҳоле ки иқтидори истеҳсолии дохилӣ онро пурра ҷуброн карда наметавонад. Коҳиши вобастагии иқтисоди миллӣ аз воридоти маҳсулоти озуқаворӣ бояд ба рушди истеҳсолоти дохилӣ, афзоиши иқтидори коркард, истифодаи самараноки ашёи хоми ватанӣ ва такмили механизмҳои сиёсати воридотивазкунӣ асос ёбад.

3.2. Механизми мукаммалгардонии сиёсати протексионистӣ дар вориди маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо дарназардошти аҳаммияти иқтисодию иҷтимоии он, соҳаи кишоварзӣ яке аз самтҳои стратегии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, дар таъмини рушди иқтисодӣ, ташкили ҷойҳои корӣ, таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ва таҳкими амнияти озуқаворӣ кишвар нақши муҳим мебозад. Аз ин рӯ, рушди устувори кишоварзӣ аҳаммияти на танҳо иқтисодӣ, балки иҷтимоӣ ва стратегӣ низ дорад. Ин соҳа на танҳо барои таъмини амнияти озуқаворӣ кишвар ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти ғизоии асосӣ аҳаммияти

ҳалкунанда дорад, балки дар ташаккули бозори меҳнат низ саҳми калон мегузорад, зеро қисми зиёди аҳолии деҳот дар ин бахш фаъолият мекунанд. Ҳамчунин, рушди кишоварзӣ яке аз омилҳои муҳимми беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ ба ҳисоб рафта, барои коҳиши сатҳи камбизоатӣ, афзоиши даромади аҳолии деҳот ва таҳкими рушди устувори иқтисодӣ замина фароҳам меорад. Нақши кишоварзӣ дар иқтисодиёти миллӣ бо истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ маҳдуд нашуда, соҳа ҳамчун манбаи муҳимми даромад ва заминаи ташаккули ашёи хом барои рушди саноати коркард, саноати хӯрокворӣ ва дигар бахшҳои бо он алоқаманди иқтисодиёт баромад мекунад.

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва густариши равандҳои ҳамгироии бозорҳо, рақобат дар соҳаи кишоварзӣ ба таври назаррас шиддат гирифтааст. Воридоти маҳсулоти кишоварзии хориҷӣ, ки аксаран бо нархи нисбатан паст ва дар баъзе ҳолатҳо бо сифати нобаробар ба бозори дохилӣ ворид мешаванд, афзоиши чунин равандҳо метавонад ба рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ таъсири манфӣ расонида, мавқеи онҳоро дар бозори дохилӣ заиф намояд. Ташаккули чунин вазъ метавонад ба рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ таъсири манфӣ расонида, дар сурати идомаи тамоюли мазкур хавфи коҳиши ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ, маҳдудшавии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва коҳиш ёфтани иқтидори рушди бахшҳои алоҳидаи соҳа афзоиш ёбад. Аз ин рӯ, масъалаи ҳифзи бозори дохилӣ ва дастгирии истеҳсолоти миллӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Дар ин замина, татбиқи сиёсати протексионистӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми танзими иқтисодӣ метавонад нақши калидӣ бозад. Ин сиёсат имкон медиҳад, ки давлат бо истифода аз абзорҳои гуногун, аз ҷумла, танзими тарифӣ ва ғайритарифӣ, сатҳи воридоти молҳои рақобаткунандаро ба танзим дарорад ва барои рушди истеҳсолкунандагони ватанӣ шароити мусоид фароҳам оварад. Ҳадафи асосии чунин сиёсат на бастани бозор, балки таҳкими иқтидори рақобатпазирии соҳаҳои миллӣ мебошад.

Бо вуҷуди ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи пурраи механизмҳои протексионистӣ ҳанӯз ба сатҳи зарурии самаранокӣ нарасидааст. Ин ҳолат бо

як қатор омилҳо, аз ҷумла, норасоии заминаи мустаҳками институтсионалӣ, маҳдудиятҳои мавҷудаи ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалии идоракунии ҷараёни воридоти маҳсулот вобаста мебошад. Дар натиҷа, зарурати такмили сиёсати давлатӣ дар самти танзими бозори дохилӣ ва ҳифзи истеҳсолоти кишоварзӣ ба миён меояд. Мукаммалгардонии механизмҳои татбиқи протексионизм метавонад ба таҳкими амнияти озуқаворӣ, рушди устувори кишоварзӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат намояд.

Бахши кишоварзӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим ва стратегӣ дорад. Тибқи маълумоти оморӣ, ҳиссаи кишоварзӣ дар маҷмуи ММД тақрибан 20-25%-ро ташкил медиҳад ва беш аз 40% аҳолии кишвар ба ин соҳа машғул аст. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ на танҳо барои таъмини амнияти озуқаворӣ, балки барои коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва ҳифзи муҳити зист аҳаммияти бузург дорад.

Бо вуҷуди аҳаммияти баланд ва афзояндаи соҳаи кишоварзӣ барои иқтисоди миллӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ, бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз бо сатҳи баланди воридоти маҳсулоти кишоварзии хориҷӣ рӯ ба рӯ мебошад. Ин раванд дар бисёр ҳолатҳо ба пайдоиши фишори рақобатии нобаробар нисбат ба истеҳсолкунандагони маҳаллӣ оварда мерасонад, зеро онҳо маҷбур мешаванд бо маҳсулоте рақобат кунанд, ки аксаран бо нархи пасттар ва дар баъзе ҳолатҳо бо хусусиятҳои сифати гуногун ба бозор ворид мегардад. Дар натиҷа, вазъи рақобат дар бозори дохилӣ мураккаб шуда, имкониятҳои рушди устувори фермерон ва корхонаҳои кишоварзии ватанӣ маҳдуд мегарданд.

Афзоиши воридоти маҳсулоти кишоварзии нисбатан арзон, бахусус маҳсулоте, ки аз ҷиҳати сифат ба маҳсулоти ватанӣ рақобатпазир нестанд, метавонад сохтори бозори дохилиро тағйир дода, ҳиссаи маҳсулоти истеҳсоли маҳаллиро коҳиш диҳад. Паст гардидани сатҳи даромаднокии фаъолияти истеҳсолкунандагони ватанӣ метавонад дар чунин шароит заминаи ҳавасмандии онҳоро барои тавсеаи иқтидори истеҳсолӣ, навсозии технологӣ, ҷорӣ намудани навовариҳо ва рушди самтҳои афзалиятноки соҳаи кишоварзӣ

маҳдуд созад. Дар дарозмуддат чунин тамоюл хатари афзоиши вобастагии бозори дохилиро аз воридот ба миён оварда, ба устувории амнияти озуқаворӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Аз нуқтаи назари институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ, сиёсати протексионистӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз бо як қатор мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мебошад. Пеш аз ҳама, низоми институтсионалӣ ва мақомоти масъул дар самти танзими воридот ва ҳифзи истеҳсолоти миллӣ то ҳол ба сатҳи пурраи ташаккулёфта нарасидаанд, ки ин ба самаранокии идоракунии равандҳои бозорӣ таъсир мерасонад. Илова бар ин, заминаи қонунгузорӣ дар соҳаи танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳифзи истеҳсолоти дохилӣ на ҳамеша ба стандартҳо ва талаботи муосири иқтисоди ҷаҳонӣ мутобиқ мебошад. Дар баъзе ҳолатҳо мавҷудияти ноустуворӣ, такроршавӣ ё мухолифат дар меъёрҳои ҳуқуқӣ низ ба мушоҳида мерасад, ки ин ҳолат кори мақомоти танзимкунандаро душвортар мегардонад.

Маҳдуд будани самаранокии механизмҳои назоратӣ ва танзимкунанда имкониятҳои ҷилавгирӣ аз воридоти ғайриқонунӣ ё ғайрирасмии маҳсулотро коҳиш медиҳад. Ҳамаи ин омилҳо зарурати ислоҳоти институтсионалӣ, такмили заминаи ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани самаранокии сиёсати протексионистиро ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми рушди устувори кишоварзӣ ва ҳифзи бозори дохилӣ таъкид мекунанд.

Якум, Тоҷикистон ҳамчун аъзои Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) бояд бо талаботи байналмилалӣ мувофиқ бошад, ки ин ба ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои протексионистӣ маҳдудият меорад. Талаботи СУС дар мавриди озодии савдо ва маҳдуд кардани чораҳои протексионистӣ, аз ҷумла, тариқи гумрук ва андозҳо барои Тоҷикистон мушкилоти иловагӣ эҷод мекунад, зеро ба ин воситаҳо барои ҳимояи истеҳсолоти маҳаллӣ эҳтиёҷ зиёд аст.

Маҳдуд будани самаранокии механизмҳои назоратӣ ва танзимкунанда дар соҳаи танзими воридот ва ҳифзи бозори дохилӣ яке аз мушкилоти ҷиддии иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад, зеро он бевосита ба қобилияти давлат дар идоракунии ҷараёнҳои тиҷорати хориҷӣ таъсир мерасонад. Дар чунин шароит имкониятҳои ҷилавгирӣ аз воридоти ғайриқонунӣ ё ғайрирасмии маҳсулоти

кишоварзӣ коҳиш меёбанд ва бозор ба ҳолати нисбатан ноустувор ва осебпазир дучор мегардад. Ин раванд боиси афзоиши рақобати нобаробар байни маҳсулоти ватанӣ ва хориҷӣ шуда, мавқеи истеҳсолкунандагони маҳаллиро заиф месозад. Дар натиҷа, на танҳо сатҳи даромади истеҳсолкунандагон коҳиш меёбад, балки ангеза барои сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ низ суст мегардад. Ҳамаи ин омилҳо зарурати ислоҳоти фарогири институтсионалӣ, такмили заминаи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани шаффофият ва самаранокии фаъолияти мақомоти назоратиро ба таври возеҳ нишон медиҳанд. Дар ин замина, тақвияти сиёсати протексионистӣ ҳамчун воситаи ҳифзи манфиатҳои миллӣ, дастгирии истеҳсолоти дохилӣ ва таъмини рушди устувори кишоварзӣ аҳаммияти махсус касб мекунад.

Дуюм, мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) ба ташаккули сиёсати савдои хориҷии кишвар таъсири бевосита мерасонад. Узвият дар ин созмон кишварро водор месозад, ки ба як қатор принсипҳои асосии иқтисоди ҷаҳонӣ, аз ҷумла озодии савдо, шаффофияти сиёсати тиҷоратӣ ва коҳиши тадриҷии монеаҳои гумрукӣ риоя намояд. Ин уҳдадориҳо, аз як тараф, барои ҳамгироии Тоҷикистон ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва густариши робитаҳои тиҷоратӣ имконият фароҳам меоранд, вале аз тарафи дигар, барои истифодаи васеи абзорҳои анъанавии протексионистӣ маҳдудиятҳои муайян эҷод мекунанд. Аз ҷумла, истифодаи боҷҳои баланд, квотаҳои воридотӣ ё дигар маҳдудиятҳои мустақими савдо таҳти назорати қатъии қоидаҳои СУС қарор дорад.

Дар шароити тағйирёбии муҳити рақобатии бозори дохилӣ ҳифзи истеҳсолоти миллӣ ва таҳкими мавқеи истеҳсолкунандагони ватанӣ аҳаммияти рӯзафзун пайдо намуда истодааст, зеро соҳаҳои калидии иқтисодиёт, аз ҷумла кишоварзӣ ва саноати коркард ҳанӯз ба сатҳи зарурии рақобатпазирӣ ноил нашудаанд. Дар чунин шароит зарурати ташаккули сиёсати иқтисодии мутобиқ ба талаботи муосир ба миён меояд, ки бояд ба таъмини тавозуни байни уҳдадориҳои байналмилалӣ ва манфиатҳои миллии иқтисодӣ равона карда шавад. Барои ин мақсад истифодаи механизмҳои иҷозатдодашудаи СУС, аз

ҷумла стандартҳои техникӣ, меъёрҳои сифат, чораҳои дастгирии дохилӣ дар доираи муқаррароти иҷозатдодашуда ва рушди иқтидори рақобатии истеҳсолкунандагони ватанӣ аҳаммияти муҳим дорад. Ҳамин тавр, масъалаи асосӣ на рад кардани принсипҳои савдои байналмилалӣ, балки мутобиқсозии оқилонаи онҳо ба шароити иқтисоди миллӣ ва марҳилаи рушди кишвар мебошад.

Аз ин рӯ, лозим аст, ки механизми протексионизм бо эътибори қонунӣ ва техникӣ мукаммал ва ҳамоҳанг шуда татбиқ гардад, то ҳам ҳифзи истеҳсолоти дохилӣ ва ҳам иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ таъмин шавад. «Равиши иқтисодӣ дар мавриди сиёсати гумрукӣ, пеш аз ҳама, бо татбиқи сиёсати иқтисодии дохиливу хориҷии кишвар зич алоқаманд мебошад, ки метавонад ба яке аз шаклҳои стратегии иқтисодии давлат, аз қабили протексионизм, савдои озод ё як шакли мутаносиби ҳарду равия асос ёбад. Бо дарназардошти интихоби ин ё он раванд ва дараҷаи татбиқи сиёсат дар амал (масалан, протексионизм метавонад дар шаклҳои муътадил, оқилона ё шадид намоён гардад), давлат аз маҷмуи тадбирҳои танзимкунандаи сиёсати иқтисодӣ, аз ҷумла роҳҳои гумрукиву тарифӣ, низоми имтиёзҳо ва дигар воситаҳои дахлдор истифода мебарад» [98, с. 88].

Сеюм, сатҳи фасод ва ноустувории идоракунӣ дар бахши танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ боиси суст шудани самаранокии сиёсати протексионистӣ мегардад. Нокифоя будани шаффофият ва иштироки самараноки бахши хусусӣ дар равандҳои танзимкунӣ, дар баробари маҳдуд будани ҳамоҳангӣ ва ҳамкории байни мақомоти давлатӣ ва субъектҳои хусусӣ, метавонад ба коҳиши самаранокии тадбирҳои танзимкунӣ ва натиҷаҳои пешбинишуда оварда расонад. Ин ҳолат боиси вайроншавии низоми рақобат ва паст шудани сатҳи эътимод ба ниҳодҳои давлатӣ мегардад.

Дар ин замина, қайд бамаврид аст, ки «дар давраи гузариш баланд бардоштани фаъолияти ҷамъиятии шаҳрвандон дар сектори хусусӣ ва масъулияти ҳар як одами қобили меҳнат барои худтаъминкунӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Сабаби ин маҳдуд будани маблағгузории эҳтиёҷоти

иҷтимоӣ ва зарурати рафъи стереотипҳои мавҷудаи вобаста дар бораи давлат ҳамчун кафили ягонаи некуаҳволӣ мебошад» [114, с. 130].

Ҷараёни воридоти молҳои нисбатан арзон ва дар баъзе мавридҳо пастсифат тавассути механизмҳои ғайрирасмӣ ва ғайриқонунӣ метавонад боиси таҳрифи муҳити рақобатӣ дар бозори дохилӣ гардида, ба коҳиши рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва маҳдуд гардидани имкониятҳои рушди истеҳсолоти миллӣ мусоидат намояд. Дар натиҷа, даромаднокии фаъолияти фермерон коҳиш ёфта, ҳавасмандии онҳо барои баланд бардоштани сифати маҳсулот ва рушди истеҳсолот метавонад паст гардад. Ин фишор ба рушди устувори бахши кишоварзӣ халал мерасонад ва талабот ба ташаккули механизми мукаммали протексионистиро бештар месозад.



Расми 3.1. Механизми мукаммалгардонии сиёсати протексионистӣ дар воридоти маҳсулоти кишоварзии ҶТ

***Аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидааст.**

Бо мақсади таъмини рушди устувор ва ҳифзи истеҳсолоти кишоварзии миллӣ зарур аст, ки мушкилоти мавҷудаи институтсионалӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ пайваста бартараф гардида, механизмҳои татбиқи ин сиёсат бо назари васеъ ва ҳамоҳангшуда таҳия ва амалӣ гарданд.

Татбиқи сиёсати протексионистӣ дар бахши воридоти маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол бо як қатор мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мебошад. Дар асл, механизмҳои амалишавии ин сиёсати муҳофизатӣ асосан тавассути қонунгузорӣ, сохторҳои идоракунии давлатӣ ва чорабиниҳои маъмурӣ амалӣ мешаванд. Бо вуҷуди он ки "қонунҳо ва қарорҳои дахлдор мавҷуданд, самаранокии онҳо дар амал маҳдуд буда, зарурати таҳкими механизмҳои амалӣ бештар эҳсос мегардад" [1].

Аввалан, заминаи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими воридот ва ҳифзи истеҳсолоти миллӣ аз маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат мебошад. Санадҳои мазкур муносибатҳои вобаста ба воридоти молу маҳсулот, таъмини сифати онҳо ва ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагону истеъмолкунандагони дохилиро ба танзим медароранд. Дар ин самт Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон» ва маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи воридоти маҳсулоти кишоварзӣ аҳаммияти муҳим дошта, принсипҳо ва механизмҳои ҳуқуқии танзими бозор, ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва татбиқи чорабиниҳои дахлдори воридотиро муайян менамоянд. Ин санадҳо барои ҳифзи бозори дохилӣ ва дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ нақши асосӣ доранд. Бо вуҷуди ин, татбиқи онҳо дар сатҳи амалӣ бо мушкилот рӯ ба рӯ мебошад, ки асосан ба норасоии механизмҳои назоратӣ ва идоракунии муассир вобаста аст.

Дуюм, мақомоти давлатии масъул, ба мисли Кумитаи андоз, Вазорати кишоварзӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи зиддиинҳисорӣ вазифадоранд, ки танзими воридот ва ҳифзи истеҳсолоти кишоварзиро ба роҳ монанд. Бо вуҷуди ин, "норасоии ҳамоҳангӣ байни ин ниҳодҳо ва фароҳам овардани механизми муташаккили ҳамкорӣ дар амал ба коҳиши самаранокии сиёсати протексионистӣ оварда мерасонад". Дар натиҷа, воридшавии

маҳсулоти пастсифат ва ғайриқонунӣ ба бозори кишоварзӣ метавонад афзоиш ёфта, муҳити рақобатии носолимро ба вуҷуд оварад. Чунин вазъ ба коҳиши рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ ва паст гардидани самаранокии фаъолияти онҳо оварда метавонад.

Сеюм, бо пешрафти технологӣ ва рушди низоми иттилоотӣ, Тоҷикистон кӯшиш дорад, ки механизми назоратро бо истифода аз технологияҳои рақамӣ такмил диҳад. Аммо ин раванд ҳанӯз ҳам дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дошта, барои рушди он зарурат ба сармоягузории ҷиддӣ ва омӯзиши кадрҳо пеш меояд.

Чорум, механизми муҳимми татбиқи сиёсати протексионистӣ дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ тавассути воситаҳои ғайрианъанавӣ, аз ҷумла қарздиҳии имтиёзнок, пешниҳоди субсидияҳо ва фароҳамсозии имтиёзҳои андозӣ мебошад. Ин тадбирҳо барои афзоиши иқтидори истеҳсолӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти дохилӣ муҳимманд. “Дар Тоҷикистон чунин чораҳо мавҷуданд, аммо аксар вақт бо миқдори маҳдуд ва дар доираи барномаҳои кӯтоҳмуддат татбиқ мешаванд” [3]. Барои расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ зарур аст, ки ин дастгирӣ ҳамарӯза ва бо дарназардошти эҳтиёҷоти истеҳсолкунандагон таҳким ёбад.

Панҷум, ҷалби васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва бахши хусусӣ ба раванди таҳияи сиёсатҳои протексионистӣ ва назорати татбиқи онҳо низ яке аз омилҳои калидӣ ба ҳисоб меравад. То имрӯз иштироки фаъолонаи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин раванд кам буда, ин боис ба паст шудани шаффофият ва кам шудани эътимоди мардум ба қонунгузорӣ ва ниҳодҳои давлатӣ мегардад. Баланд бардоштани сатҳи мутолиа ва муҳокимаи васеи сиёсати протексионистӣ метавонад эътимоди ҷомеаро ба равандҳои идоракунӣ тақвият бахшад ва дар ниҳояти кор самаранокии сиёсати протексионистиро баланд бардорад.

“Вазъи бехатарии (амнияти) иқтисодии давлат, албатта, дар ҷараёни фаъолияти он нақши назаррас дорад. Фаъолияти дурусти кишвар истифодаи бомасъулияти молия ва захираҳои миллӣ, рушди фаъол ва устувори иқтисодӣ,

инчунин, ҳифзи манфиатҳои иқтисодиро дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ тақозо мекунад. Таъмини амнияти иқтисодии давлат – кафолати истиқлолият, ҳаёти самарабахши ҷомеа ва шароити субот аст. Азбаски иқтисодиёт яке аз тарафҳои асосии давлат мебошад, он арзёбии устуворӣ ва қобилияти онро бо таҳдидҳои беруна ва дохилӣ дар бар мегирад" [107, с. 142].

Нақши муҳимми соҳаи кишоварзӣ дар иқтисоди миллии Тоҷикистон зарурати такмили механизмҳои сиёсати протексионистиро тақозо менамояд, зеро татбиқи самараноки чунин сиёсат метавонад ҳам ба ҳифзи истеҳсолоти дохилӣ ва ҳам ба таҳкими амнияти озуқаворӣ кишвар мусоидат кунад. Дар ин замина, зарур аст, ки ҳама ҷанбаҳои механизмҳои амалишавӣ – қонунгузорӣ, идоракунӣ, технология ва ҷалби ҷомеа – бо ҳам пайваста ва ҳамоҳанг шаванд, то сиёсати протексионистӣ ба таври самаранок ва устувор амалӣ гардад. "Амнияти озуқаворӣ ҷузъи муҳимми амнияти иқтисодии кишвар мебошад, ки тавассути маҷмуи шароити иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъмин карда мешавад. Ин шароитҳо ба рушди соҳаи кишоварзӣ ва маҷмуи пурраи озуқаворӣ, инчунин, ба ҳолати умумии иқтисоди миллӣ ва ҷаҳонӣ вобаста мебошанд" [94, с. 159].

Таҳкими заминаи ҳуқуқӣ яке аз унсурҳои асосӣ барои мукаммалгардонии сиёсати протексионистӣ ба шумор меравад. Қонунгузории кишвар бояд ба таври равшан ва мукаммал қоидаҳои танзим ва маҳдудиятҳои воридоти маҳсулоти кишоварзиро дар бар гирад. Рушди босуръати муносибатҳои иқтисодию тиҷоратии байналмилалӣ тақозо менамояд, ки заминаи қонунгузории кишвар мунтазам такмил дода шуда, ба талабот ва стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида шавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таҳияи қонунҳои махсус дар бораи протексионизм ва танзими воридот бо ҷузъиёти бештар ва механизмҳои иҷроишӣ возеҳтар беш аз пеш эҳсос мешавад. Бо мақсади таъмини танзими самараноки воридоти молҳо зарур аст механизмҳои иҷозатдиҳӣ ва бақайдгирии воридот такмил дода шуда, низоми назорати риояи талаботи сифат, стандартҳои амалкунанда ва меъёрҳои фитосанитарӣ аз ҷониби субъектҳои воридкунанда таҳким бахшида шавад. Илова бар ин, ҷаримаҳо ва ҷазоҳои муқаррарӣ барои вайронкунандагон бояд

самаранок ва ҷазодор бошанд, то чораҳои протексионистӣ аз мазмун ва таъсири воқеӣ бархурдор гарданд. Ҳамзамон, бо мақсади пешгирӣ аз ҳолатҳои фасод ва суистифода аз мақомот бояд механизми мониторинг ва назорати иҷрои қонунҳо аз ҷониби ниҳодҳои мустақил ва касбӣ татбиқ гардад. Масалан, таъсиси Шурои мушовара ё Комиссияи мустақил оид ба танзими воридот ва ҳифзи истеҳсолот метавонад ба ҳамоҳангсозии амалкарди мақомоти давлатӣ мусоидат намояд.

Инфрасохтори моддӣ ва технологӣ, ки барои татбиқи сиёсати протексионистӣ муҳим аст, бояд такмил дода шавад. Ҷорӣ намудани системаҳои рақамӣ барои бақайдгирӣ, мониторинг ва таҳлили маълумоти воридот, ба мисли системаи автоматии гумрукӣ ва базаи ягонаи додаҳо, сатҳи шаффофият ва назоратро баланд мебардорад. Инчунин, истифодаи технологияҳои муосир, ба монанди системаи трекинг ва мониторинги маҳсулот дар тамоми марҳилаҳои воридот ва тақсимоти он, метавонад ҷараёни воридотро оптималӣ кунад ва имконият фароҳам оварад, ки маҳсулоти пастсифат ва қалбакӣ аз бозор хориҷ гарданд. Ҳамзамон, бояд омӯзиши мутахассисон ва кормандони соҳаи гумрук ва назоратӣ такмил ёбад, то ки онҳо бо технологияҳои нав ва усулҳои муосири идоракунӣ шинос бошанд.

Яке аз унсурҳои муҳимми мукаммалгардонии сиёсати протексионистӣ дастгирии бевоситаи истеҳсолкунандагони кишоварзӣ мебошад. Ин дастгирӣ бояд ба таври систематикӣ ва бо механизми шаффоф амалӣ гардад, ки боиси баландшавии иқтидори истеҳсолӣ ва сифати маҳсулот гардад. Барномаи қарздиҳии имтиёзнок, субсидияҳо ва имтиёзҳои андозӣ бояд бо тартиби возеҳ ва бо дарназардошти эҳтиёҷоти воқеии фермерон ва корхонаҳои кишоварзӣ татбиқ шаванд. Инчунин, дастгирии омӯзишӣ ва такмили ихтисос, ҷалби технологияҳои муосир ва эҷоди имконият барои дастрасӣ ба таҷҳизоти истеҳсолӣ бояд ҷузъи механизми дастгирӣ бошад.

Самаранокии механизми протексионистӣ бевосита ба ҳамоҳангии ниҳодҳои давлатӣ ва иштироки фаъолонаи ҷомеаи шаҳрвандӣ вобаста аст. Мураккаб гардидани муҳити иқтисодӣ ва сиёсии муосир тақозо менамояд, ки низоми мутамаркази ҳамоҳангсозӣ таъсис дода шавад, ки ба танзими

муносибатҳои бозорӣ ва ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ тавассути воситаҳои протексионистӣ мусоидат намояд. Ин система бояд бо ҷалби коршиносон, намояндагони бахши хусусӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ равишҳои муосири идоракуниро ба кор гирад ва ба рушди беҳтари соҳаи кишоварзӣ мусоидат намояд. Илова бар ин, равандҳои шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ дар раванди татбиқи сиёсати протексионистӣ бояд таъмин карда шаванд, ки ин барои ҷалби эътимоди ҷомеа ва пешгирии фасод зарур мебошад.

Барои ба таври комил амалӣ шудани сиёсати протексионистӣ дар бахши воридоти маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки ин сиёсат на танҳо дар шакли қонунгузорӣ, балки дар амалиёт низ пурра татбиқ гардад. Ин ба маънои он аст, ки бояд заминаи ҳуқуқӣ бо механизмҳои иҷроишӣ, ки қодир ба амалӣ намудани дастуру супоришҳои қонунӣ мебошанд, пурзӯр карда шаванд. Танзим ва назорати воридот бояд бо истифодаи воситаҳои муосир ва технологияҳои нав аз қабили системаҳои рақамӣ ва мониторингӣ таъмин гардад, ки ин ба баланд шудани шаффофият ва кам шудани фасод дар ин раванд мусоидат мекунад. Технологияи рақамӣ имконият медиҳад, ки маълумот дар бораи воридоти маҳсулот дар вақти воқеӣ ҷамъоварӣ ва таҳлил гардад, ки ин барои пешгирии воридоти маҳсулоти пастсифат ва ғайриқонунӣ мусоид аст.

Дар ҳамин ҳол, бояд гуфт, ки сиёсати протексионистӣ набояд танҳо ба ҷузъиёт ва маҳдудиятҳои воридот маҳдуд шавад, балки ба рушди иқтидори истеҳсолии дохилӣ низ аҳаммияти калон дода шавад. Дар ин замина, таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки дастгирӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ зарур буда, онҳо бояд ба баланд бардоштани сифати маҳсулот, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва такмили донишу малакаҳои касбии фермерон равона карда шаванд. Ба фермерон ва истеҳсолкунандагони ватанӣ бояд имкон дода шавад, ки бо шароити муосир ва рақобатпазир фаъолият кунанд, ки ин тавассути дастрасии осон ба маблағгузорӣ, таҷҳизоти муосир ва омӯзишҳои касбӣ имконпазир аст.

Ҳамзамон, ҳамоҳангии байни ниҳодҳои давлатӣ ва мақомоти масъул барои амалӣ сохтани сиёсати протексионистӣ нақши муҳим дорад. Воридоти

маҳсулот ва фаъолияти бозор бояд дар доираи як стратегияи ягона ва бо ҳамоҳангии мақомоти гумрук, андоз, кишоварзӣ ва тандурустӣ назорат карда шаванд. Ин ҳамоҳангӣ ба коҳиш додани фишорҳои бюрократӣ ва пешгирии ҳолатҳои фасод мусоидат хоҳад кард. Барои ин бояд як маркази мутамаркази идоракунӣ таъсис дода шавад, ки тавонад равандҳоро дар тамоми марҳилаҳои воридот ва тақсимот назорат кунад ва бо таври оперативӣ ба мушкилот ва таҳдидҳо посух гӯяд.

Дар баробари такмили механизмҳои ҳуқуқӣ ва идоракунӣ, ба масъалаи таъсири сиёсати протексионистӣ ба истеъмолкунандагон низ бояд диққати ҷиддӣ дода шавад. Зеро воридоти маҳдуд ва чораҳои муҳофизатӣ метавонанд боиси болоравии нархҳо шаванд, ки ин таъсири манфӣ ба сатҳи зиндагии аҳолиро дорад. Бо ин мақсад, сиёсати протексионистӣ бояд дар баробари механизмҳои назорат ва танзими нархҳо бо тадбирҳои дахлдори дастгирии иҷтимоӣ ҳамоҳанг карда шавад, то таъсири манфии чораҳои ҳимоявӣ ба аҳолӣ коҳиш дода шавад. Самаранокии сиёсати протексионистӣ бояд на танҳо тавассути ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ, балки аз рӯйи қобилияти он дар таъмини сифати маҳсулот ва қонеъ намудани талаботи истеъмолкунандагон арзёбӣ гардад, то дар бозор маҳсулоти босифат ва аз ҷиҳати нарх дастрас пешниҳод карда шавад.

Ҷалби фаъолонаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ ба раванди таҳия ва татбиқи сиёсати протексионистӣ низ нақши муҳим мебозад. Созмонҳои ҷамъиятӣ, Ассотсиатсияҳои фермерон ва коршиносон метавонанд дар назорат, арзёбӣ ва пешниҳодҳои ислоҳотӣ ба мақомот мусоидат кунанд, ки ин ба баланд шудани шаффофият ва эътимоди ҷомеа ба сиёсати давлатӣ оварда мерасонад. Илова бар ин, таваҷҷуҳ ба равандҳои иттилоотӣ ва тарғиби ахбор дар байни аҳолӣ метавонад фаҳмиши умумии сиёсати протексионистиро беҳтар карда, дастгирии мардумро зиёд намояд.

Бо истифода аз таҷрибаи байналмилалӣ, механизми муосири протексионистӣ бояд дар асоси муносибати маҷмӯӣ ташаккул ёфта, ҳамкории самараноки низоми қонунгузорӣ, мақомоти давлатӣ, истеҳсолкунандагон,

бахши технологӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро ба роҳ монад. Танҳо дар чунин шароитҳо Тоҷикистон метавонад бозори дохилиро аз воридоти маҳсулоти пастсифат ва рақобати номуносиб муҳофизат намуда, ба рушди устувори бахши кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ ноил гардад.

Илова бар ҳамаи ин, ҷанбаҳои иқтисодии сиёсати протексионистӣ низ бояд ба таври ҷиддӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гиранд. Масалан, таъсири чораҳои муҳофизатӣ ба мувозинати савдо ва робитаҳои тиҷоратии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо аҳаммияти махсус дорад. Зиёд шудани маҳдудиятҳо дар воридот метавонад боиси ҷавобгӯӣ ё ҳатто маҳдудсозии воридоти молу маҳсулот аз Тоҷикистон ба бозорҳои байналмилалӣ гардад. Аз ин рӯ, "... татбиқи сиёсати протексионистӣ бояд бо эҳтиёт ва дар ҳамоҳангӣ бо сиёсати савдои хориҷӣ сурат гирад, то ки на танҳо ҳифзи бахши кишоварзӣ таъмин гардад" [125, с. 17], балки мавқеи Тоҷикистон дар низоми ҷаҳонии савдо низ мустаҳкам бошад.

Ҳамчунин, рушди инфрасохтор ва логистика дар бахши кишоварзӣ нақши муҳим дорад, ки тавассути он маҳсулоти истеҳсолшуда метавонанд ба бозорҳои дохилӣ ва берунӣ сари вақт ва бо сифати баланди нигоҳдорӣ расонида шаванд. Ташаккул ва рушди инфрасохтори муосир, аз ҷумла роҳҳои самараноки нақлиётӣ, анборҳои махсусгардонидашуда ва марказҳои коркард ва бастабандӣ, яке аз омилҳои муҳимми коҳиш додани хароҷоти логистикӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот дар бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Боиси таъкид аст, ки бе такмили инфрасохтор ва шароитҳои мусоид барои нигоҳдорӣ ва интиқоли маҳсулот, ҳатто бо сиёсати протексионистии самаранок, рушди устувори бахши кишоварзӣ ғайримумкин хоҳад буд.

Ҷадвал 3.1. - Самтҳо, мушкилот ва тадбирҳо дар сиёсати протексионистии воридоти маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

№	Самти асосӣ	Мушкилоти мавҷуда	Тадбирҳои пешниҳодӣ
1.	Қонунгузорӣ ва танзим	Қонунҳои куҳна, набуди қонунҳои махсус	Таҳияи қонунҳои нав, ислоҳи меъёрҳои амалкунанда
2.	Идоракунӣ ва институтсионалӣ	Норасоии ҳамоҳангӣ байни мақомот, фасод	Эҷоди маркази ҳамоҳангсози ягона, шаффофият
3.	Технология ва рақамисозӣ	Набудани мониторинги онлайн, рақамисозии паст	Системаҳои электронии назорат ва маълумот
4.	Дастгирии иқтисодӣ	Дастнорасии маблағгузорӣ, субсидияҳо	Барномаҳои қарздиҳии имтиёзнок ва субсидияҳо
5.	Инфрасохтор ва логистика	Анборҳои куҳна, роҳҳои вайрон	Рушди инфрасохтори логистикӣ ва нигоҳдорӣ
6.	Кадрҳо ва малака	Норасоии омӯзиш, ихтисоси паст	Барномаҳои омӯзишӣ ва такмили ихтисос
7.	Ҷалби бахши хусусӣ ва ҷомеа	Иштироки кам, шаффофияти паст	Ҷалби ВАО, ҷомеа ва бахши хусусӣ ба сиёсати давлатӣ
8.	Ҳамоҳангсозии байналмилалӣ	Таъсири шартномаҳои байналмилалӣ (СУС)	Мувофиқсозии сиёсати дохилӣ бо стандартҳои байналмилалӣ

Сарчашма: дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ тартиб дода шудааст.

Ҳамзамон, таҳкими иқтидори инсонӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбии мутахассисон дар соҳаи кишоварзӣ аз ҷумлаи омилҳои калидии мукаммалгардонии механизми татбиқи сиёсати протексионистӣ ба шумор меравад. Барномаи омӯзиши фермерон ва коргарон, таҷдиди малакаҳо ва ворид кардани технологияҳои нави агротехникӣ метавонанд сатҳи истеҳсолотро баланд бардоранд ва маҳсулоти ватаниро рақобатпазир гардонанд. Тақвияти низоми омӯзишӣ ва дастгирии техникии фермерон яке аз самтҳои муҳимми рушди соҳаи кишоварзӣ буда, барои азхуд ва татбиқ намудани усулҳои муосири истеҳсолот, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот мусоидат мекунад.

Дар ин раванд, истифодаи механизмҳои инноватсионӣ ва лоиҳаҳои навоварона низ муҳим мебошад. Масалан, татбиқи усулҳои захира ва истифодаи оби самаранок, истифодаи тухмиҳои беҳтаршуда ва маводи мухаддири экологӣ, ҳамчунин, технологияҳои рақамӣ дар мониторинги кишт ва бемориҳо, ҳамаи ин метавонад ба беҳбуди истеҳсолот ва кам кардани таъсири манфии воридоти маҳсулоти пастсифат мусоидат кунад.

Аз ин рӯ, сиёсати протексионистӣ бояд ҳамчун унсури таркибии сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат баррасӣ гардида, на танҳо ба дастгирии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ, балки ба таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва таҳкими амнияти озуқаворӣ равона карда шавад. Ҳамкории байнивазоратӣ ва иштироки ҳамаи соҳаҳои дахлдор дар таҳия ва татбиқи ин сиёсат барои амалӣ гардонидани он бо натиҷаҳои дилхоҳ хеле муҳим аст.

Танҳо тавассути ба таври ҳамаҷониба ва систематикӣ татбиқ кардани чораҳои гуногуни ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ метавон ба ҳадафҳои протексионистӣ ноил шуд ва бахши кишоварзии Тоҷикистонро дар рақобат бо молу маҳсулоти хориҷӣ устувор ва мустаҳкам сохт.

Бо мақсади такмили механизми сиёсати протексионистӣ дар соҳаи воридоти маҳсулоти кишоварзӣ, пеш аз ҳама, таҳия ва татбиқи стратегияи миллии рушди кишоварзӣ зарур аст, ки дар доираи он ҳифзи истеҳсолоти миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ҳамчун самтҳои афзалиятнок муайян карда шаванд. Ин стратегияи миллӣ бояд бо мақсадҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ ҳамоҳанг бошад ва ба таври равшан вазифаҳо ва муҳлатҳои иҷрои онҳоро муайян намояд. Танзими воридоти маҳсулот дар чаҳорчӯби ин стратегияи миллӣ бояд бо истифода аз таҳлили муфассали вазъи бозор, тавонмандиҳои истеҳсолӣ ва эҳтиёҷоти истеъмолкунандагон сурат гирад.

Механизми мукаммалгардонии сиёсати протексионистӣ бояд ба рушди институти танзимкунанда ва мониторингӣ такя кунад. Ташкили ниҳодҳои махсуси ваколатдор, ки бо истифода аз воситаҳои муосир масъулияти назорат ва танзими воридоти маҳсулоти кишоварзиро бар уҳда гиранд, яке аз асосҳои муҳимми самаранокии ин сиёсат мебошад. Идораҳои ваколатдор бояд бо низоми иттилоотии ягона пайваст ва қобилияти татбиқи чораҳои фаврӣ ва муассирро дошта бошанд. Ин ниҳодҳо бояд ҳамзамон ба ворид намудани чораҳои пешгирӣ ва ҷазоҳои маъмурӣ ва ҳуқуқӣ дар сурати вайрон кардани қонунҳо бетаъхир машғул шаванд.

Дар раванди такмил додани механизми протексионистӣ бояд ба рушди инфрасохтори логистикӣ ва саноати коркард низ диққати махсус дода шавад. Илова бар ин, таҳкими шабакаҳои анборҳо, роҳҳои нақлиётӣ ва марказҳои тақсимот ба коҳиши талафоти маҳсулот ва арзиши интиқол мусоидат хоҳад кард.

Барои дастгирии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ бояд системаҳои молиявӣ ва қарздиҳӣ бо шароити дастрас ва имтиёзнок таҳия шаванд. Ин метавонад шаклҳои гуногуни қарзҳои имтиёзнок, грантҳо ва субсидияҳоро дар бар гирад, ки барои хариди таҷҳизот, тухмӣ ва маводи кишоварзӣ истифода мешаванд.

Қайд кардан зарур аст, ки яке аз самтҳои муҳимми такмили механизми сиёсати протексионистӣ бояд ҳавасмандгардонии истифодаи технологияҳои муосир, баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои касбии кормандони соҳаи кишоварзӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтидори инсонӣ дар ин соҳа бошад. Дар ин ҷода, таъсиси барномаҳои омӯзишӣ, семинарҳо ва тренингҳо бо иштироки мутахассисони маҳаллӣ ва хориҷӣ метавонанд барои баланд бардоштани сатҳи дониши фермерон ва истифодаи усулҳои нави агротехникӣ мусоидат намоянд. Ин иқдомҳо ба беҳбудии сифати маҳсулот ва зиёд шудани ҳаҷми истеҳсолот мусоидат карда, самаранокии умумии соҳаи кишоварзиро баланд мебардоранд.

Ҳамзамон, сиёсати протексионистӣ бояд бо ҳамкории байналмилалӣ ҳамоҳанг бошад. Тоҷикистон бояд дар чаҳорчӯби созишномаҳои байналмилалӣ ва талаботи Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) амал кунад, то ки маҳдудиятҳои воридотӣ ба мувозинат ва ҳамкорӣ бо кишварҳои дигар халал нарасонанд. Истифодаи воситаҳои ҳуқуқӣ ва дипломатӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар доираи савдо метавонад шароити муносиб барои татбиқи протексионизм фароҳам оварад, бе он ки боиси кашмакашҳои тиҷоратӣ гардад.

Дар умум, механизми мукаммалгардонии сиёсати протексионистӣ бояд комплексӣ бошад ва дар он тамоми ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва иҷтимоӣ ба таври ҳамзамон ва ҳамоҳанг мавриди эътибор қарор гиранд. Танзим

ва назорати қатъӣ, дастгирии истеҳсолкунандагон, истифодаи технологияҳои нав ва таълими кадрҳо, рушди инфрасохтор ва ҳамкории байналмилалӣ бояд якҷоя ба рушди устувори бахши кишоварзӣ ва ҳифзи иқтисоди миллӣ таъсир расонанд. Танҳо дар ин ҳолат Тоҷикистон метавонад бозори худро аз таъсири манфии рақобати ғайримусоид муҳофизат намуда, рушди босуботи кишоварзиро таъмин созад.

Бояд таъкид кард, ки механизми мукаммалгардонии сиёсати протексионистӣ дар бахши вориди маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили муҳимми ҳифзи иқтисоди миллӣ ва рушди устувори бахши кишоварзӣ нақши калидӣ мебозад. Ин механизм бояд ба таври ҳамаҷониба ва систематикӣ, бо ҳамоҳангии чораҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва иҷтимоӣ татбиқ шавад. Сиёсати протексионистӣ бояд ба таври ҳамоҳанг бо уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон ва талаботи Созмони умумиҷаҳонии савдо таҳия ва татбиқ гардида, мутобиқати он ба меъёрҳои созишномаҳои байналмилалӣ таъмин карда шавад. Ин равиш метавонад ба таҳкими мавқеи кишвар дар низоми тиҷорати байналмилалӣ ва густариши муносибатҳои тиҷоратии он мусоидат намояд.

Дар маҷмуъ, татбиқи ҳамоҳангшудаи механизмҳои пешниҳодгардида метавонад барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии кишвар, аз ҷумла рушди устувори кишоварзӣ, таҳкими амнияти озуқаворӣ ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии миллӣ заминаи зарурӣ фароҳам оварад. Истифодаи самараноки имкониятҳои дохилӣ ва байналмилалӣ метавонад соҳаи кишоварзиро ба марҳилаи нави рушд ворид намуда, барои таъмини рушди устувор ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, таҳкими заминаҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ, дастгирии самараноки истеҳсолкунандагони ватанӣ, технологикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти миллӣ бояд дар меҳвари сиёсати давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ қарор дошта бошанд.

3.3. Консепсияи идоракунӣ ва самаранокии сиёсати протексионистӣ дар воридоти маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи солҳои 2030

Идоракунӣ ҳамчун як раванд ва низоми мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ фаҳмида мешавад, ки дар он муносибатҳои байни субъектҳои гуногун тавассути қабули қарорҳо, танзим, банақшагирӣ ва назорат амалӣ мегарданд. Ин низом дар рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла кишоварзӣ, саноат ва хизматрасонӣ, нақши калидӣ дорад, зеро самаранокии истифодаи захираҳо ва устувории рушди иқтисодӣ то андозае аз сифати идоракунӣ вобаста мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши вобастагии иқтисодиёти миллӣ аз равандҳои байналмилалӣ, аҳаммияти идоракунӣ боз ҳам бештар мегардад, махсусан дар самтҳое, ки ба танзими бозор ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ рабт доранд.

Татбиқи сиёсати протексионистӣ тақозо менамояд, ки идоракунии давлатӣ ба танзими воридоти маҳсулот, ҳифзи манфиатҳои бозори дохилӣ ва ташаккули шароити мусоид барои таҳкими рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ нигаронида шавад. Ин раванд на танҳо чораҳои маъмурӣ ва иқтисодиро дар бар мегирад, балки маҷмуи васеи механизмҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқиро низ фаро мегирад. Аз нуқтаи назари назариявӣ, консепсияи идоракунӣ дар соҳаи протексионизм ҳамчун низоми маҷмуии меъёрҳо, принсипҳо, механизмҳо ва институтҳои ҳуқуқию идорӣ баррасӣ гардида, барои ташкили раванди самараноки татбиқи сиёсати протексионистӣ, танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии миллӣ заминаи институтсионалӣ фароҳам меорад, ки ин таъриф аҳаммияти ҳамгироии сиёсати иқтисодӣ ва низоми идоракунии давлатиро дар танзими бозор равшан нишон медиҳад.

Бо дарназардошти нақши стратегӣ ва мавқеи калидии соҳаи кишоварзӣ дар иқтисоди миллии Тоҷикистон, ташаккул ва такмили низоми самараноки идоракунии сиёсати протексионистӣ дар ин самт аҳаммияти махсус касб менамояд. Ин раванд бояд бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ, иқтидори

истеҳсолӣ, сатҳи рушди соҳа ва ҳамзамон, шароити мураккаби иқтисоди ҷаҳонӣ таҳия ва татбиқ гардад. Яъне, консепсияи идоракунӣ дар ин самт бояд на танҳо ба танзими воридот ва назорати бозор маҳдуд шавад, балки ба рушди устувори истеҳсолоти дохилӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва ҳифзи манфиатҳои стратегии иқтисоди миллӣ нигаронида шавад.

Ҳамзамон, дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ ва узвияти кишвар дар созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони умумиҷаҳонии савдо, зарурати мутобиқсозии сиёсати протексионистӣ ба талаботи байналмилалӣ ба миён меояд. Механизми самараноки идоракунӣ бояд тавре ташаккул дода шавад, ки ҳифзи манфиатҳои иқтисодии миллӣ бо риояи уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг карда шавад. Дар чунин шароит татбиқи равиши мутавозин дар сиёсати иқтисодӣ на танҳо ба таҳкими мавқеи кишвар дар низоми иқтисоди ҷаҳонӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии иқтисодӣ мусоидат мекунад, балки барои рушди устувор ва рақобатпазирии соҳаҳои стратегии иқтисодиёт, махсусан кишоварзӣ, заминаи мусоид фароҳам меорад.

Идоракунии сиёсати протексионистӣ дар Тоҷикистон бояд бар асоси моделҳои муосири идоракунӣ, ки дар онҳо равандҳои қабули қарорҳо шаффоф, муназзам ва бо ҷалби ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор сурат мегиранд, амалӣ шавад. Ба ибораи дигар, “идоракунӣ бояд як системаи муташаккил ва ҳамоҳангшуда бошад, ки дар он ҳар як ниҳод нақши мушаххас дошта, масъулият ва вазифаҳои худро дар доираи қонунгузорӣ ва сиёсати давлатӣ иҷро мекунад” [52, с. 138]. Ин системаи идоракунӣ бояд воситаҳои рақамӣ ва технологияи иттилоотиро барои мониторинг ва таҳлили самаранокии чораҳои протексионистӣ васеъ истифода барад, ки ин ба афзоиши шаффофият ва масъулиятнокӣ мусоидат мекунад.


Моделҳои идоракунии протексионистӣ, ки дар кишварҳои гуногун татбиқ мешаванд, фарқият доранд, вале барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст, ки механизми идоракунӣ ба эҳтиёҷот ва захираҳои миллӣ мутобиқ бошад ва ҳамзамон бо сиёсати умумии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳамоҳанг гардад.

Инчунин, “консепсияи идоракунӣ бояд ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои ниҳодҳои давлатӣ, бахши хусусӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро фаро гирад, то ки таъсири манфии эҳтимолии сиёсати протексионистӣ ба нарх ва сифати маҳсулот коҳиш ёбад ва рушди устувор таъмин гардад” [102, с. 94].

Консепсияи идоракунӣ дар соҳаи протексионизм бояд ҳамчун як низоми мукаммали ҳамгирошуда, бисёрсатҳӣ ва ҳамоҳангшуда таҳия ва татбиқ гардад, ки дар он ҳамаи унсурҳои сиёсати иқтисодӣ ба таври системавӣ бо ҳам алоқаманд карда мешаванд. Чунин консепсия бояд ҳам таҷрибаи пешрафтаи байналмилалиро ба инобат гирад ва ҳам ба хусусиятҳои хоси иқтисоди миллӣ, сохтори истеҳсолот, сатҳи рушди соҳаҳо ва имкониятҳои воқеии кишвар мутобиқ бошад. Мақсади асосии он на танҳо татбиқи чораҳои ҳимоявӣ, балки фароҳам овардани шароити устувор барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва рақобатпазирии бахши кишоварзӣ дар дарозмуддат мебошад.

Дар ин замина, консепсияи мазкур бояд як қатор ҷузъҳои калидиро дар бар гирад. Пеш аз ҳама, ташаккули заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ зарур аст, низоми механизмҳои ҳифзи бозори дохилӣ, танзими воридоти маҳсулот ва дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ба таври дақиқ, шаффоф ва возеҳ муайян гардида, тартиби татбиқи онҳо низ мушаххас карда шавад. Дуюм, ҷорӣ намудани низоми муосири мониторинг ва назорат аҳамияти муҳим дошта, барои пайгирии мунтазами равандҳои воридотӣ, таҳлили вазъи бозор ва арзёбии самаранокии сиёсати протексионистӣ замина фароҳам меорад.

Дар заминаи рушд ва мураккабшавии равандҳои ҷаҳонӣ, консепсияи идоракунӣ дар соҳаи протексионизм бояд дар баробари ҳифзи истеҳсолоти дохилӣ, рушди иқтисод ва таъмини амнияти озуқаворӣ, ба талаботи бозори ҷаҳонӣ ва қонунгузории байналмилалӣ мувофиқат кунад. Мушкилоти асосӣ дар ин “раванд ин татбиқи ҳамоҳанг ва фарогири сиёсати давлатӣ, механизми назорат ва санҷиши самаранокии чораҳои протексионистӣ мебошад, ки бе инҳо татбиқи сиёсати муҳофизатӣ метавонад ноком шавад” [106, 91].



Расми 3.2. Натиҷаҳои интизоршаванда аз тадбирҳои протексионистӣ
Сарчашма: дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ тартиб дода шудааст.

Идоракунии самаранок дар соҳаи протексионизм таъмини муколамаи фаъол байни ҳукумат, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки ҳамаи онҳо дар таъмини устувории бахши кишоварзӣ нақши муҳим мебозанд. Дар ин замина, зарур аст, ки нақши ниҳодҳои мустақил ва ташаббускор барои мониторинг ва баҳогузорӣ ба кор банданд, ки ин ба баланд бардоштани шаффофият ва масъулиятнокии чораҳои протексионистӣ мусоидат менамояд.

Ҳамчунин, консепсияи идоракунӣ бояд механизмҳои таълими мутахассисон ва фермеронро дар бар гирад. Таълими доимӣ ва баланд бардоштани малакаи кадрҳо имконият медиҳад, ки таҷдиди равишҳо ва технологияҳои истеҳсолӣ бо истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ҷумҳурӣ васеъ амалӣ гардад. Инчунин, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ дар

идоракунии воридоти маҳсулот ва мониторинги бозор метавонад ҷараёнҳои танзимро муассир ва дақиқ гардонад.

Дар баробари ин, гузаронидани муҳокима ва таҳлилҳои мунтазам оид ба натиҷаҳои татбиқи сиёсати протексионистӣ ва арзёбии таъсири он ба рушди иқтисоди миллӣ аҳаммияти махсус дорад. “... Чунин мониторинг ва таҳлил имкон медиҳад, ки самаранокии чораҳои андешидашуда ба таври илмӣ ва амалии асоснок муайян карда шуда, камбудиҳо ва мушкилоти мавҷуда сари вақт ошкор ва ислоҳ карда шаванд” [41, с. 86]. Дар натиҷа, ин раванд ба ташаккули заминаи устувор барои таҳияи стратегияи дарозмуддати рушди бахши кишоварзӣ ва такмили низоми танзими воридот мусоидат менамояд.

Самаранокии баланди идоракунӣ дар ин самт на танҳо ба беҳтар шудани натиҷаҳои иқтисодӣ, балки ба афзоиши сатҳи эътимоди аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ ба ниҳодҳои давлатӣ низ таъсири мусбат мерасонад. Вақте ки сиёсати давлатӣ шаффоф, асоснок ва натиҷабахш амалӣ мегардад, сатҳи иштироки фаъолонаи бахшҳои гуногуни ҷомеа дар татбиқи он меафзояд, ки ин худ ба таҳкими ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ оварда мерасонад.

Консепсияи идоракунӣ дар соҳаи протексионизм бояд ҳамчун як низоми мукаммал, ҳамоҳангшуда ва ба таври стратегӣ нигаронидашуда қабул гардад. Дар ин низом риояи принсипҳои шаффофият, масъулиятшиносӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва ҷалби ҷонибҳои манфиатдор бояд ба таври возеҳ таъмин карда шавад. Татбиқи чунин равиш ба баланд бардоштани самаранокии сиёсати протексионистӣ, таҳкими устувории иқтисодӣ, рушди истеҳсолоти ватанӣ ва тақвияти рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд. Дар натиҷа, Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад мавқеи устувортар ва рақобатпазиртарро дар низоми иқтисоди ҷаҳонӣ касб намояд.

Консепсияи идоракунӣ дар соҳаи протексионизм бояд ҳамчун яке аз рукнҳои асосии сиёсати аграрӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шавад, зеро он дар асл воситаи таъмини тавозуни оқилона байни ҳифзи манфиатҳои миллии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва талаботи бозори

ҷаҳонӣ мебошад. Дар шароити тағйирёбии муҳити иқтисодии ҷаҳонӣ, густариши равандҳои ҳамгироӣ ва афзоиши рақобат миёни истеҳсолкунандагони ватанӣ ва хориҷӣ, зарурати ташаккул ва такмили низоми мукаммал ва самараноки идоракунии сиёсати протексионистӣ ҳамчун яке аз самтҳои стратегии сиёсати иқтисодии давлат торафт меафзояд. Низоми мазкур бояд тамоми унсурҳо ва ҷанбаҳои сиёсати протексионистиро дар бар гирифта, ҳамоҳангии байни механизмҳои танзим ва ҳимояи бозори дохилиро таъмин намояд. Чунин низом бояд на танҳо ба татбиқи чораҳои ҳимоявии иқтисодӣ равона бошад, балки ҳамзамон мутобиқати пурра ба меъёрҳо ва стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла талаботи Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС)-ро низ таъмин намояд.

Таҷрибаи амалии идоракунии сиёсати протексионистӣ собит менамояд, ки таъмини ҳамоҳангии байниидоравӣ миёни вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти танзимкунанда ва сохторҳои назоратӣ шарти муҳимми самаранокии чораҳои протексионистӣ ба ҳисоб меравад. Дар сурати заиф будани чунин ҳамоҳангӣ натиҷабахшии сиёсати ҳимояи бозори дохилӣ ба таври назаррас коҳиш меёбад. Дар чунин ҳолатҳо, хавфи ба вуҷуд омадани фосилаҳои назоратӣ ва номувофиқатии меъёрҳо зиёд шуда, воридоти маҳсулоти кишоварзӣ метавонад бе риояи талаботи муқарраршуда ва бо вайронкунии қоидаҳои мавҷуда сурат гирад. Ин вазъият мустақиман ба манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ таъсири манфӣ расонида, рақобатпазирии онҳоро заиф мегардонад.

Аз ин рӯ, дар доираи консепсияи пешниҳодшаванда зарур аст, ки механизмҳои мушаххаси ҳамоҳангсозии байниидоравӣ таҳия ва татбиқ карда шаванд. Ин метавонад тавассути таъсиси низоми ягонаи идоракунии сиёсати протексионистӣ амалӣ гардад, ки дар он вазифаҳо, салоҳиятҳо ва масъулияти ҳамаи ниҳодҳои дахлдор дақиқ муайян карда шудаанд. Илова бар ин, истифодаи технологияҳои рақамӣ, платформаҳои электронии мониторинг ва низомҳои муосири иттилоотӣ метавонад сатҳи шаффофият ва самаранокии идоракуниро ба таври назаррас баланд бардорад. Ҳамин тавр, ташкили чунин

механизми ҳамгирошуда на танҳо ба беҳтар шудани назорат аз воридот мусоидат мекунад, балки барои таҳкими амнияти озуқаворӣ, рушди устувори кишоварзӣ ва баланд бардоштани самаранокии сиёсати иқтисодии давлат заминаи устувор фароҳам меорад.

Ҷалби васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба равандҳои идоракунӣ ва мониторинги татбиқи сиёсати протексионистӣ яке аз омилҳои муҳимми баланд бардоштани шаффофият ва самаранокии сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Чунин равиш имкон медиҳад, ки назорати ҷамъиятӣ бар фаъолияти мақомоти давлатӣ тақвият ёбад ва дар натиҷа кафолат дода шавад, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар ин раванди мураккаби иқтисодӣ ба таври одилона ҳифз гарданд. Илова бар ин, иштироки фаъолонаи ташкилотҳои касбии фермерон, кооперативҳо ва ассотсиатсияҳои соҳавӣ дар баррасии лоиҳаҳои сиёсӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ метавонад сифати қарорҳои қабулшавандаро ба таври назаррас беҳтар намояд. Ин раванд ба ташаккули сиёсати бештар воқеӣ, асоснок ва ба эҳтиёҷоти бозор мутобиқ мусоидат мекунад. Дар натиҷа, сиёсати протексионистӣ на танҳо ҳамчун маҷмуи чораҳои давлатӣ, балки ҳамчун раванди ҳамкории бисёрҷониба ва фарогир миёни давлат ва ҷомеа ташаккул меёбад, ки дар он таҷрибаи миллӣ ва байналмилалӣ ба таври мутавозин истифода мешавад.

Дар шароити рақамикунонии идоракунии давлатӣ татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва платформаҳои рақамӣ дар соҳаи идоракунии воридоти маҳсулоти кишоварзӣ яке аз самтҳои муҳимми такмили низоми назорат ба ҳисоб меравад. Истифодаи чунин технологияҳо барои ташаккули низоми шаффофу муосири мониторинг, мубодилаи фаврии иттилоот ва қабули қарорҳои асосноки идоракунӣ мусоидат менамояд. Тавассути чунин технологияҳо имкон фароҳам меояд, ки раванди воридот дар вақти воқеӣ назорат карда шуда, маълумот оид ба сифат, миқдор ва қонунмандии маҳсулот ба таври дақиқ ва фаврӣ дастрас гардад. Ин на танҳо ба коҳиши хавфҳои марбут ба фасод, вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ ва муомилоти ғайриқонунии маҳсулот мусоидат мекунад,

балки барои қабули қарорҳои стратегӣ дар асоси маълумоти боэътимод заминаи устувор фароҳам меорад.

Ҷорӣ намудани системаи ягонаи электронии бақайдгирӣ ва мониторинги воридоти маҳсулоти кишоварзӣ метавонад идоракунии бозори дохилиро ба сатҳи нав барорад. Ташаккули чунин низоми идоракунӣ имкон медиҳад, ки тамоми марҳилаҳои равандҳои воридотӣ дар асоси принсипҳои мутамарказӣ, шаффофият ва назоратнокӣ ба роҳ монда шаванд. Ин равиш на танҳо ба баланд бардоштани самаранокии сиёсати протексионистӣ мусоидат мекунад, балки барои ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ, таҳкими амнияти озуқаворӣ ва таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ низ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Консепсияи идоракунӣ дар соҳаи протексионизм бояд ҷалби васеи мутахассисони сатҳи баланд ва ташаккули низоми устувори рушди иқтидори инсонӣ дар бахши кишоварзӣ ва идоракунии сиёсати иқтисодиро ҳамчун яке аз самтҳои калидӣ дар бар гирад. Зеро самаранокии ҳар як сиёсати давлатӣ, аз ҷумла сиёсати протексионистӣ, пеш аз ҳама, аз сатҳи касбият, таҷриба ва омодагии кадрҳои масъул вобаста мебошад. Дар ин замина, ташкили барномаҳои мунтазами омӯзишӣ, курсҳои такмили ихтисос ва семинарҳои амалӣ барои кормандони давлатӣ, намояндагони бахши хусусӣ ва фермерон аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Татбиқи чунин барномаҳои таълимӣ ва такмили ихтисос барои рушди иқтидори касбии иштирокчиён замина фароҳам оварда, ба азхуд намудани усулҳои муосири идоракунӣ, технологияҳои пешрафтаи истеҳсолот ва механизмҳои муассири танзими бозор мусоидат менамояд. Дар натиҷа, сатҳи дониш, малака ва салоҳиятҳои касбии иштирокчиён пайваста такмил ёфта, қобилияти онҳо барои мутобиқшавӣ ба талаботи тағйирёбандаи бозор баланд мегардад.

Ниҳоят, консепсияи идоракунӣ бояд дорои механизмҳои мукаммали баҳогузорӣ, мониторинг ва такмилёбӣ бошад. Ин маънои онро дорад, ки натиҷаҳои татбиқи сиёсати протексионистӣ бояд мунтазам таҳлил ва арзёбӣ карда шаванд, то самаранокӣ ва таъсири воқеии он ба иқтисоди миллӣ муайян

гардад. Дар асоси натиҷаҳои таҳлил зарур аст, ки консепсияи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати динамикӣ ба тағйироти муҳити иқтисодии дохилӣ ва таҳаввулоти равандҳои иқтисодии байналмилалӣ мутобиқ карда шуда, бо мақсади таъмини самаранокии сиёсати татбиқшаванда мунтазам бозбинӣ ва такмил дода шавад. Чунин раванд имкон медиҳад, ки мушкилоти мавҷуда сари вақт ошкор гардида, барои ҳалли онҳо қарорҳои асоснок ва самаранок қабул карда шаванд.

Бо дарназардошти ҳамаи ин ҷанбаҳо, консепсияи идоракунӣ дар самти протексионизм дар воридоти маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон то соли 2030 бояд ҳамчун як ҳуҷҷати стратегии дарозмуддат қабул гардад. Амалӣ намудани он барои рушди истеҳсолот, таъмини амнияти озуқаворӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Ҳамзамон, тавассути чунин механизми мукаммал ва ҳамоҳангшуда Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият пайдо мекунад, ки мавқеи худро дар бозори ҷаҳонӣ таҳким бахшад ва рушди устувори бахши кишоварзиро таъмин намояд.

Танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ бояд бо ҷорӣ намудани системаҳои шаффоф ва ҳисоботдиҳӣ ҳамроҳ бошад. Вобаста ба ин, истифодаи платформаҳои электронӣ барои бақайдгирӣ, оморгирӣ ва назорати воридот яке аз роҳҳои асосӣ мебошад, ки метавонад ба кам кардани фасод ва воридшавии маҳсулоти пастсифат мусоидат намояд. Ҳамчунин, ин платформаҳо барои фароҳам овардани маълумоти саривақтӣ ва таҳлилии амалӣ дар бораи вазъи бозор ва воридот заминаи хубе мебозанд.

Дар ҳамин ҳолат, муҳим аст, ки сиёсати протексионистӣ бо сиёсати маркетингӣ ва коммуникатсионӣ ҳамоҳанг бошад. Тарғиби маҳсулоти кишоварзии дохилӣ, эҷоди бренди миллӣ ва баланд бардоштани маърифати истеъмолкунандагон дар бораи сифат ва бартариҳои маҳсулоти ватанӣ на танҳо талаботи бозорро зиёд мекунад, балки ба коҳиши воридоти маҳсулоти хориҷӣ бо сифати паст таъсир мерасонад. Ин чораҳо бояд дар чаҳорчӯби консепсия бо нақшаи амал ва ҷадвали иҷро ба таври мушаххас пешбинӣ шаванд.

Бе ин ҳамоҳангӣ ва комплексӣ, татбиқи сиёсати протексионистӣ дар амал самаранок нахоҳад буд ва метавонад боиси тағйирёбии номусоиди нархҳо ё

паст шудани сифати маҳсулот дар бозори дохилӣ гардад. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки «консепсия на танҳо ҷанбаҳои иқтисодӣ ва идоракуниро дар бар гирад, балки ба масъалаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, таъсири чораҳои протексионистӣ ба сатҳи зиндагии аҳолӣ ва дастрасии онҳо ба маҳсулоти хушсифат низ диққат диҳад” [100, с. 35].

Консепсияи ташаккули низоми идоракунии стратегии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ бояд ҳамчун самти муҳимми сиёсати давлатӣ таҳия гардида, барои таъмини рушди устувор, истифодаи самараноки захираҳо ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо замина фароҳам оварад. Ҳадафи асосии чунин консепсия бояд фароҳам овардани заминаи устувор барои рушди дарозмуддати бахши кишоварзӣ, коҳиш додани вобастагӣ аз воридот ва ҳимояи манфиатҳои стратегии истеҳсолкунандагони ватанӣ бошад.

Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо, татбиқи консепсия бояд то соли 2030 ба таври марҳилавӣ ва барномавӣ амалӣ карда шавад. Самаранокии татбиқи ин раванд ташкили ҳамкории системавӣ ва ҳамоҳангшудаи тамоми сохторҳои дахлдори давлатӣ, аз ҷумла мақомоти танзими иқтисодӣ, гумрукӣ ва андозӣ, вазоратҳои соҳавӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро тақозо менамояд. Чунин ҳамоҳангсозӣ барои пешгирии такрори вазифаҳо, мубодилаи самараноки иттилоот ва таъмини ягонагии қарорҳои идоракунӣ замина фароҳам меорад. Танҳо дар ҳолати мавҷудияти ҳамоҳангии байниинститутсионалӣ ва тақвияти идоракунии стратегӣ метавон натиҷаҳои назаррас ба даст овард.

Илова бар ин, нақши баҳогузорӣ ва мониторинги доимии натиҷаҳои татбиқи сиёсати протексионистӣ хеле муҳим мебошад. Ин раванд имкон медиҳад, ки самаранокии тадбирҳои андешидашуда мунтазам арзёбӣ гардида, камбудиҳо, мушкилот ва хатарҳои эҳтимолӣ дар марҳилаҳои аввал ошкор карда шаванд. Дар асоси натиҷаҳои мониторинг бояд механизми ислоҳи фаврии қарорҳои қабулшуда ва мутобиқсозии сиёсати давлатӣ ба шароити тағйирёбандаи бозор ба роҳ монда шавад.

Бо ин мақсад, зарур аст, ки дар доираи консепсия як низоми мукаммали ҳисоботдиҳӣ, таҳлил ва пешгӯии иқтисодӣ таъсис дода шавад. Ин низом бояд

маълумоти дақиқ, саривақтӣ ва шаффофро оид ба ҳаҷм ва сохтори воридоти маҳсулоти кишоварзӣ, сатҳи истеҳсоли дохилӣ, таъсири чораҳои протексионистӣ ба нархҳо, инчунин, вазъи иҷтимоии истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагонро таъмин намояд.

Татбиқи чунин механизм бе истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ имконнопазир аст. Аз ин рӯ, дар консепсия бояд рушди платформаҳои электронӣ, низоми ягонаи иттилооти оморӣ ва пойгоҳи додаҳои мутамарказ пешбинӣ гардад. Ин воситаҳо имкон медиҳанд, ки идоракунии соҳа ба таври рақамӣ, шаффоф ва самаранок ба роҳ монда шуда, қабули қарорҳо дар асоси маълумоти воқеӣ ва таҳлили илмӣ сурат гирад.

Татбиқи чунин консепсияи фарогир метавонад заминаи устувор барои рушди босуботи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам оварда, сатҳи худтаъминкунии озуқавориро баланд бардорад ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити рақобати шадиди бозорҳои ҷаҳониро таъмин намояд.

Ҳамзамон, бояд таваҷҷуҳ зоҳир шавад, ки сиёсати протексионистӣ наметавонад танҳо бо танзими воридот маҳдуд гардад. Он бояд бо чораҳои дастгирии истеҳсолкунандагони дохилӣ, аз қабили дастрасии васеи фермерон ба қарзҳои имтиёзнок, субсидияҳо, дастгирии технологӣ ва омӯзишӣ комилан ҳамоҳанг бошад. Ин чораҳо ба истеҳсолкунандагон кумак мерасонанд, ки «тавонмандии рақобатпазирии маҳсулоти худ ва сифати онро баланд бардоранд, ки ин барои ҳифзи бозори дохилӣ ва коҳиши вобастагии кишвар аз воридоти маҳсулоти хориҷӣ муҳим аст» [108, с. 47].

Дар ин замина, ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба бахши кишоварзӣ муҳим аст. Консепсия бояд роҳҳои ҷалби сармоягузориҳо, аз ҷумла тавассути таъсиси шарикӣ байни бахши хусусӣ ва давлатӣ, имтиёзҳои андозӣ ва кафолатҳои давлатиро дар бар гирад.

“Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки корхонаҳои муштарак роҳи муҳимтарини воридшавии сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар мебошад. Фароҳам овардани муҳити иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва психологӣ дар кишвар барои рушди корхонаҳои муштарак на танҳо баҳри зиёд намудани шумораи

онҳо, балки барои суръатбахшии такрористеҳсоли сармояи муштарак, баланд бардоштани рейтинги сармоягузории кишвар низ муҳим мебошад” [111, с. 138].

Рушди инфрасохтори комплекси агросаноатӣ бояд яке аз унсурҳои калидии стратегияи рушди корхонаҳо буда, ба беҳтар намудани таъминоти истеҳсолӣ, коҳиш додани хароҷоти логистикӣ, рушди коркард ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот мусоидат намояд. Ташаккули чунин инфрасохтор барои коҳиш додани талафоти маҳсулот, беҳтар намудани шароити нигоҳдорӣ ва интиқол, таъмини таҳвили саривақтӣ ва баланд бардоштани самаранокии занҷираи таъминот замина фароҳам меорад.

“Корхонаҳои самараноки маҳаллӣ метавонанд ба ворид шудан ба бозорҳои байналмилалӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии нархи маҳсулот мусоидат расонанд” [51, с. 35].

Идоракунии самаранок ва мукаммалгардонии сиёсати протексионистӣ наметавонад бидуни омезиши чораҳои гуногун ва ҳамоҳангсозии байни ниҳодҳои давлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ шавад. Ин раванд бояд бо таҳияи нақшаҳои стратегӣ, ҷадвалҳои амал ва масъулияти мушаххас барои ҳар як ниҳод ва ташкилот таҳким ёбад. Танҳо дар чунин шароит метавонад протексионизми воридоти маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 натиҷаҳои устувор ва мусбат ба бор оварад.

Таъмини муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва фаъолгардонии ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ба комплекси агросаноатӣ бояд ҳамчун унсури муҳимми механизми идоракунии стратегии рушди корхонаҳо баррасӣ гардида, ба навсозии истеҳсолот, рушди иқтидорҳои истеҳсолӣ ва таҳкими рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ мусоидат намояд. Ин сармоягузориҳо метавонанд барои рушди инфрасохтори аграрӣ, аз қабили сохтмони анборҳо, таҷҳизоти замонавӣ ва марказҳои коркарди маҳсулот равона шаванд. Дар маҷмуъ, тавсеаи имкониятҳои истеҳсолӣ ва бозорӣ барои фермерон ва соҳибкорон ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, таҳкими устуворii занҷираи таъминот ва коҳиш додани талафоти маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намуда, барои рушди минбаъдаи соҳа заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ба ғайр аз ин, муҳим аст, ки дар доираи консепсия системаҳои кафолати сифат ва сертификатсия барои маҳсулоти кишоварзӣ таҳия ва татбиқ карда шаванд. Бо роҳандозии стандартҳои баланд ва танзими қатъии сифат, маҳсулоти дохилӣ метавонад ба талаботи бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ ҷавобгӯ бошад. Ин ба баланд бардоштани эътибори маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ва ҷалби мизоҷони нав кумак мерасонад. Ҳамзамон, ташкили механизми муассир барои муқовимат ба воридоти маҳсулоти пастсифат ва қалбакӣ яке аз вазифаҳои муҳимми идоракунии сиёсати протексионистӣ мебошад.

Дар ҳамин ҳолат, консепсияи идоракунии сиёсати протексионистӣ бояд ба рушди инсонӣ ва таълим низ аҳаммияти махсус диҳад. Таъмини омӯзиши касбӣ ва баланд бардоштани дониши фермерон дар самти истифодаи технологияи нав, усулҳои муосири агротехникӣ ва идоракунии бизнес барои пешбурди истеҳсолот зарур мебошад. Ин раванд метавонад тавассути барномаҳои омӯзишӣ, семинарҳо, курсҳои такмили ихтисос ва ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии кишоварзӣ ва марказҳои илмӣ амалӣ гардад. Бо ин роҳ, маҳсулнокӣ ва сифати маҳсулоти кишоварзӣ беҳтар шуда, тавонмандии рақобатпазирии фермерон дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ афзоиш меёбад. “Раванди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва савдои байналмилалӣ аз ҳолати рушди иқтисодиёт вобаста ба афзоиши бемайлони истеҳсолот аз доираи талаботи дохилии як кишвар берун баромада, зарурати ба хориҷа баровардани молу хадамот пайваста ба миён меояд” [86, с. 273].

Ҳамзамон, татбиқи самараноки сиёсати протексионистӣ тақозо менамояд, ки ҳамкории мунтазам ва ҳамоҳангшудаи ниҳодҳои давлатӣ, бахши хусусӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ таъмин гардида, барои иштироки фаъолонаи ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор заминаи зарурӣ фароҳам оварда шавад. Ин ҳамкорӣ бояд дар шакли платформаҳои муназзам ва механизми муошират мунтазам ташкил шавад, то ҳама ҷонибҳо дар бораи мушкилот, имкониятҳо ва пешрафтҳо бо ҳамдигар мубодилаи иттилоот намоянд ва қарорҳои муштарак қабул кунанд.

Ин, дар навбати худ, ба баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва пешгирии номувофиқатиҳо ва такрори кӯшишҳо мусоидат менамояд.

Ҳамчунин, дар доираи консепсия бояд диққати махсус ба рушди инфрасохтори рақамӣ дода шавад. Таҳия ва татбиқи системаи иттилоотии ягона барои назорати вориди маҳсулоти кишоварзӣ, ҳисоботдиҳӣ ва таҳлили маълумотҳои бозор метавонад ба идораи самараноктар ва қабули қарорҳои оқилона дар сатҳи давлатӣ ва маҳаллӣ кумак расонад. Истифодаи васеи воситаҳои рақамӣ, аз ҷумла платформаҳои электронии савдо ва иттилоотӣ, бо фароҳам овардани шароити мусоид, фермерон ва соҳибкорон метавонанд дастрасии худро ба бозорҳои нав васеъ намуда, доираи харидоронро зиёд ва маҳсулоти худро бо нархҳои рақобатпазир пешниҳод намоянд.

Бо дарназардошти ин, татбиқи Консепсияи идоракунӣ ва самаранокии сиёсати протексионистӣ то соли 2030 набояд танҳо ҳамчун барномаи маъмурӣ маҳдуд карда шавад, балки бояд ҳамчун низоми фарогир ва мукаммали ислоҳоти стратегӣ дар соҳаи кишоварзӣ баррасӣ гардад, ки ба баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ, рушди истеҳсолот, тақвияти рақобатпазирӣ ва таъмини рушди устувори соҳа мусоидат менамояд. Ин раванд тақозо менамояд, ки маҷмуи чораҳои ҳамоҳангшудаи иқтисодӣ, институтсионалӣ ва технологӣ дар асоси таҳлилҳои амиқи вазъи бозор, иқтидори истеҳсолӣ ва тамоюлҳои рушди ҷаҳонӣ таҳия ва татбиқ карда шаванд.

Яке аз самтҳои калидии ин консепсия танзими самараноки воридоти маҳсулоти кишоварзӣ мебошад, ки бояд дар асоси принсипи тавозуни манфиатҳои истеҳсолкунандагон ва истеъмолгарон амалӣ гардад. Сиёсати протексионистӣ бояд ба таъмини тавозуни байни ҳифзи истеҳсолкунандагони ватанӣ ва ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон равона гардад. Аз ин лиҳоз, пешгирии рақобати нобаробар ва воридоти маҳсулоти арзон ё пастсифат бояд ҳамзамон бо таъмини дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти босифат ва нархҳои муътадил амалӣ карда шавад. Ин раванд танҳо бо истифодаи механизмҳои чандир ва ба шароити бозор мутобиқшуда имконпазир мегардад.

Дар баробари ин, баланд бардоштани иқтидори истеҳсолӣ ва технологӣ ҳамчун омили асосии муваффақияти сиёсати протексионистӣ баррасӣ мегардад. Ҷорӣ намудани технологияҳои муосири кишоварзӣ, рақамикунонии равандҳои истеҳсолӣ, истифодаи системаҳои обёрии самаранок ва рушди зотпарвариву тухмипарварӣ метавонанд сатҳи ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулотро ба таври назаррас боло баранд. Ин омилҳо на танҳо рақобатпазирии дохилиро зиёд мекунанд, балки имконияти воридшавиро ба бозорҳои хориҷӣ низ фароҳам меоранд.

Такмили инфрасохтори истеҳсолӣ, логистикӣ ва бозорӣ низ яке аз самтҳои муҳим ба шумор меравад. Бе рушди анборҳои муосир, марказҳои коркард, шабакаҳои нақлиётӣ ва низоми самараноки тақсимот, татбиқи сиёсати протексионистӣ натиҷаи пурра дода наметавонад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки давлат ва бахши хусусӣ дар якҷоягӣ барои бунёди занҷираи пурраи арзиши иловашуда дар соҳаи кишоварзӣ саҳм гузоранд.

Таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ низ аҳаммияти калидӣ дорад. Танзими шаффоф ва самараноки воридот, назорати сифати маҳсулот, мубориза бо воридоти ғайриқонунӣ ва риояи стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ бояд дар маркази таваҷҷуҳи сиёсати давлатӣ қарор гиранд. Барои ин, такмили фаъолияти мақомоти танзимкунанда ва баланд бардоштани сатҳи масъулият ва ҳисоботдиҳии онҳо зарур мебошад.

Консепсия, инчунин, бояд бо дастгирии устувори сатҳҳои гуногуни ҳукуматӣ ва ҳамоҳангии байниидоравӣ амалӣ гардад. Танҳо дар ҳолати мавҷудияти идоракунии ягона ва ҳамгиро метавон натиҷаҳои устувор ва дарозмуддат ба даст овард.

Татбиқи ин консепсия то соли 2030 метавонад ба ташаккули низоми устувори кишоварзӣ, афзоиши амнияти озуқаворӣ, баланд бардоштани сатҳи худтаъминкунии кишвар ва тақвияти мавқеи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мусоидат намояд.

Илова бар ин, таъмини шаффофият ва масъулияти ниҳодҳои идоракунӣ, инчунин, ҷалби фаъолонаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба

раванди назорат ва баҳодиҳӣ барои коҳиши фасод ва баланд бардоштани эътимоди шаҳрвандон ба сиёсати давлатӣ муҳим аст. Дар доираи ин консепсия бояд механизми мукаммали мониторинг ва арзёбии натиҷаҳои татбиқи сиёсати протексионистӣ ҷорӣ карда шавад, то ки таъсири чораҳо дар сатҳи иқтисод ва иҷтимоият мунтазам пайгирӣ ва таҳлил гардад ва тағйироти зарурӣ дар суратҳисоб гирифта шаванд.

Консепсия бояд ба рушди иқтидори инсонӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намояд. Инчунин, омӯзиши мунтазами фермерон ва истеҳсолкунандагон дар усулҳои нави агротехникӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва идоракунии бизнес, инчунин, дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ метавонад ба баланд бардоштани сифати маҳсулот ва афзоиши истеҳсолот мусоидат намояд. Ҳамин тариқ, рушди устувори бахши кишоварзӣ тавассути эҷоди муҳити мусоид барои навоварӣ ва тақвияти иқтидори инсонӣ таъмин карда мешавад.

Аз ин рӯ, татбиқи ҳамаҷонибаи Консепсияи идоракунӣ ва самаранокии сиёсати протексионистӣ, ки маҷмуи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, экологӣ ва институтсионалиро ба назар мегирад, метавонад то соли 2030 ба ташаккули модели устувори рушди бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд. Чунин модел бояд на танҳо ба ҳифзи бозори дохилӣ равона гардад, балки ба афзоиши иқтидори истеҳсолӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо ва тақвияти рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ нигаронида шавад. Рушди устувори кишоварзӣ дар ин замина маънои таъмин намудани тавозуни дарозмуддат миёни талабот ва пешниҳоди маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори дохилӣ, коҳиш додани вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва баланд бардоштани саҳми истеҳсолоти ватанӣ дар таъмини амнияти озуқавории кишвар равона карда мешавад. Ин раванд, ҳамчунин, ба диверсификатсияи истеҳсолот, рушди коркарди амиқи маҳсулоти кишоварзӣ ва эҷоди арзиши иловашуда дар дохили кишвар мусоидат менамояд.

Аз нуқтаи назари иҷтимоӣ, татбиқи консепсия метавонад ба беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, афзоиши ҷойҳои корӣ, коҳиши сатҳи

камбизоатӣ ва тақвияти устувории иҷтимоии ҷомеа оварда расонад. Ҳамзамон, баланд шудани даромади истеҳсолкунандагони ватанӣ ва дастрасии истеъмолгарон ба маҳсулоти босифат ва бехатар яке аз натиҷаҳои муҳимми ин сиёсат ба шумор меравад. Аз ҷиҳати иқтисодӣ, татбиқи ин консепсия ба афзоиши самаранокии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, рушди инфрасохтори муосир, ҷалби технологияҳои пешрафта ва таҳкими ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ мусоидат хоҳад кард. Амалӣ гардидани тадбирҳои пешбинишуда барои таҳкими иқтидори иқтисодии кишвар, рушди истеҳсолоти рақобатпазир, афзоиши иқтидори содиротӣ ва васеъ намудани имкониятҳои иштироки истеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозорҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ шароити зарурӣ фароҳам месозад.

Ҳамзамон, ҷанбаи ҳуқуқӣ ва институтсионалии Консепсия ҳамчун яке аз заминаҳои калидии татбиқи он баромад менамояд. Таъмини самаранокии сиёсати протексионистӣ, пеш аз ҳама, тақозо менамояд, ки заминаи ҳуқуқии зарурӣ такмил дода шуда, фаъолияти ниҳодҳои масъул тақвият ёфта ва низоми шаффоф, ҳамоҳанг ва устувори идоракунӣ ташаккул дода шавад. Аз ин рӯ, такмили механизмҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалии татбиқи сиёсати мазкур бояд ҳамчун самти афзалиятноки Консепсия баррасӣ гардад.

Тақвияти назорат, такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани масъулияти сохторҳои марбута аз омилҳои калидии ин раванд ба ҳисоб мераванд.

